**Шуҳрат Эргашев, Бегзод Ҳоҷаев,
Ҷамшед Абдуллоев**

# ТАЪРИХИ ҶАҲОН

**(Солҳои 1991–2017)**

***Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 11-уми мактабҳои таълими миёна***

Нашри якум

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст

Тошканд
«TURON-IQBOL»
2018

**УЎК 94(100)(075.3)=222.8**
**КБК 63.3(0)**

**Т 36 Эргашев Шуҳрат**
Таърихи ҷаҳон [Матн]: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 11-уми мактабҳои таълими миёна / Ш. Эргашев, Б. Хоҷаев, Ҷ. Абдуллоев. – Тошканд: «Turon-Iqbol», 2018. – 144 с.

**КБК 63.3(0)**

**Муҳаррирони масъул:**
**М. Раҳимов** – доктори илмҳои таърих, профессор,
**Т. Бобоматов** – номзади илмҳои таърих.

**Тақриздиҳандагон:**
**Қ. Раҷабов** – доктори илмҳои таърих, профессор;
**Г. Пасилова** – муаллими фанни таърихи мактаби рақами 257-уми ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд;
**Ф. Аманова** – муаллими фанни таърихи мактаби рақами 248-уми ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд;
**О. Эргашев** – муаллими фанни таърихи мактаби рақами 22-юми ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошканд.

**Аломатҳои шартӣ**


Супориш оид ба кор бо интернет


Эзоҳи шартӣ


Ба хотир оред



Дар хотир доред


Супориш оид ба кор бо харита


Худатонро санҷед


Супориши эҷодӣ

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-14-538-2

© Ш. Эргашев ва дигарон., 2018.
© «TURON-IQBOL», 2018.

# МУҚАДДИМА

Дар даври таърихи ҷаҳон, ки аз соли 1991 сар шудааст, дар сохтори иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии дунё дигаргуниҳои бузург рӯй дод. Дар ин давр марҳилаи нави инқилоби илмию техникӣ – инқилоби компютеру ахборот сар зад, ки ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият таъсири калон расонид. Зери таъсири ин инқилоб дар кишварҳои мутараққӣ ҷараёни гузариш аз марҳилаи индустриалии тамаддун ба марҳилаи постиндустриализм, асри ахборот оғоз ёфт.

Китоби дарсие, ки дар даст доред, дар баробари баёни воқеаҳои ин давр таҳлил намудани марҳилаи мазкури тараққиёти ҷамъият ва ба Шумоён-донишомӯзоне, ки дар остонаи ҳаёти мустақил ҳастед, донишро оид ба дарки имконоти муқаррар кардани истиқболи зиндагӣ ташаккул медиҳад. Ин донишҳо барои дарки маданияти ҳар як халқи ҷаҳон ҳодисаи ноёби ба худ хос буданаш, усулиятҳои гуманизм ва ватанпарварӣ, арзишҳои умумбашарии ба ғояҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ асосёфта кӯмак мерасонанд. Барои донистани қонуниятҳои муҳими тараққиёти ҷамъият, пайдо кардани тасаввурот оид ба роҳҳои ба худ хоси пешрафт ва истиқболҳои он имкон медиҳад. Донишҳои шумо азбарнамуда, инчунин, таҷрибаи пешқадами таърихии кишварҳо дар роҳи татбиқи эҷодии онҳо дар Ӯзбекистон ёрӣ хоҳанд расонд.

# ИСТИЛОҲҲОИ МУХТАСАРШУДА ДАР КИТОБИ ДАРСӢ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

НАТО – (англ. Nort Atlantic Treaty Organization) – Блоки ҳарбии Атлантикаи Шимолӣ

ИЕ – Иттифоқи Европа

СССР – (рус. Союз Советских Сотсиалистических Республик) – собиқ Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ

РСФСР – Республикаи Советии Сотсиалистии Федеративии Россия

ШМА – Штатҳои Муттаҳидаи Америка

БРИКС – (англ. BRICS – Brazil, Russia, India, China, South Afrika) – иттифоқи мамлакатҳои Бразилия, Россия, Ҳиндустон, Хитой, Африкаи Ҷанубӣ.

ИИТ – инқилоби илмию техникӣ

МУД – маҳсулоти умумии дохилӣ

ASEAN – Ассосиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ

# БОБИ I. КИШВАРҲОИ ДУНЁ ДАР ОХИРИ АСРИ XX – ИБТИДОИ АСРИ XXI

## МАВЗӮИ 1. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XX – ИБТИДОИ АСРИ XXI

Марҳилаи сеюми даври навтарини таърихи ҷаҳон аз соли 1991 оғоз ёфта, воқеаҳои то имрӯз содиршударо меомӯзад. Дар ин давр барбод рафтани сохти сотсиалистӣ, пароканда шудани СССР ба нисбати қувваҳо дар миқёси дунё, ба мувозинати мавҷудаи геосиёсӣ таъсири бузург расонид.

**Созмони Милали Муттаҳид кай ташкил шуда буд?**

Дар ин давр глобализатсияи ҳаёти иқтисодӣ ва маданӣ, тезутундшавии муаммоҳои экологӣ, пурзӯршавии зиддиятҳои вобаста ба ҷараёнҳои баохирнарасидаи модернизатсияи қисми бузурги дунё ба суботу барқарории байналмилалӣ хавфи ҷиддӣ овард, ба манбаи муаммоҳои мураккаби аксар кишварҳо табдил ёфт.

**Муносибатҳои байналмилалӣ дар охири солҳои 90-уми асри XX.** Зиддиятҳои байни блокҳои ҳарбию сиёсии капиталистӣ ва сотсиалистӣ, ки баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ нисбати қувваҳоро дар ҷаҳон муайян мекарданд, дар солҳои 1990 барҳам хӯрданд. Аммо, дар айни вақт, хавфи моҷароҳои минтақавӣ ва “ҷангҳои хурд” пурзӯр шуда, ҳимояи ҳуқуқу бехатарии шахс ва халқҳо, таъмин намудани алоқаҳои гуманитар-ҳуқуқию маданӣ, масъалаҳои пахши ахбороти объектив ба муаммоҳои сахттарини сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфтанд.

Дар ибтидои солҳои 1990 дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Аввалан барҳам хӯрдани сотсиализм дар кишварҳои Европаи Марказӣ ва Шарқӣ, баъд парокандашавии СССР ва дар натиҷаи он ба поёнрасии модели “дунёи дуқутбӣ” дар ҷаҳон ҳукмронии як қутб, яъне ҳукмронии давлатҳои Ғарб ба сарварии ШМА барпо карда шуд. Мушкилиҳои кишварҳои собиқ лагери сотсиалистӣ, муттаҳидшавии Германия ва ҷараёнҳои интегратсионии давлатҳои Ғарб ба муносибатҳои байналмилалии охири асри XX- ибтидои асри XXI омили муҳим гардиданд.

Дар айни замон дигар шудани низоми дунёи дуқутбӣ дар инкишофи сиёсии якчанд давлатҳо ба дигаргунии куллӣ, ба барҳам хӯрдани мафкураи тоталитарӣ оварда расонд. Ба ҷойи холии (вакууми) мафкуравии пайдошуда ғояҳои миллатгароӣ, динии мутаассибӣ, таҷовузгарона дохил шуда омаданд. Ҳаракатҳои сулҳпарваронаи СММ на ҳама вақт самараи худро доданд. Баъди барҳамхӯрии дунёи дуқутбӣ ҷойи хавфи задухӯрди глобалиро хавфи ҷангҳои локалӣ (хурд) ишғол намуд.

Ғайр аз муаммоҳои ҳудудҳои собиқ СССР ва Югославия аҳволи Шарқи Наздик чун пешина танг шуда монд. Ҳамчунин, кӯшишҳои Ҳиндустону Покистон барои соҳиби силоҳи ядроӣ шудан зиддиятҳои ин минтақаро пуршиддат карданд.

Беқарории сиёсӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё моҷароҳои нав ба навро ба вуҷуд овард. Дар охири солҳои 1990 як қатор мамлакатҳои Африкаи Тропикӣ ва Ҷанубӣ ба майдони ҷангҳои хунин, табаддулотҳои давлатӣ, ҳаракатҳои партизанӣ табдил ёфтанд.

**Муносибатҳои байналмилалӣ дар ибтидои асри XXI.** Дар ибтидои асри XXI ҷараёнҳои пайдо шудани давлатҳои нави пурқудрати ҷаҳон ва ба марказҳои муқобил табдилёбии онҳо ба назар мерасанд. Ба афзудани таъсири ин гуна давлатҳо пурзӯршавии имкониятҳои иқтисодии онҳо омили асосӣ шуд. Соҳиби силоҳи ядровӣ шудани Ҳиндустон, Покистон ва Кореяи Шимолӣ мустақилии онҳоро дар бобати муносибатҳои байналмилалӣ пурзӯр кард. Эрон ҳам ба пурзӯр намудани роли худ кӯшишҳо кард, барномаи ядровии оғознамудаи вай ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овард.



Дунёи садранг

Бо суръати баланд пеш рафтани Хитой ва Бразилия онҳоро аз сафи кишварҳои "ҷаҳони сеюм" ба сафи давлатҳои даҳгонаи тараққикардаи иқтисодӣ ва ба қатори пешсафони сиёсати дунё баровард. Ҳамин гуна давлатҳои ривоҷёбанда ба мисли Туркия, Арабистони Саъудӣ, Мексика, давлатҳои араби минтақаи халиҷи Форс ва монанди инҳо ба муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таъсири бузург расонида тавонистанд. Дар айни вақт таъсири ШМА дар бобати муносибатҳои байналмилалӣ ба ин давлатҳо кам шуд. Ҳамин тариқ, ҷараёни ташаккулёбии модели дунёи бисёрқутбӣ сар шуд. Дар ин ҷараён ҳар кадом давлат барои ноил шудан ба мавқеи худ кӯшиш мекунад.

Суханронии Президенти Республикаи Ўзбекистон Ш.Мирзиёев дар санаи 19 сентябри соли 2017 дар сессияи 72-уми СММ ба муайян кардани мақоми Ўзбекистон дар ҷараёни ташаккули дунёи бисёрқутбӣ ва глобализатсия нигаронида шуда буд. Пешниҳодоти вай дар бобати ба ҳудуди сулҳу оромӣ ва тараққиёт табдил додани Осиёи Марказӣ, иштироки ҷаҳон дар ҳалли муаммоҳои Арал, таъмини сулҳ дар Афғонистон ва зарурати ҳимояи ҷавонон аз хатари терроризм аз тарафи аҳли ҷаҳон гарму ҷӯшон пазируфта шуд.

Дунё бошиддат дигар шуда истодааст. Аз таъсири инқирози молиявии ҷаҳон дар солҳои 2008–2009 ба иқтисоди ИЕ ва ШМА истифода бурда давлатҳои нави зуҳуркардаи пурқудрати дунё барои дигар кардани нисбати қувваҳои иқтисодӣ кӯшида истодаанд. Дар айни вақт давлатҳои Ғарб бо мақсади боло бурдани имконияти идоракунандагии иқтисодиёти ҷаҳон бо кишварҳои тараққикунанда наздик шудан мехоҳанд. Бинобар ин клуби "G-20" ташкил карда шуд, ки аз намояндагони 20 то давлати иқтисодиёташон пешрафтаи дунё иборат аст. Мамлакатҳои G-20 имконияти ба иқтисодиёти ҷаҳон расонидани таъсири ҷиддиро доранд. Зеро 80 фоизи маҳсулоти умумии дохилии ҷаҳон айнан ба ин давлатҳо рост меояд. Аз се ду қисми аҳолии кураи замин низ дар ин кишварҳо истиқомат мекунанд.



**19-уми сентябри соли 2017 ...**
**Солҳои 2008 — 2009 ...**
**Марҳилаи сеюми даври навтарин — ин ...**

Сарфи назар аз пурзӯршавии ҳамкорӣ ва интегратсияи иқтисодӣ дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ чандин муаммоҳои ҳалталаб мавҷуданд. Онҳо пеш аз ҳама бо моҷароҳои Шарқи Наздик (Ироқ, Фаластин, Сурия),

Кореяи Шимолӣ, Украина ва Африка вобаста аст. Муносибатҳои гуногуни кишварҳои Ғарб, Россия ва Хитой нисбат ба ҳалли ин муаммоҳо алоқаҳои байни онҳо мураккаб намудааст.

Муносибати мураккаби байни ду давлати бузурги дорои силоҳи ядроӣ – ШМА ва Россия ба ҳалли якчанд муаммоҳои дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ истода халал расонда истодааст. Терроризми байналмилалӣ аз ҷумлаи он муаммоҳои хеле хатарнок мебошад. Он дар ҳоле, ки ҷараёни ташаккулёбии тамаддуни глобалии ҷаҳон ба марраи охири худ мерасад, сифати нав касб намуд ва ба муаммои калони сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Дигаргуниҳои муносибатҳои байналмилалӣ дар асри XXI пешбарӣ намудани ғояи барпо намудани тартиби нави дунё ба асоси амният ва ҳамкории байналмилалиро тақозо карданд. Аммо амалӣ кардани ин вазифа ҳамкории кишварҳои дунё, пеш аз ҳама, давлатҳои намоёнро талаб мекунад.

Баъди поён ёфтани "ҷанги сард" дар муносибатҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама ҳолати ҳамкории байни ШМА ва Россия то соли 2014 давом кард. Ҳамон сол дар Украина бӯҳрони сиёсӣ сар зад ва байни Россияю давлатҳои Ғарб муқовимати ҷиддию сахт ба марҳилаи нав баромад.




**Дар ибтидои солҳои 1990 дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ гардиши куллӣ ба вуҷуд омад.**

**Ҳолати ҳамкории байни ШМА ва Россия бавуҷудомада то соли 2014 давом кард.**

Инсонияти ба асри XXI расида омада на танҳо ба мушкилиҳои глобалӣ, балки ба муаммоҳое рӯбарӯ омад, ки ба дигаршавии ҳолати геосиёсӣ вобаста мебошанд. ШМА, ки давлати ягонаи тавоно аст, роли пешсафии худро ба сифати хоҳишу иродаи ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дода меоянд. Истифодаи қувваҳои ҳарбӣ дар Ироқ ва собиқ Югославия, Афғонистон ва Сурия, васеъшавии Иттифоқи Атлантикаи Шимолӣ, истифодаи васеи қувва дар дигар минтақаҳои сайёраамон гегемонии мутлақи ШМА-ро дар дунё намоиш дод. Аммо Хитой, Россия, Ҳиндустон барин давлатҳо, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ бештар аз пешина нақш доранд, ба он даъвои гегемонии ШМА розӣ намешаванд. Дар ин шароит бехатарии ҳақиқии инсоният на бо чуқур шудани зиддияти байни мамлакатҳо ва халқҳо, балки бо ҳифзи тамаддун (сивилизатсия) ва ҳамкорие, ки ба таъмини тараққиёти он хизмат хоҳад кард, вобаста мешавад.

**Глобализатсия** – (фарогирӣ) – ҷараёни якҷояшавӣ ё наздикшавии кишварҳои дунё аз ҷиҳати иқтисодӣ, маданӣ ва динӣ мебошад.

**Модернизатсия** – пурра ё қисман нав кардани низоми (тартиботи) иҷтимоӣ бо мақсади тараққиёти босуръат, ҷараёни гузариш аз ҷамъияти анъанавӣ ба ҷамъияти нав, аз тамаддуни аграрӣ ба тамаддуни индустриалӣ (саноатӣ).

**Мафкураи тоталитарӣ** – шакли режими мафкуравӣ буда, дар ҷомеаи тоталитарӣ воситаи ба таври оммавӣ аз нав тарбия кардани аҳолӣ мебошад.

**Дунёи бисёрқутбӣ** – ҳолати мавҷуд будани якчанд марказҳо (қутбҳои) сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва маданӣ дар ҷаҳон, ки аз якдигар афзалият надоранд.

**Дунёи сеюм** – истилоҳи сиёсии хоси нимаи дуюми асри XX. Он нисбат ба "ҷанги сард" ва вобаста ба он нисбат давлатҳое, ки ба мусобиқаи мусаллаҳшавӣ бевосита иштиррок намекарданд, истифода шудааст. Аввал тарафдорони ШМА ва ҳамаи он мамлакатҳое, ки ба лагери сотсиалистӣ дохил набуданд, "дунёи сеюм" ном гирифта буданд.

**ИИТ (инқилоби илмию техникӣ)** – гузаштан ба даври сифатан нави инкишофи илму техника, ҷаҳиши бузург ва дар асоси он ба куллӣ аз нав сохтани қувваҳои истеҳсолот.

**Интегратсия** – ҷараёни муттаҳид шудани давлатҳои мустақил бо мақсади ташкил кардани майдони иқтисодие, ки дар он мол, хизмат, молия, сармоя (инвеститсия), қувваи корӣ озод ҳаракат менамояд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Баъди барҳам хӯрдани ду блоки ба ҳам зидди ҳарбию сиёсӣ муаммоҳои муҳимтарини муносибатҳои байналмилалӣ аз чиҳо иборат шуд?
2. Дигаргуниҳои куллие, ки дар ибтидои солҳои 1990 рӯй дод, дар чиҳо намоён мегардид?
3. Ташкилёбии модели дунёи бисёрқутбӣ дар асри XXI дар кадом ҷараёнҳои муносибатҳои байналмилалӣ намоён шуд?
4. Аз материалҳои китоби дарсӣ истифода бурда рӯйихати омилҳои муҳимро, ки ба муносибатҳои байналмилалӣ дар охири асри XX-ибтидои асри XXI таъсир мерасонданд, тартиб диҳед.

## Кори мустақилона



Бо харитае, ки дар матн оварда шудааст, шинос шавед ва дар мавзӯи “Дунёи садранг” эссе нависед.

# МАВЗӮИ 2. ИНҚИЛОБҲОИ ДЕМОКРАТӢ ДАР КИШВАРҲОИ ЕВРОПАИ ШАРҚӢ ВА ПОШХӮРИИ ЛАГЕРИ СОТСИАЛИСТӢ

**Пошхӯрии сохти сотсиалистӣ.** Барҳам хӯрдани сохти сотсиалистӣ дар кишварҳои Европаи Шарқӣ ҳар гуна сурат гирифт. Дар он кишварҳое, ки дар замони бозсозӣ ислоҳот фаъолона ба амал баромада, плюрализми мафкуравӣ татбиқ шуда буд ва раҳбарони он мамлакатҳо дигаргуниҳоро ҳис намуданд, барҳамхӯрии сотсиализм ҳамвор ба амал омад.



**Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар мамлакатҳои Европаи Шарқӣ бо кадом натиҷаҳо поён ёфта буд?**

Дар Полша эътирози аҳолӣ аз сохти сотсиалистии мамлакат аз соли 1988 сар шуд ва онҳо ислоҳоти сиёсиро, ҳуқуқи фаъолияти озодона бурдани иттифоқи касабаи “Якдилӣ”-ро бо раҳбарии Лех Валенса талаб намуданд.

Интихоботи соли 1989 беобрӯгии Партияи муттаҳидаи коргарони Полша (ПМКП) ва дар айни вақт оммавӣ гаштани иттифоқи касабаи “Якдилӣ”-и дар мухолифат бударо нишон дод. Парламенти нав ба конститутсия тағйирот дохил карда, Полшаро давлати ҳуқуқбунёди демократӣ эълон намуд. ПМКП фаъолияти худро боздошт. Соли 1990 дар интихоботи ғайринавбатии президентӣ Лех Валенса ғалаба кард.



Лех Валенса



Ион Илийеску

Дар Руминия барҳом хӯрдани тартиботи коммунистӣ бар оқибати задухӯрди ҷиддии ҳарбӣ рӯй дод. Моҳи декабри соли 1989 дар шаҳри Тимишоара аҳолӣ ба намоиши сулҳхоҳонаи зидди тартиботи Н.Чаушеску баромад. Аммо ходимони хизмати махфии Руминия ба намоишгарон тир кушоданд. Дар натиҷаи он дар сар осари кишвар шӯриш сар шуд. Армия ба тарафи шӯришгарон гузашт. Чандин ҳазор одамон танксавор бинои Шӯрои давлатиро иҳота карданд. Ин шӯриш бо ҷараёни суд бар Н. Чаушеску ва рафиқааш, бино ба ҳукми суд парронданӣ онҳо анҷом ёфт. Дар ин шӯришҳо беш аз ҳазор нафар ҳалок гардиданд. Ҳокимият ба ихтиёри Фронти наҷоти миллӣ, ки рӯзҳои шӯриш ташкил шуда буд, гузашт. Раиси кумита Ион Илийеску дар интихоботи соли 1990 президенти мамлакат интихоб шуд.



**Аз соли 1988 дар Полша ...** **Дар соли 1990 ...**
**Дар соли 1989 дар Полша ...** **ПМКП – ин ...**

Муттаҳид шудани Германия яке аз воқеаҳои муҳимтарини баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ гардид. Дар охири солҳои 1980 дар Республикаи Демократии Германия бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ авҷ гирифт ва он моҳи ноябри соли 1989 ба афтидани девори Берлин, ки ду давлати немисро аз ҳам ҷудо мекард, оварда расонд. Дар амал ин воқеа кушода шудани сарҳади ду Германия буд. Моҳи сентябри соли 1990 дар Москва шартнома дар бораи ба Республикаи Федеративии Германия муттаҳид шудани ду давлати немис ба имзо расид.

**Кишварҳои Европаи Шарқӣ дар охири асри XX-ибтидои асри XXI.** Дар натиҷаи инқилобҳои демократии асосан бо роҳи сулҳ ба амал омада давлатҳои Европаи Шарқӣ Иттифоқи Европаро ҳамчун роҳи тараққиёти иқтисодию сиёсӣ интихоб карданд. Ҳамаи давлатҳои Европаи Шарқӣ аъзои НАТО шуданд.

Гузариш ба иқтисоди пурҷадали бозор якчанд муаммоҳои ҷиддиро ба пеш овард. Афзоиши дараҷаи инфлятсия ва бекорӣ, паст рафтани сатҳи зиндагӣ, тақсимшавии ҷамъият ба бойҳо ва камбағалони сершумор мушоҳида мешуд. Дар натиҷа, аҳолӣ ҳукуматҳоеро, ки барои ислоҳот ҷавобгар буданд, дастгирӣ накард. Дар оқибати дигаршавии муҳити

иҷтимоӣ дар Полша яке аз машҳуртарин сиёсатмадорони солҳои 1990 дар Полша Лех Валенса дар интихоботи президентӣ мағлуб шуд. Сарфи назар аз тазйиқи зӯри мафкуравӣ чапҳо дар Литва, баъд дар Албания ба сари ҳокимият омаданд.



Давлатҳои Европаи Марказӣ ва Шарқӣ

Дигаргунсозиҳо нисбат ба дигар кишварҳои Европа дар **Югославия** каме мураккаб сурат гирифтанд. Афтидани сохти сотсиалистӣ дар Республикаи Федеративии Югославия, ки аз шаш республика иборат буд, барои фаъол шудани қувваҳои миллатгаро ва ҷудоихоҳ (сепаратистон) имконият фароҳам овард. Дар оқибати он солҳои 1991–1992 давлати Югославия пароканда шуд. Фақат Сербия ва Черногория дар федератсия монданд. Словения, Хорватия, Босния-Герсоговина ва Македония ба давлатҳои мустақил табдил ёфтанд. Аммо ба давлатҳои мустақил ҷудо шудани онҳо зиддиятҳои этникиро авҷ гиронд.



**Ноябри соли 1989...** **Соли 1990 дар Москва...**
**Солҳои 1991—1992...**

Баъд аз соли 1990 дар Сербия албанҳои мусулмон "Республикаи Косово"-и худро эълон карданд. Он ҳодиса ба моҷарои мусаллаҳона бо Сербия оварда расонд ва ба он НАТО дахолат кард. Соли 1999 лашкари НАТО Югославияро бомбардимон намуд. Моҷаро ба бӯҳрони сартосарии Европа табдил ёфт.




Пароканда шудани Югославия

Боз як вазъияти вазнин дар Босния ва Герсоговина ба вуҷуд омад. Дар ин ҷо сербҳо, хорватҳо ва мусулмонҳо таърихан ҳамсоявор зиста омадаанд. Аз ин сабаб ба фарқи этникӣ зиддияти динӣ низ зам шуд. Зиддиятҳои миллӣ дар Босния ва Герсоговина алоҳида тезутунд шуданд. Сербҳо, ки нисфи аҳолиро ташкил медоданд, аз таркиби Югославия баромадан нахостанд ва Республикаи сербҳои Боснияро эълон карданд. Солҳои 1992–1994 байни сербҳо, мусулмонҳо ва хорватҳо моҷарои ҳарбӣ сар шуда ин ба қурбониёни зиёд дар байни аҳолӣ оварда расонд. Барои яктарафа намудани моҷарои этникӣ дар Босния ба ин ҷо қувваҳои ҳомии сулҳи СММ дароварда шуд ва ҷанг дар кишвар қатъ ёфт. Бино ба референдуми соли 2006 Черногория аз Сербия ҷудо шуда баромад. Республикаи Югославия барҳам хӯрд.

**Чехословакия** роҳи сулҳомези ҳалли муаммоҳои миллиро интихоб кард. Дар натиҷаи референдуми соли 1992 аҳолии кишвар барои ҷудо шудан қарор намуд. Ҷараёни ҷудошавӣ ҷиддӣ муҳокима шуд ва ба он пухта тайёрӣ диданд. 1-уми январи соли 1993 дар харитаи дунё ду давлати мустақил – Республикаи Чехия ва Республикаи Словакия пайдо шуданд.




**Дар Чехословакия бо мақсади ҳалли муаммоҳои миллӣ соли 1992 референдум гузаронида шуд.**

**Соли 1999 лашкари НАТО Югославияро зери бомбаҳо гирифт.**

Воқеаҳои кишварҳои Европаи Шарқӣ ба дигаргуншавии сиёсии байналмилалӣ таъсири калон расонд. Ин кишварҳо акнун ташкилотҳои иқтисодӣ ва ҳарбию сиёсии давлатҳои Европаи Ғарбӣ, пеш аз ҳама ИЕ ва НАТО-ро ба худ ҷалб намуданд. Венгрия, Латвия, Литва, Эстония, Полша, Словения, Словакия ва Чехия, Руминия ва Булғория ба ИЕ аъзо шуданд. Мавҷуд будани анъанаҳои демократӣ дар ин кишварҳо ва мансуб будан ба тамаддуни умумии Европаи Ғарбӣ ба инкишофи онҳо таъсири мусбӣ расонд. Болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишварҳои Европаи Марказӣ ва Шарқӣ боварии онҳоро баислоҳоти демократии ҷамъият пурзӯр намуд.

Аммо дар аксари ин кишварҳо сатҳи бекорӣ баланд аст, як қисми аҳолӣ ба давлатҳои мутараққии Европаи Ғарбӣ баромада, барои дарёфти кор маҷбуранд. Сарфи назар аз он Европаи Марказӣ ва Шарқӣ барои аз нигоҳи иқтисодӣ ва маданӣ наздик шудан ба Европаи Ғарбӣ қадами

қатъӣ гузошта истодаанд. Баланд будани сатҳи коррупсия дар ҷамъият яке аз муаммоҳои калонтарини ин давлатҳо боқӣ мондааст.



**Принсипи бисёрҳизбӣ (бисёрпартиявӣ)** – яке аз усулиятҳои асосии конститутсиявии ташкил намудани ҳаёти сиёсӣ дар кишварҳои замонавии демократӣ буда, зуҳуроти намоёни плюрализми (гуногунандешӣ) мафкуравӣ ба ҳисоб меравад.

**Моҷарои этникӣ** – одатан задухӯрди ҷамоаҳои мансуб ба гурӯҳҳои гуногуни этникӣ аст, ки бо якдигар ҳамсоя мебошанд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар кишварҳои Европаи Шарқӣ пош хӯрдани сохти сотсиалистӣ чӣ гуна ба амал омад?
2. Кишварҳои Европаи Шарқӣ ҳангоми аъзо шудан ба НАТО ғайр аз кафолати бехатариашон боз кадом афзалиятро диданд?
3. Дар кишварҳои Европаи Шарқӣ баъди пош хӯрдани сотсиализм чӣ гуна муаммоҳо пайдо шуданд?
4. Аз матн истифода бурда рӯйихати нави давлатҳоро тартиб диҳед, ки баъди пароканда шудани сотсиализм дар Европаи Шарқӣ пайдо шуданд?

## Кори мустақилона



Аз харита истифода бурда, ҳудудҳои мансуб ба давлатҳои Европаи Марказӣ ва Шарқиро ба мақомашон нигоҳ карда, тасниф диҳед ва эзоҳ намоед.



Аз матн истифода бурда, хронологияи (солномаи) тағйироти демократиро дар кишварҳои Европаи Шарқӣ тартиб диҳед.

# МАВЗӮИ 3. ПОШ ХӮРДАНИ ДАВЛАТИ СОВЕТӢ ВА ЭЪЛОН ШУДАНИ МУСТАҚИЛӢ ДАР СОБИҚ РЕСПУБЛИКАҲОИ СОВЕТӢ

**Ташкилёбии ИДМ.** Охири соли 1991 ҳамаи республикаҳо аз таркиби СССР баромаданашонро эълон карданд. 8 декабри соли 1991 раҳбарони Россия, Украина ва Беларус вохӯрда, ҳамчун воҳиди сиёсӣ барҳам хӯрдани СССР ва ташкил шудани Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ)-ро тасдиқ карданд.

**СССР кай ва бо иштироки кадом давлатҳо таъсис ёфта буд?**

25 декабри соли 1991 президенти СССР М. Горбачёв дар бораи аз худ соқит кардани ваколатҳои сарвари давлат баёнот дод.

Декабри соли 1991 раҳбарони панҷ республикаи Осиёи Марказӣ дар пойтахти Туркманистон шаҳри Ашқобод ҷамъ омада, дар он баробарҳуқуқ будани давлатҳои аъзо ва ҳамчун таъсисчии ИДМ ба иттифоқ қабул шуданро маълум карданд. Декабри соли 1991 дар мулоқоте, ки дар шаҳри Олмаатои Қазоқистон баргузор шуд, Декларатсия (Баёния) қабул карда, ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ва воқеияти геосиёсӣ аз байн рафтани СССР таъкид карда шуд. Охири он сол ғайр аз республикаҳои соҳили Балтика—Латвия, Литва, Эстония ҳамаи собиқ республикаҳо ба ИДМ аъзо шуданд. Аммо Грузия соли 2008, Украина аз соли 2014 ба фаолияти ИДМ иштирок накарданашонро маълум карданд. Муғулистон дар якчанд сохтори ИДМ ҳамчун мушоҳид иштирок карда меояд. Соли 2008 Афғонистон нияти ба ИДМ дохил шуданро баён намуд, ҳоло дар ассамблеяи байни парламентии ИДМ ҳамчун мушоҳид иштирок менамояд.



Байрақи ИДМ

Ташкилёбии ИДМ баъди пош хӯрдани СССР дар бобати нигоҳ доштани робитаҳои иқтисодию гуманитарии байни собиқ республикаҳои советӣ, ҷилавгирӣ намудани ҳалокатҳои иҷтимоию гуманитарӣ, ҳалли муаммоҳои пайдошуда дар ҳамкорӣ роли муҳим бозид.

**Муаммоҳо баъди пошхӯрии СССР.** Баъди пошхӯрии СССР дар давлатҳои мустақили ташкилшуда як қатор мушкилиҳо пайдо шуданд. Яке аз онҳо бо инкишофи сиёсии онҳо вобаста буд. Дар давлатҳои дар ҳудуди собиқ СССР ташкилшуда барпо намудани сохти демократӣ аз ҷиҳати сиёсӣ хеле мушкил шуд, дар аксарияти давлатҳо режимҳои авторитарӣ ҷорӣ гардид. Ин ҳам якчанд сабаб дошт. Аз ҳама асосиаш сарфи назар аз эълони усулҳои демократӣ дар усулҳои раҳбарӣ, дар шуури иҷтимоӣ тафаккури дар замони шӯроҳо (советҳо) мавҷудбуда бартарӣ дошт. Дар натиҷаи он дар республикаҳои собиқ советӣ раҳбарони нисбатан бо роҳи демократӣ ба ҳокимият омада онҳоро давом дода натавонистанд, бо ҳар гуна роҳҳо ва баҳонаҳо ҳокимияти шахсии худро мустаҳкам карда, барои нигоҳ доштани он кӯшиданд. Мухолифат бешафқат бартараф карда шуд ва дар оқибат режимҳои авторитарӣ ташаккул ёфтанд.

Тараққиёти иқтисодии республикаҳои собиқ советӣ каме дигар хел сурат гирифт. Дар қисме аз онҳо нишонаҳои иқтисоди реҷавӣ боқӣ монд, қисми асосӣ роҳи иқтисоди бозорро интихоб намуд.



**Декабри соли 1991 ...** **Соли 2008 ...**
**25 декабри соли 1991 ...**

Парокандашавии СССР ба канда шудани алоқаҳои анъанавии иқтисодии байни собиқ республикаҳо оварда расонд. Собиқ республикаҳои советии ба мустақилӣ ноилшуда барои аз сари нав зери таъсири Россия намондан эҳтиётгарона ҳаракат мекарданд. Аз сабаби пастравии иқтисодӣ, технологӣ ва имкониятҳои ҳарбии Россия обрӯи вай дар арсаи ҷаҳонӣ низ поён рафт. Дар даҳсолаи охири асри XX иштироки Россия дар алоқаҳои иқтисодии дунё хеле кам шуд.

Пошхӯрии СССР ҳолати геостратегии Россияро тамоман дигар намуд. Обрӯи байналмилалии Россия паст шуда, дар ҳалли муаммои бузурги байналмилалӣ аз қабили бӯҳрони Югославия, Ироқ умуман иштирок накард.

Дар нимаи дуюми солҳои 1990 ҳолати иқтисодию иҷтимоии Россия ва муаммои русҳои берун аз Россия аҳамияти алоҳида касб намуд. Ба он муаммоҳои аз ҳудудҳои гуногуни собиқ СССР ба Россия кӯчида омадагон зам шуд. Дар ин замон русҳо яке аз миллатҳои хеле парокандаи дунё шуда монданд. Баъди пароканда шудани СССР 80 млн русҳо берун аз ҳудуди Россия монданд.



**Дар нимаи дуюми солҳои 1990 ...**
**Дар охири соли 1999 ...**
**Ба ибтидои асри XXI омада ...**

Охири соли 1999 Б. Елсин ваколати президентиро ба В. Путин супурд. Дар интихоботи моҳи марти соли 2000 В.Путин президенти Россия интихоб шуд. Ӯ низоми идоракунии давлатро ислоҳ кард. Ҳокимияти марказиро мустаҳкам намуда, ба худсариҳои маҳаллӣ хотима гузошт. Ба туфайли сиёсати оқилонаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ дар ибтидои солҳои 2000 Россия аз аҳволи вазнин баромад. Дар сиёсати хориҷӣ муносибатҳояш бо ШМА ва давлатҳои намоёни Ғарб мисли пешина таранг монд. Хусусан, баъди он, ки соли 2014 дар Украина инқилоби навбатии “рангин” ба амал омаду ҳокимият иваз шуд, Қрим ба Россия ҳамроҳ гардид, давлатҳои Ғарб ба Россия санксияҳои (ҷазоҳои) иқтисодӣ эълон намуданд, вай аз “Ҳаштгонаи бузург”—G-8 бароварда шуд. Дар иқтисодиёти Россия якчанд муаммоҳо ба вуҷуд омад, қиммати рубл паст фаромад. Ҳоло Россия дар доираи БРИКС ва ТҲШ ҳамкориро инкишоф медиҳад. Муносибатҳои байни ҳамдигарии давлатҳои ИДМ низ осон сурат нагирифт. Дар атрофи тақсим шудани флоти баҳри Сиёҳ дар байни Россия ва Украина, мақоми шаҳри Севастопол дар нимҷазираи Қрим баҳсҳо тезутунд давом кард. Байни Россия ва давлатҳои соҳили Балтика дар масъалаи аҳолии сершумори русизабони он ҷо ва ҳуқуқи онҳо мунозираҳо сахт давом карданд. Ҳангоми сар шудани ҷанги дохилӣ дар республикаҳои Тоҷикистон ва Молдова Россия бо назардошти манфиатҳои иқтисодию стратегиаш дар бартараф намудани ин муаммоҳо иштирок кард.




**Аз соли 2000 сар карда давлатҳои ИДМ суръатҳои хуби иқтисодиро нишон медиҳанд.**

**Соли 2014 ба туфайли “инқилоби рангин” дар Украина ҳокимият иваз шуд.**

Дар ибтидои асри XXI дар сиёсати хориҷии Россия дигаргуниҳои калон рӯй доданд. Ба муносибатҳо бо давлатҳои ИДМ низ эътибори калон дода шуд. Масалан, соли 2017 муносибатҳои Ӯзбекистон ва Россия ба сатҳи нав баромад, созишномаи калони ҳамкорӣ ба имзо расонда шуд.

Аз солҳои 2000 сар карда давлатҳои ИДМ суръати баланди пешравии иқтисодиро нишон дода меоянд. Аз рӯйи натиҷаҳои соли 2012 дар давлатҳои ИДМ афзоиши МУД (маҳсулоти умумии дохилӣ) 4 фоизро ташкил дод. Дар бобати ҳаҷми МУД ба саршумори аҳолӣ кишварҳои ИДМ аз Америкаи Лотинӣ, Шарқи Наздик барин минтакаҳо пеш рафтанд.

Ҳоло ғайр аз ИДМ ташкилотҳои минтақавии байналмилалӣ пайдо шуданд. Ташкилоти Ҳамкории Шанхай (ТҲШ), Иттифоқи Гумрукӣ аз ҷумлаи онҳост. Республикаи Ӯзбекистон дар фаъолияти ин ташкилотҳо дар заминаи манфиатдорӣ ва баробарӣ иштирок менамояд.



**Геостратегия** – самтҳои фаъолияти берунии сиёсӣ ва иқтисодии далват дар майдони байналмилалӣ. Геостратегия қисми ҷудонопазири доктринаи амнияти миллӣ буда, дар арсаи геосиёсӣ ё геоиқтисодӣ аз ҷониби давлат барои расидан ба мақсади худ технологияҳои ҳаракатро низ дар бар мегирад.

**“Инқилоби рангин”** — номи умумии намоишҳои эътирозӣ дар охири асри XX—ибтидои асри XXI ва дар натиҷаи онҳо рӯй додани ивазкунии ҳокимият.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Баъди пошхӯрии СССР дар ҳудуди собиқ давлати советӣ ИДМ чӣ гуна нақш бозид?
2. Дар инкишофи республикаҳои собиқ советии ба мустақилӣ ноилшуда кадом муаммоҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омаданд?
3. Баъди солҳои 2010 дар муносибатҳои байни Россия ва давлатҳои ИДМ чӣ гуна дигаргуниҳо рӯй доданд?
4. Аз солҳои 2000 сар карда дар пешравии давлатҳои ИДМ кадом тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд?

## Кори мустақилона



Аз Интернет истифода бурда, оид ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил суратҳо ёбед ва кластери рангин тартиб диҳед.

# МАВЗӮИ 4. ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОЛҲОИ 1991-2017

**Ислоҳоти иқтисодӣ.** Пас аз инқирози моҳи август соли 1991 ба лавозимҳои асосии Россия на намояндагони қувваҳои демократӣ, балки фаъолони партияи коммунистӣ омаданд. Аксари ин фаъолон гарчанде дар солҳои бозсозӣ алоқаашонро аз ҳизби коммунистӣ канда буданд, имкониятҳои ислоҳотхоҳашон маҳдуд буд. Е.Гайдар, ки аз тарафи Б.Елсин ба мансаби Сарвазирӣ пешниҳод шуд, "меъмори" ислоҳот дар Россия гардид.



**"Бозсозӣ" бо кадом сабабҳо худро сафед карда натавонист?**

Ислоҳот хеле бо душворӣ ҷорӣ мегардид. Даромади миллӣ ва истеҳсолоти саноатӣ хеле паст рафт. Баъди озод намудани нарх аз 1-уми январи соли 1992 қиммати чизҳо боло рафт. Дар аксари оилаҳо хароҷоти хӯрокворӣ қисми асосии даромади оиларо ташкил медод. Дар натиҷаи он дар Россия бори аввал баъд аз ҷанг нуфуси аҳолӣ ба кам шудан сар кард.

Инфлятсия ва беқарории сиёсӣ ба овардани сармоя аз хориҷа халал мерасонд. Соли 1999 қарзи хориҷии Россия аз 130 млрд доллар зиёд шуд. Ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ қарз намедодагӣ шуданд. Вазъи иқтисодии мамлакат ба аҳволи иҷтимоии аҳолӣ ҳам таъсир кард. Шумораи бекорон, гурезаҳо, қашшоқҳо ва бехонумонҳо афзуд.



**Августи соли 1991.. .** **1-уми январи соли 1992...**
**Е.Гайдар...** **Ба соли 1999 омада...**

**Ҳаёти сиёсии дохилӣ.** Дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ низ дигаргуниҳо рӯй доданд. Воқеаҳои август соли 1991, пошхӯрии СССР ва "терапеяи шок" дар ҷамъият бӯҳрони иҷтимоиро ба вуҷуд оварданд. Корпартоиҳо ва намоишҳои сиёсӣ ҳама ҷоро фаро гирифтанд.

Соли 1993 президент Б.Елсин съезди депутатҳои халқ ва Шӯрои Олиро пароканда кард, дар бораи ташкили мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ--

Шӯрои Федератсия ва Думаи давлатӣ ва оида гузаронидани референдум дар бораи конститутсияи нав фармон имзо кард. Аксарияти раҳбарияти Шӯрои Олӣ ва аъзоёни Суди конститутсионӣ фармони Президентро хилофи конститутсия гуфта, бар зидди вай баромаданд.




Федератсияи Россия

Ҷавобан ба он binoи Шӯрои Олӣ бо лашкар муҳосира карда, аз артиллерия парронда шуд.

Моҳи декабри соли 1993 ба Шӯрои Федератсия ва Думаи давлатӣ интихобот баргузор шуд. Он бори аввал бар асоси рӯйихати ҳизбӣ гузаронида шуд. Бино ба натиҷаҳои интихобот дар Думаи давлатӣ ҳизби “Роҳи Россия”, ЛДПР (Ҳизби либерал-демократии Россия), КПРФ (Ҳизби коммунистии Федератсияи Россия) ҷои бештарро ишғол карданд.



Борис Елсин

Аксарияти иштироккунандагони интихобот лоиҳаи Конститутсияи Россияро, ки президент пешниҳод карда буд, маъқул донистанд. Баробари қабули Қонуни Асосии нав сохти шӯравии ҳокимият аз байн рафт.

Ҳамин тариқ, дар Россия аз ислоҳоти муҳимтарини сиёсие, ки дар солҳои 90-уми сари XX сар шуда буданд, бартараф кардани сохти ҳокимияти аз даври шӯроҳо монда ва ба ҷойи он оғози ташкил намудани сохти замонавӣ ва ҳокимияти демократӣ шуд.

**Муносибатҳои байни миллатҳо.** Россия кишвари аҳолиаш бисёрмиллат аст. Аз ин сабаб дар Россия муносибатҳои байни миллатҳо ҳамеша масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Хусусан, ин муаммо дар замони дигаргунсозиҳо ба ҷойи якум баромад. Баъди пош хӯрдани СССР вазъияти вазнин ба вуҷуд омад. Охири соли 1991 – аввали соли 1992 ҳаракатҳои миллии Тотористон, Бошқирдистон ва Ёқутистон съездҳои худро гузаронида, дар онҳо масъалаи баромадан аз таркиби РСФСР гузошта шуд. Дар Республикаи Мухтори Чечену Ингуш конгресси умумимиллии халқи Чечен дар бораи ба Чеченистон ва Ингушетия ҷудо намудани мухторият (автономия), аз таркиби РСФСР баровардани Чеченистон қарор қабул кард. Соли 1992 Тотористон низ истиқлолияти давлатиашро эълон намуд.

Ин ҷараён ҳокимияти марказиро маҷбур кард, ки имзо намудани Шартномаи Федеративиро тезонад. То моҳи марти соли 1992 Шартномаи Федеративӣ ғайр аз Тотористон ва Чеченистон дар ҳамаи субъектҳо ба имзо расид. Ваколати марказ ва минтакаҳо дар Конститутсияи Россия низ инъикос гардид.




**Соли 1992 Тотористон истиқлолияти давлатии худро эълон намуд.**

**Соли 1999 қарзи хориҷии Россия аз 130 млрд доллар афзуд.**

М. Шаймиев, ки президенти Тотористон интихоб шуда буд, ҷилави ривоҷи воқеаҳоро ба дасти худ гирифта тавонист. Тотористон соли 1994 бо ҳокимияти федералӣ оид ба тақсими ваколат шартнома имзо намуд.

Чеченистон хилофи ҳар гуна шартнома бо марказ шуд. Муносибат характери фоҷианок касб намуд. Ҷанге, ки байни Чеченистон ва марказ соли 1996 сар шуд, то соли 2000 давом кард. Ин ҷанг задухӯрди калонтарин баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар ҳудуди собиқ СССР ба ҳисоб меравад. Ҷанг ба Россия якчанд миллиард доллар зарар расонд, аз ду тараф зиёда аз 120 ҳазор нафар кушта шуд.

**Сиёсати хориҷӣ дар солҳои 1990.** Парокандашавии СССР ба тағйироти ҷиддии геосиёсии Россия оварда расонд. Мамлакат аз иттифоқчиёни анъанавиаш дар Европаи Шарқӣ ва Марказӣ ҷудо шуд, онҳо бо НАТО ҳамкорӣ мекардагӣ шуданд. Ба сари ҳокимият омадани пешвоёни миллӣ дар кишварҳои соҳили Балтика ва аксари дигар кишварҳои ИДМ муносибатҳоро бо Россия мураккаб намуд.

Ҳаракатҳо барои беҳтар намудани муносибатҳо бо Ғарб ба он оварда расонд, ки Россия оҳиста-оҳиста роли мустақили худро дар арсаи байналмилалӣ аз даст дод. Мутеъгии иқтисодии сол то сол афзояндаи Россия аз давлатҳои Ғарб ба бехатарии кишвар футур расонд.

**Россия дар асри XXI.** Б.Елсин декабри соли 1999 ба истеъфо баромад. Владимир Путин лавозими президентиро муваққатан ишғол карда, дар интихоботи моҳи марти соли 2000 президенти Россия интихоб шуд.



**Декабри соли 1993 ...**
**Соли 1996 ...**
**Марти соли 1992 ...**
**Марти соли 2000 ...**

В.Путин тарафдори ҳокимияти пурқудрат будани худро нишон дод. Ҳаракатҳои нахустини президенти нав дар ҳаёти ҷамъият ба мустаҳкам намудани ролу обрӯи ҳокимияти давлатӣ нигаронида шуд. Дар майдони байналмилалӣ низ роли Россия барқарор шуд.

Моҳи августи соли 2008 Грузия ба Осетияи Ҷанубӣ ва Абхазия, ки қисми таркибии худ медонист, барои ҷорӣ намудани тартиботи конститутсионӣ ин ҳудудро зери оташи артиллерия гирифт. Баъд аз он ба ин моҷаро лашкари Россия ҳамроҳ шуда, то ҳудуди Грузия зада даромад. Моҷарои ҳарбӣ зуд ба охир расид. Аммо муносибатҳои Россия-Грузия тезутунд шуда монд.

Моҳи феврали соли 2014 ҳокимияти Украина иваз шуд. Россияпарастони ба сари ҳокимияти Қрим омада, ҳукумати нави Киевро эътироф накарданд. Онҳо референдум гузаронида, бино ба натиҷаҳои он мустақилии Қрим эълон шуд ва барои ба таркиби Федератсияи Россия дохил шудан шартнома ба имзо расид.



Владимир Путин

Боз як муаммо дар сиёсати Россия нисбат ба Украина ин бо воқеаҳои дар Шарқи Украина, хусусан дар вилоятҳои Донетск ва Луганск рӯйдода вобаста аст. Дар ин ҷо низ ивазшавии ҳокимиятро дар Украина пешвоёни як гурӯҳ аҳолии русзабон тан нагирифта, Республикаҳои Халқии Донетск ва Луганскро эълон намуданд ва армияи худро ташкил доданд.

Муаммои Сурия низ яке аз масъалаҳоест, ки Россия дар бобати сиёсати хориҷӣ бояд ҳал намояд. Қувваҳои ҳарбию кайҳонии Россия аз моҳи сентябри соли 2015 дар ҷангҳои Сурия иштирок менамояд. Россия дар мубориза зидди ДИИШ (Давлати исломии Ироқ ва Шом) ва дигар ташкилотҳои террористии байналмилалӣ ба якчанд

муваффақиятҳо ноил шуд. Ин ҳама имкони мустаҳкам намудани мавқеи геосиёсии онро дод.

**Терапияи шок** – назарияи иқтисодӣ, инчунин ислоҳоти пуршиддати иқтисодиест, ки бар асоси ин назария татбиқ мегардад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ислоҳоти иқтисодие, ки дар Россия аз тарафи ҳукумати Е. Гайдар ба амал бароварда шуд, ба кадом натиҷаҳо оварда расонд?
2. Моҳияти ислоҳоти муҳимтарини сиёсие, ки дар солҳои 1990 дар Россия ба амал бароварда шуд, аз чӣ иборат аст?
3. Бӯҳрони байнимиллӣ, ки дар Россия дар солҳои 1990 ба вуҷуд омад, бо чӣ гуна усулҳо ҳал карда шуд?
4. Дар асри XXI Россия барои ҳалли кадом муаммоҳо дар сиёсати хориҷӣ кӯшида истодааст?

### Кори мустақилона

**Дар асоси харита ҳудуди Федератсияи Россия баъди парокандашавии СССР-ро таҳлил намоед.**

## МАВЗӮИ 5. РЕСПУБЛИКАҲОИ УКРАИНА, БЕЛАРУС ВА МОЛДОВА ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017


Леонид Кравчук

**Украина.** Украина 24 августи соли 1991 мустақилии худро эълон кард. Дар референдуми моҳи декабри соли 1991 аксарияти мутлақи Украина ба мустақилии республика овоз доданд.

Дар баробари референдум интихоботи президенти Украина ҳам гузаронида шуд ва дар он Леонид Кравчук президенти нахустини Украина интихоб шуд.

Мустақилӣ эълон шуд. Аммо иқтисоди миллии барқарори самарааш баландро ташкил накарда, мустақилии воқеии сиёсиро таъмин кардан имкон надорад.

Бӯҳрони иқтисодие, ки СССР-ро фаро гирифта буд, барбод рафтани маҷмӯаи умумииттифоқии иқтисодӣ дар қатори дигарон ба Украина низ таъсири ҷиддӣ расонд. Ҳангоми эълони мустақилӣ иқтисодиёти Украина дар ҳолати заиф буд.

Инқироз саноат ва соҳаи кишоварзиро фаро гирифт. Чандин барномаҳои баромадан аз инқирозро кор карданд, лекин ягонтои онҳо то охир татбиқ нагардид.



**Рӯзҳои 19-21-уми августи соли 1991 дар собиқ Иттифоқ кадом воқеаҳо рӯй дода буд?**




Республикаи Украина

Аз ҳисоби бартараф намудани қарздории маош аз нимаи дуюми солҳои 1990, ба тартиб даровардани кредитҳои хориҷӣ ва бозори валюта аҳволи иқтисодӣ тағйир ёфт, соли 1996 валютаи миллӣ-гривна ба муомилот ҷорӣ шуд. Аммо сармояи (инвеститсияи) хориҷӣ чуноне ки мехостанд, наомад, гривна зуд беқурб гардид.

Дар охири асри XX мулкдорони аксар корхонаҳо иваз шуданд, соҳибони нав барои ба роҳ мондани истеҳсолот кӯшиданд. Қувваи кории баландмалака ва хеле арзон ва базаи мустаҳками саноатӣ даровардани маблағро ба иқтисоди Украина фоиданок карда монд. Ин дигаргуниҳо ба барқарории иқтисодиёт, баъдтар болоравии онро таъмин карданд. Аммо чун дар аксари кишварҳои ИДМ дар Украина низ ба коррупсия омехташавии элитаи раҳбарӣ, ба қашшоқшавии қисми зиёди аҳолӣ оварда расонд.

Сохтмони давлатии Украина ва ҷараёнҳои сиёсӣ. Дар солҳои аввали мустақилӣ сохмони давлатӣ яке аз муаммоҳои муҳимтарине буд, ки дар назди Украина меистод. Конститутсияи Украина, ки дар соли 1996 қабул гардид, асоси ҳуқуқии ин ҷараён шуд.


Пётр Порошенко

Аммо беқарории сиёсӣ ва мушкилиҳои иқтисодӣ бо муаммоҳои иҷтимоӣ, ки солҳои зиёд ҳалли худро мунтазир буданд, омехта шуда, як қатор бӯҳронҳои сиёсиро ба вуҷуд овард. Дар интихоботи соли 2004 ғолиб эълон шудани Виктор Янукович ба эътирози ҳазорон одамон сабаб шуд. Дар натиҷаи гузаронидани марҳилаи дуюми интихобот пешвои блоки "Украинаи мо" Виктор Ющенко президент интихоб шуд. Лекин В. Ющенко дар мамлакат ислоҳоти самарбахшро гузаронида натавонист. Аз ин сабаб дар итихоботи соли 2010 В. Янукович ғолиб баромад. Вай ба ислоҳи тамоми сохтори иҷтимоӣ пардохт. Лекин саркашӣ аз имзо намудани созишномаи ҳамкорӣ бо Иттифоқи Европа дар соли 2013 ба инқирози сиёсӣ сабаб шуд. Дар Киев ва дигар шаҳрҳо норозигии оммавӣ авҷ гирифт, онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ номи "Евромайдан"-ро гирифт. В.Янукович Украинаро тарк намуд. Дар интихоботи соли 2014 Пётр Порошенко президенти Украина интихоб шуд.

Баъди ҳамроҳ шудани Республикаи мухтори Қрим ва шаҳри Севастопол ба Россия миёни Украина ва Россия муносибатҳо хеле тезутунд шуд.

| | |
|---|---|
| **24 августи соли1991 ...** | **Соли 1996 ...** |
| **Дар соли 2004 ...** | **Соли 2014 ...** |

Ҳокимияти нави Украинаро ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намуд. Агар дар пойтахт, дар минтақаҳои шимолӣ, марказӣ ва ғарбӣ ҳукумати нави ба Евроинтегратсия моилшуда дарҳол эътироф гардида, хайрхоҳии аҳолиро ба вуҷуд оварда бошад, дар ҳудудҳои ҷанубу шарқӣ аҳолии русзабон ба эътирози давомдор баромаданд. Сокинони ин ҳудуд аз сабаби он, ки таърихан бо Россия вобаста буданд, талаб карданд, ки ҳар ду давлат алоқаҳоро нигоҳ доранд ва бар зидди паҳн нашудани қувваҳои рост, гурӯҳҳои экстремистӣ, маллатчӣ баромаданд. Ин ҳаракатҳо тахти раҳбарии раҳнамоёни россияпараст ба задухӯрди мусаллаҳона дар вилоятҳои Донетск ва Луганск табдил ёфтанд. Раҳбарони Украина оғоз намудани амалиётҳои зиддитеррористиро дар ин ҳудудҳо эълон карданд. Ин бошад боиси авҷи ҳаракати ҳарбии калонмиқёс байни ду тараф гардид. Сентябри соли 2014 дар пойтахти Беларус–шаҳри Минск байни намояндагони Украина ва вилоятҳои Донетск ва Луганск оид ба қатъи ҳаракатҳои ҳарбӣ созишнома ба имзо расид. Аммо аз миёнаҳои моҳи январи соли 2015 ҷанг боз сар шуд. Феврали ҳамон сол раҳбарони Германия, Франсия, Россия ва Украина дар шаҳри Минск ҷамъ омада дар бораи ҳалли моҷарои низомӣ дар шарқи Украина созишномаи навро ба имзо расонданд (Минск-2). Аммо ҷанг давом дорад. Ноябри соли 2017 истифода аз артиллерия авҷ гирифт. Давлатҳои Ғарб ва Украина Россияро дар бобати ҳимоя аз исёнгарон айбдор карда меоянд. Россия бошад, инро рад намуда, моҷаро кори дохилии Украина буданашро таъкид менамояд.



Александр Лукашенко

**Республикаи Беларус.** Аз фашистони немис рӯзи озод шудани пойтахти Беларус дар соли 1944, яъне 3 июл ҳамчун Рӯзи мустақилӣ қайд карда мешавад.

Бино ба конститутсияи соли 1994 Республикаи Беларус давлати унитарии демократии ҳуқуқии иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар интихоботи соли 1994 Александр Лукашенко перзиденти мамлакат интихоб шуд. Бо ташаббуси ӯ референдум гузаронида шуда, бино ба натиҷаҳои он дар баробари забони

беларусӣ русӣниза мақоми забони давлатӣ гирифт, байрақи давлат дигар гашта, ваколати президент васеъ шуд.

Байни Беларус ва Россия Шартнома "Дар бораи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ", баъдтар шартнома дар бораи ташкил намудани Давлати иттифоқӣ байни Россия ва Беларус имзо шуд. Дар шартнома ба ҳам наздикшавии Россия ва Беларус, як кардани сохтори ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар соҳаҳо, ташкил намудани идораҳои ҳокимияти байни давлатиро, дар айни вақт нигоҳ доштани мустақилӣ ва соҳибихтиёрии давлатҳо дар назар дошта шудааст.

Соли 1996 дар ҷамъомади якуми умумибеларусии халқӣ самтҳои асосии тараққиёти мамлакат дар солҳои 1996-2000 қабул карда шуд, баъд аз он болоравии иқтисодии Беларус ба назар расид. Дар соли 2000 саноат ва истеҳсолти маҳсулоти истеъмоли халқ ва даромади аҳолӣ аз дараҷаи пеш аз инқирозӣ гузашт. Даромади миёнаи моҳонаи шаҳрвандон дар байни давлатҳои ИДМ аз ҳама баланд шуд.

Беларус дар бобати истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ низ дар ИДМ яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Беларус ба қатори кишварҳои пешқадами дунё дар бобати истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ ба ҳисоб меравад.

**Республикаи Молдова.** Республикаи Молдавия 27 августи соли 1991 мустақилии худро эълон кард. Баъд номи Республикаи Молдоваро гирифт, президенти нахустини вай Мирча Снегур шуд.

Вақте, ки соли 1990 дар ҷараёни интергатсияи Молдова ба Руминия дар байни аҳолии русзабон, ки дар минтақаҳои ҷанубу шарқии республика зиндагӣ мекарданд, рӯҳияти ҷудохоҳӣ (сепаратистӣ) авҷ гирифт. Онҳо ҳудуди зиндагиашонро Республикаи соҳили Днестри Молдавия эълон карданд. Ин ба задухӯрди хунин оварда расонд ва баъди дахолати армияи Россия ҷанг боздошта шуд.




**24 августи соли 1991 Украина мустақилии худро эълон кард.**

**Дар Беларус 3 июл ҳамчун Рӯзи мустақилӣ қайд мешавад.**

**Молдавия 27 августи соли 1991 мустақилии худро эълон намуд.**



Игор Додон

Молдова аз ҷиҳати иқтисодӣ кишвари аграрию индустриалӣ ба шумор меравад. Иқлими он барои кишоварзӣ хеле мувофиқ аст. Дар мамлакат захираҳои минералӣ мавҷуд нест, аз ин сабаб асоси иқтисодиёти кишварро хоҷагии қишлоқ ташкил медиҳад. Аз нисф зиёди аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад. Қисми асосии экспортро озуқаворӣ ва маҳсулоти бофандагӣ ташкил медиҳад. Молдова яке аз кишварҳои камбағалтарини Европа аст. Аммо баъд аз инқирози соли 2009 Молдова ба тараққиёти босуръат сар кард.

Сарфи назар аз он, вазъият дар ҳолати беқарорӣ мондааст. Дар интихоботи президентии моҳи майи соли 2017 тарафдори муносибатҳои нек бо Россия Игор Додон ғалаба кард.



**Коррупсия** – аз тарафи шахси мансабдор ваколатҳо ва ҳуқуқҳои ба вай бовар карда супурдаро, инчунин хилофи қонун ва меъёрҳои ахлоқӣ барои манфиатҳои шахсӣ суиистеъмол кардани обрӯ ва эътибори вобаста ба лавозими расмӣ мебошад.

**Амалиёти зиддитеррористӣ** – гузаронидани маҷмӯи тадбирҳои махсус (ҷанговар, ҳарбӣ) барои бартараф намудани кирдори террористӣ, таъмин намудани амнияти аҳолӣ, ташкилот ва муассисаҳо, инчуннн бартараф сохтани оқибатҳои кирдорҳои террористӣ мебошад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар охири асри XX кадом дигаргуниҳо боиси ташаккули иқтисодиёти капиталистӣ дар Украина гардид?
2. Дар натиҷаи инқирози сиёсии соли 2014 дар Украина кадом муаммоҳо ба вуҷуд омаданд?
3. Республикаи Беларус дар солҳои истиқлолият ба кадом муваффақиятҳои тараққиёти иқтисодӣ ноил шуд?
4. Дар назди Республикаи Молдова солҳои истиқлолият чӣ гуна мушкилиҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ пайдо шуданд?
5. Ҷиҳатҳои умумии тараққиёти республикаҳои Украина, Беларус ва Молдоваро нишон диҳед.

## Кори мустақилона



Аз матн истифода бурда дар асоси нақшаи SWOT муваффақият ва камбудиҳоеро, ки республикаҳои Украина, Беларус ва Молдова дар солҳои истиқлол ба даст овარданд, таҳлил намоед ва ба дафтаратон нависед.



Маълумотҳоро дар бораи Пётр Порошенко, Александр Лукашенко, Игор Додон ҷустуҷӯ карда ёбед ва ба фаъолияти шахсҳои таърихӣ баҳо диҳед.

# МАВЗӮИ 6. ДАВЛАТҲОИ СОҲИЛИ БАЛТИКА ДАР СОЛҲОИ 1991—2017

Вақте ки республикаҳои соҳили Балтика мегӯянд, одатан Латвия, Литва ва Эстонияро дар назар доранд.



**Дар асрҳои миёна дар ҳудуди республикаҳои соҳили Балтика кадом халқҳо зиндагӣ мекарданд?**

Аз айёми эълони истиқлоли худ республикаҳои соҳили Балтика ба ҳарчи зудтар гузаштан ба иқтисодиёти бозор, мустаҳкам намудани муносибатҳо бо давлатҳои Ғарб пардохтанд. Ҳар се давлати мазкур соли 2004 ба НАТО, ҳамон сол ба ИЕ аъзо шуданд.

Ин давлатҳои ба аъзогии ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ дохил шуда баъди эълони истиқлол ба тараққиёти бошиддати иқтисодӣ гузаштанд. Ба туфайли ин тараққиёти босуръат онҳоро "Палангҳои Балтика" номиданд. Аммо ин суръати пешравӣ то инқирози солҳои 2008–2009 давом кард.

**Латвия.** Фронти халқии Латвия, ки соли 1988 ташкил шуда буд, барои мустақилӣ мубориза сар кард. Дар натиҷа 4 майи соли 1990 Латвия мустақилии худро эълон намуд.

Баъди эълони истиқлол Латвия корхонаҳои азими даври советиро, аз ҷумла, корхонаи калонтарини истеҳсолкунандаи маҳсулоти электротехникии ВЭФ, заводи истеҳсолкунандаи микроавтобусҳо РАФ-ро пӯшид. Ин боиси кам шудани коргарон ва мутахассисони ботаҷриба, якбора афзудани сафи бекорон гардид. Заводи аз нав коркарди маҳсулоти моҳӣ ҳам зарари калон дид.



Раймондс Вейонис

Қувваҳои нави сиёсӣ, ки ба ҳокимият омаданд, ба пеш бурдани сектори банкӣ ва логистика қарор намуданд. Аввал инвеститсияи давлатҳои Ғарб ба инкишофи босуръати иқтисодӣ оварда расонд. Аммо инқирози соли 2008 нишон дод, ки иқтисодиёти мамлакат ба сармояи хориҷӣ сахт мутеъ шуда мондааст. Ин ҳолат ба бесуботии иқтисодии кишвар сабаб шуд ва зарари калон овард. Аз ин давр сар карда, нишондиҳандаҳои тараққиёти иқтисодӣ паст шуда рафт. Ба соли 2010 омада, маҳсулоти умумии миллии мамлакат ба ҳаҷми нишондиҳандаи соли 1990 ҳам нарасид.

Бино ба баландии дараҷаи бекорӣ, аҳолӣ маҷбур шуда, дар ҷустуҷӯи кор ба кишварҳои Ғарб меравад. Баъди пошхӯрии СССР аҳолии Латвия ба 400 ҳазор нафар кам шуд.

Боз як муаммое, ки ҳаллаш дар назди мамлакат истодааст, масъалаи этникӣ аст. Баъди эълони мустақилӣ ба аҳолии русзабоне, ки дар замони шӯро ба ин ҷо кӯчида омада буданд ва ба авлодҳои онҳо шаҳрвандӣ дода нашуд. Аҳолии русзабон алҳол 30 фоизи аҳолии Латвияро ташкил мекунад. Муносибати байни латишҳо ва шаҳрвандони мансуб ба миллати рус хеле ногувор шуда мондааст.

**Литва.** Моҳи июни соли 1988 дар Литва ташкилоти “Саюдис”, “Ҳаракат” сохта шуд, он дар назди худ мақсад гузошт, ки мустақилии Литваро таъмин мекунад.




Давлатҳои соҳили Балтика

11 марти соли 1990 Шӯрои Олии Литва мустақилии Республикаи Литваро эълон намуд. Аммо истиқлол ба осонӣ ба даст наомад. 13 январи соли 1991 ҳангоми намоиш барои пуштибонии мустақилӣ дар Вилнюс 14 нафар намоишчиён, ки ба ҳимояи манораи телевизионӣ ва бинои парламент аз лашкари советӣ баромада буданд, ҳалок шуданд. Баъд аз ин воқеа муносибатҳои байни Литва ва раҳбарияти СССР, ки умраш ба охир мерасид, дар амал канда шуд.



**"Палангҳои Балтика"... 13 январи соли 1991...**
**Дар соли 2008... Соли 2010...**

Таркибии этникии ин республика бо як хел будан аз Латвия ва Эстония фарқ мекунад. 90 фоизи аҳолиро литвониҳо ташкил мекунанд. Аз ин сабаб баъди эълони истиқлол ба тамоми сокинони мамлакат сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандии Литва дода шуд.

Литва низ баъд аз соли 2008 инқирози вазнини иҷтимоию иқтисодиро гузаронд. Соли 2010 сафи бекорон ба 20 фоиз наздик шуд. Дар натиҷаи аз пайи кор ба аксар кишварҳои Европа кӯчида рафтани одамон аҳолӣ умуман намеафзояд, баръакс кам шуда истодааст. Бар оқибати инқироз бисёр литвагиҳо ба Ғарб кӯчиданд.



Президенти Литва
Даля Грибаускайте

**Эстония.** Дар Эстония соли 1988 "Фронти халқӣ" ташкил ёфт. Он дастгирӣ намудани бозсозиро эълон карда, аз таркиби СССР баромаданро вазифаи ошкорои худ қарор надод.




**4 майи соли 1990 Латвия мустақилии худро эълон намуд.**

**11 марти соли 1990 Шӯрои Олии Литва мустақилии Республикаи Литваро эълон кард.**

**16 ноябри соли 1988 Шӯрои Олии Эстония "Декларатсия дар бораи соҳибихтёрии давлатии РСС Эстония"-ро қабул кард.**

Сарфи назар аз он 16 ноябри соли 1988 Шӯрои Олии Эстония "Декларатсия дар бораи соҳибихтёрии давлатии РСС Эстония"-ро қабул кард.



Президенти Эстония Кёрсти Калюлайд

Республикаи аз ҳама шимолии соҳили Балтика – Эстония низ дар замони шӯравӣ саноати пешрафта дошт. Бисёр ҷалб намудани коргарони соҳибмалака ҳолати демографӣ ва этникии мамлакатро дигар кард. Саҳми эстонҳо дар ҳисоби умумии аҳолӣ кам шуда рафт, қисми зиёди аҳолиро русҳо ташкил медоданд. Пас аз эълони истиқлолият Эстония барои шаҳрвандӣ гирифтани русҳо чандин қонунҳои қатъии монеъкунанда қабул кард. Он ба кӯчида рафтани русҳо наовард, лекин муносибатҳои байнимиллиро мураккаб намуд. Зиёда аз ин, дар Эстония (умуман дар давлатҳои соҳили Балтика) нобуд кардан ё ба канори шаҳр кӯчонидани ёдгориҳои даври шӯравӣ, хусусан замони ҷанг боиси эътирози Россия гардида, дар муносибатҳои ҳар ду тараф муаммоҳои калонро ба вуҷуд оварда истодааст. Дар задухӯрди байни намояндагони аҳолии русзабон ва политсияи Эстония дар соли 2011 як нафар ҳалок, бисёриҳо захмӣ шуданд.

Сарфи назар аз душвориҳо кишварҳои соҳили Балтика бо роҳи интегратсияи Иттифоқи Европа пеш меравад. Ҳамаи онҳо ба ҳудуди муомилоти воҳиди пулии евро даромадаанд.

Баъди бӯҳрони Украина аз сиёсати таҷовузгаронаи Россия ба хавотир омада раҳбарони давлатҳои Балтика ва НАТО оид ба зиёд кардани қувваҳои ҳарбии НАТО дар ин кишварҳо ба созиш омаданд. Дар солҳои 2016—2017 техникаи камшумори ҳарбӣ ва лашкари НАТО дар кишварҳои соҳили Балтика ҷойгир карда шуд. Хусусан, баъди аз тарафи Россия ва Беларус гузаронида шудани машқҳои ҳарбии "Ғарб—2017" дар кишварҳои Балтика аз сиёсати Россия ҳисси хавотир ва ташвиқоти ғайрирусӣ авҷ гирифт. Ин ҳолат дар навбати худ ба норозигии Россия ҳам сабаб шуда истодааст.



**Демография** – илмест дар бораи аҳолӣ ва қонуниятҳои афзоиши он. Ин илм аҳолиро аз ҷиҳати нуфус, дигаршавӣ, ҷойгиршавӣ ва монанди инҳоро меомӯзад.

**Логистика** ташкил намудани низоми аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар интиқол намуда, расондани молу мулк, бор ва монанди инҳо аст.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Баъди эълони истиқлолият давлатҳои соҳили Балтика дар муносибат бо Ғарб чӣ гуна роҳро пеш гирифтанд?
2. Дар солҳои мустақилӣ Латвия ба кадом мушкилиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дучор омад?
3. Республикаи Литва бо кадом ҷиҳатҳояш аз Латвия ва Эстония фарқ мекунад?
4. Дар муносибатҳои байни Эстония ва Россия чӣ гуна муаммоҳо мавҷуд аст?

### Кори мустақилона



Харитаи охирини давлатҳои соҳили Балтикаро баъди пошхӯрии Иттифоқи Советӣ таҳлил намоед ва сарҳади онҳоро аниқ кунед.

## МАВЗӮИ 7. ДАВЛАТҲОИ НАЗДИ КАВКАЗ ДАР СОЛҲОИ 1991-2017

**Республикаи Озарбойҷон** 18 октябри соли 1991 мустақилии худро эълон намуд. Озарбойҷон аз соли 1991 дар давоми вақти паси саршуда исбот кард, ки ин давлат роҳи мустақили худро дорад. Он дар сиёсати минтақа нақши муҳим дорад. Озарбойҷон бо захираҳои бузурги нефту газ ва мавқеи стратегиаш дар байни Россия ва давлатҳои Ғарб мувозинатро моҳирона нигоҳ дошта, манфиатҳои худро таъмин карда меояд.

Аммо баробари муваффақиятҳои сиёсати хориҷӣ як қатор муаммоҳои дохилӣ боқӣ мондааст. Ба қатори онҳо пеш аз ҳама муаммоҳои Қаробоғи кӯҳиро мансуб донистан мумкин аст.

Дар нимаи дуюми солҳои 1980 муаммои доимии байни Озарбойҷон ва Арманистон – мушкилоти Қаробоғи кӯҳӣ боз ба миён гузошта шуд. Қаробоғи кӯҳӣ дар ҳудуди Озарбойҷон ҷойгир аст ва вилояти мухтор (автономӣ) буд, ки асосан аҳолии мансуб ба миллати арман зиндагӣ карда меомад. Мурожиати раҳбарони вилояти мухтори Қаробоғи кӯҳӣ оид ба таркиби Арманистон гузаштан дар минтақа муаммоҳои миллиро ба амал овард.

Соли 1990 дар шаҳри Боку ташкилоти сиёсии мухолифат – фронти халқии Озарбойҷон намоиш сар кард. Фронти халқӣ ташкил намудани шӯрои мудофиаи миллиро бо сарварии Абулфайз Элчибей эълон намуд. Митингҳои фронти халқӣ дар рӯҳи миллатчигӣ ба куштори сартосарии арманҳо дар Боку сабаб шуд. Бар зидди ин ҳолат лашкари советӣ ба Боку дароварда шуд. Дар мамлакат вазъияти фавқулодда ҷорӣ гардид. Дохил шудани армия барои Озарбойҷон фоҷиаи бузург шуд. Дар задухӯрдҳо садҳо нафар одаман ҳалок шуданд.




Давлатҳои назди Кавказ



Президент Абулфайз Элчибей

Моҳи майи соли 1992 дар Боку табаддулоти давлатӣ ба амал бароварда шуд. Президент Аяз Муталибов аз ҳокимият дур шуда, Фронти халқӣ бо роҳбарии А.Элчибей ба сари ҳокимият омад. Аммо Фронти халқӣ дар кишвар сулҳу осоиш ва аҳлиро таъмин накард. Дар натиҷаи он Миллий Мажлис А. Элчибейро аз лавозим маҳрум карда, ваколати онро ба раиси Миллий Мажлиси Озарбойҷон Гейдар Алиев супурд.

Дар интихоботи соли 1993 Г. Алиев Президенти Республикаи Озарбойҷон интихоб шуд.

Гейдар Алиев баъди ба сари ҳокимият омадан ба нармтар шудани вазъияти шиддатноки республика ноил шуд. Даҳ соли президентии ӯ дар Озарбойҷон чандон демократӣ набошад ҳам, тараққиёти сулҳомезонаи кишварро таъмин кард, бо ҳамсояҳо муносибатҳои хуби ҳамкориро ба роҳ монд. Муаммои Қаробоғи кӯҳӣ гарчанде ҳал нашуд, ҳаракатҳои фаъолонаи ҷангӣ қатъ ёфт, музокираҳо сар шуд.


Гейдар Алиев

Баъди вафоти Г. Алиев дар моҳи декабри соли 2003 писари ӯ Илҳом Алиев президенти мамлакат интихоб шуд. И. Алиев сиёсати падарашро давом дода меояд.

**Грузия.** Дар референдуме, ки моҳи марти соли 1991 гузаронида шуд, қисми аксарияти мутлақи аҳолии Грузия барои мустақилии мамлакат овоз дод. 9 апрели соли 1991 Грузия мустақилии худро эълон кард. Дар айни вақт лавозими президентӣ ҷорӣ карда шуд. Дар интихоботи ҳамон сол баргузоршуда пешвои мухолифат Звиад Гамсахурдия президенти мамлакат ннтихоб шуд. З.Гамсахурдия, ки таҷрибаи раҳбарӣ надошт, дар давоми ҳашт моҳи президентиаш муносибатро бо элитаи мамлакат, рӯшанфикрон вайрон кард, муносибатҳои байни миллатҳоро тезутунд намуд, моҷарои грузину абхаз ба вуҷуд омад. Соли 1991 раҳбарони партияи халқии демократии Грузия истеъфои З.Гамсахурдияро талаб кард. Дар кишвар исён сар зад, дар Тбилиси ҷангҳои ҳақиқӣ рӯй дод. З. Гамсахурдия бо тарафдоронаш Тбилисиро тарк намуд.


Звиад Гамсахурдия

Баъди аз президентӣ дур намудани З. Гамсахурдия ҳокимият ба Шӯрои давлатӣ бо роҳбарии Эдуард Шеварднадзе гузашт. Ин замон вазъияти мамлакат хеле вазнин буд, ҷанги грузину абхазҳо давом мекард. Э. Шеварднадзе ба хотима додани ин ҷанг муваффақ шуд.

Октябри ҳамон сол интихобот ба амал омад, Э. Шеварднадзе раиси Шӯрои Олии Грузия интихоб шуд. Аммо муаммоҳои дар мамлакат ғуншуда, хусусан вазнинии аҳволи иқтисодӣ эътирози мардумро нисбат ба идоракунии Э. Шеварднадзе пурзӯр намуд. Баъди интихоботи парламентии соли 2003 Э. Шеварднадзе истеъфои худро эълон кард. Дар интихоботи нав Михаил Саакашвилӣ интихоб шуд. Ин ҷараёнҳо дар Грузия ва дар

матбуоти Ғарб номи “Инқилоби гули садбарг”-ро гирифт. Ба ҳокимият “демократҳои нав”-и аксарияташон дар давлатҳои Ғарб таҳсилгирифта омаданд.


Михаил Саакашвилӣ

Ҳукумати М. Саакашвилӣ дар бобати осон намудани мурочиати шаҳрвандон ба идораҳои давлатӣ, кам кардани андоз, хусусигардонии мулки давлатӣ ислоҳоти муҳимро ба амал баровард. Дар мамлакат бар зидди коррупция мубориза эълон шуд. Аммо дар даври М. Саакашвилӣ низ моҷарои Грузия бо Осетияи Ҷанубӣ ҳали худро наёфт. Августи соли 2008 дар оқибати задухӯрди ҳарбии байни Грузия, Россия, Осетияи Ҷанубӣ ва Абхазия Россия мустақилии Абхазия ва Осетияи Ҷанубиро эътироф кард ва бо онҳо муносибатҳои дутарафаро ба роҳ монд.

Дар интихоботи соли 2012 партияи мухолифат – “Орзуи Грузия” ғолиб омад. Намояндаи ин партия Георгий Маргвелашвилӣ президенти Грузия интихоб шуд.

Дар интихоботи парламентии соли 2016 низ “Орзуи Грузия” пирӯз шуд.



**Моҳи майи соли 1992 ...**
**Соли 1993 ...**
**Моҳи марти соли1991 ...**
**Соли 1990 дар шаҳри Боку ...**

**Арманистон.** 21 сентябри соли 1991 дар Арманистон оид ба мақоми республика референдум гузаронида шуд. Аксарияти мутлақи аҳолӣ барои аз таркиби СССР баромадани Арманистон овоз дод. Сипас “Декларатсия дар бораи мустақилии давлатии Арманистон” қабул шуд. Ҳамин тариқ референдум дар Арманистон сохти республикаро ҷорӣ намуд. Дар интихоботи моҳи октябри соли 1991 Левон Тер-Петросян президенти нахустини Арманистон интихоб шуд.

Ба давлати мустақил табдил ёфтани Арманистон нисбат ба республикаи дигар хусусияти ба худро хос дошт. Мубориза барои мустақилӣ ба туфайли омили берунӣ, аллакай дар солҳои 1980, ҳангоме, ки муаммои Қаробоғи кӯҳӣ ба миён омад, сар шуда буд. Ба республика ҳамроҳ намудани Қаробоғи кӯҳӣ дар ҷамъият ҳамчун омили якшавии ҷамъияти арманҳо, барқарор шудани адолати таърихӣ арзёбӣ мешуд. Дар ҷараёни ин мубориза ба ҷойи раҳбарони партияи коммунистӣ элитаи миллии

сиёсӣ ташаккул ёфт. Ин элита имрӯз низ самти тараққиёти Арманистонро муайян менамояд.


Серж Саргсян

Арманистоне, ки дар солҳои охири СССР бар зидди маркази иттифоқ мубориззаро сар карда буд, баъди эълони мустақилӣ муносибатҳояшро бо Москва аниқ муқаррар намуда гирифт. Дар қатори баъзе республикаҳои собиқ айби советҳоро ба гардани Россияи замони нав бор накард. Зеро сарҳадҳои Арманистон бо Озарбойҷон ва Туркия дар амал бастааст, муносибатҳо бо Грузия мураккаб, бо Эрон оиди баъзе масъалаҳои геосиёсӣ тазодҳо дошт. Ҳамин тариқ, Россия дар ин минтақа иттифоқчии ягонаи Арманистон ба ҳисоб меравад. Серж Саргсян, ки дар интихоботи соли 2008 президент интихоб шуд, ҳамин сиёсатро моҳирона дар амал татбиқ намуд.

Саноати Арманистон асосан дар замони советҳо барпо шудааст. Он ба бозори дохилии СССР дастгоҳҳо, ускунаҳо, маҳсулоти бофандагӣ ва монанди инҳоро расонда медод, ба ҷойи онҳо аёши хом ва энергияи электр мегирифт. Соҳаи кишоварзӣ дар заминаи маҷмӯаҳои азими агросаноатӣ инкишоф ёфт.




**18 октябри соли 1991 Республикаи Озарбойҷон мустақилии худро эълон кард.**

**9 апрели соли 1991 Грузия мустақилиашро эълон намуд.**

**Дар интихоботи моҳи октябри соли 1991 Левон Тер-Петросян президенти нахустини Арманистон интихоб шуд.**

Арманистон кишвари индустриалию аграрӣ аст. Сарватҳои зеризаминии он миқдоран хеле зиёд аст. Истеҳсоли каучики сунъӣ, маҳсулоти бофандагӣ, саноати озуқаворӣ, масолеҳи сохтмон ва мошинсозӣ ривоҷ ёфта аст.



**Элитаи сиёсии миллӣ** (элита —аз ҳама хуб, яккачин) — гурӯҳи шахсони ба лаёқати маълуми идоракунии ҷамъият қодирбуда, он ҳокимияти сиёсиро ба дастони худ гирифта, лавозимҳои раҳбариро ишғол карда, ҷамъиятро идора менамояд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ҳаракатҳои миллатгароёнаи Шӯрои мудофиаи миллӣ таҳти раҳбари А.Элчибей дар Озарбойҷон ба кадом оқибатҳо оварда расонд?

2. Баъди Президент интихоб шудани Г.Алиев сиёсати дохилӣ ва хориҷии Озарбойҷон чӣ гуна тағйир ёфт?

3. Ислоҳоти ҷоринамудаи М.Саакашвилӣ дар Грузия чӣ гуна натиҷаҳо дод?

4. Дар муносибатҳои Арманистон бо давлатҳои ҳамсоя кадом омилҳо нақши асосӣ доранд?

5. Аз матн истифода бурда, рӯйихати мушкилиҳои этникии мамлакатҳои назди Кавказро тартиб диҳед.

## Кори мустақилона



Харитаи кишварҳои назди Кавказро баъд аз соли 1991 таҳлил кунед ва сарҳади онҳоро муайян намоед.

# МАВЗӮИ 8. ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

Ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ғайр аз Ӯзбекистон Қазоқистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон дохил мешаванд.



**Истилоҳи "Туркистон" кай пайдо шудааст?**

**Республикаи Қазоқистон.** 16 декабри соли 1991 Қазоқистон мустақилии худро эълон кард. Дар интихоботи ҳамон сол баргузоршуда Нурсултон Назарбоев ҳамчун президенти нахустини Қазоқистон интихоб шуд. Соли 1993 конститутсияи нави Қазоқистон қабул шуд. Мувофиқи он ба президент ваколатҳои зиёд дода шуд. Ҳукумат ислоҳоти иқтисодиро сар кард.

Соли 1993 валютаи миллӣ – тенге ба муомила бароварда шуд. Моҳи декабри он сол ҳукумати Қазоқистон бо консернҳои бузурги нефт оид ба ташкили корҳои ҷустҷӯйи дар қисми шимолии баҳри Каспий қарордод имзо кард. Хусусигардонии корхонаҳои азим дар амал татбиқ карда шуд. Ҳамон сол парламент дар бораи ба шаҳри Акмола кӯчонидани пойтахти мамлакат қарор қабул намуд. Он аз соли 1998 номи Остонаро гирифт.

Дар даври гузашта истеҳсоли нефт, газ ва металлургия соҳаҳои асосии иқтисодёити Қазоқистон шуда монд. Аз ҳисоби тараққиёти айнан ин соҳаҳо дигар соҳаҳои иқтисодиёт босуръат пеш рафт.



Нурсултон Назарбоев

Моҳи феврали соли 2007 Н.Назарбоев бо ташаббуси аз муддати ҳафт сол ба муддати панҷ сол гузаронидани ваколати президент ва зиёд намудани шумораи депутатҳо баромад. Ин ҳолат технологияи сиёсии дар давлатҳои ИДМ васеъ паҳншуда мебошад, яъне роҳи осони ба канор гузоштани манъи паси ҳам беш аз ду маротиба ба мансаби президентӣ аст. Н.Назарбоев ҳам баъди дохил кардани тағйирот имконияти бори дигар иштирок намудан ба интихоботи президентиро ба даст овард.

Соли 2010 қонун дар бораи президенти нахустини Қазоқистон-Элбоши қабул карда шуд. Аммо соли 2011 дар вилояти Мангистау коргарони конҳои нефт аз шароити меҳнат ва маош норозӣ шуда, дар солҳои истиқлол намоиши аз ҳама азимтарини эътирозӣ гузарониданд. Дар бетартибиҳои шаҳри Жанаозен 15 нафар ҳалок гардида, даҳҳо нафар намоишгарон ба ҳабс гирифта шуданд.

Дар интихоботи ғайринавбатии президентӣ, ки соли 2015 баргузор шуд, Н.Назарбоев ғалаба кард.

**Туркманистон.** 26 октябри соли 1991 аксари иштирокчиёни референдуми баргузоршуда ба мустақилии Туркманистон овоз доданд. Моҳи декабри соли 1991 мамлакат ба ИДМ аъзо шуд. Аз соли 1999 бино ба қарори Маҷлиси Халқӣ Сапармурод Ниёзов умрбод лавозими сарвари давлатро ишғол кард. Ҳукумати С.Ниёзов фаъолияти партияҳои мухолифатро манъ кард. Ӯ унвони "Туркманбоши"-ро гирифт. Китоби "Руҳнома"-и С.Ниёзов дар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ тарғиб карда, дар таълимгоҳҳо омӯзонида мешуд. С.Ниёзов соли



Сапармурод Ниёзов

2006 вафот кард. Президенти Туркманистон Гурбангули Бердимуҳамедов интихоб шуд.




Давлатҳои Осиёи Марказӣ



Гурбангули Бердимуҳамедов

Дар солҳои аввали мустақилӣ иқтисодиёти Туркманистон инқирози чуқурро аз сар мегузаронд. Соли 1998 ҳаҷми маҳсулоти умумии миллӣ нисбат ба соли 1991 ду баробар кам шуда буд. Дар мамлакат норасоии озуқаворӣ рӯй дод, сатҳи зиндагии мардум хеле паст рафт. Қабул қардани қарор дар бораи ба мардум бепул тақсим карда додани якчанд намуди молҳои сермасрафи рӯз ва хизматрасониҳо аҳволро каме беҳтар кард. Афзоиши истеҳсоли газ ба иқтисодиёти мамлакат мадад шуд.

Аз аввали солҳои 2000 Туркманистон аз инқироз баромад. Сарватҳои табиӣ, дар навбати аввал захираи азими гази табиӣ таваҷҷӯҳи чандин кишварҳо ва корпоратсияҳои трансмиллиро ба худ ҷалб менамуд. Аммо бинобар он, ки дар ҷаҳон солҳои охир эҳтиёҷ ба углеводород паст шуд, суръати афзоиши иқтисодиёти Туркманистон ҳам суст гардид. Инқирозе, ки соли 2015 дар мамлакат оғоз ёфт, дар соли 2016 ба авҷаш расид.

Дар моҳи сентябри соли 2017 дар шаҳри Ашхобод Бозиҳои V-уми Осиё дар биноҳои пӯшида гузаронида шуд. Ин бозиҳо барои болоравии имконияти сайёҳии Туркманистон ва бештар омадани инвеститсияҳои хориҷӣ хизмат карданаш мумкин.


Эмомалӣ Раҳмон

**Тоҷикистон.** 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон мустақилии худро эълон кард. Баъди эълони мустақилият байни элитаҳои маҳаллии минтақаҳои гуногуни мамлакат барои ҳокимият мубориза тезутунд гардид. Ин мубориза ба ҷанги дохилӣ оварда расонд, ки аз соли 1992 то соли 1997 давом кард. Мамлакат аз ин ҷанг зарари азими иқтисодӣ дид.

6-уми ноябри соли 1994 конститутсияи Тоҷикистон қабул шуд ва дар интихоботи ҳамон рӯз гузашта Эмомалӣ Раҳмонов Президенти Тоҷикистон интихоб гардид.

Баъди барқарор шудани сулҳ дар кишвар дар ҳамкорӣ ҳукумат бо Россия, Хитой, Эрон ҳамкорӣ кард, барои барқарор намудани иқтисодиёти кишвар чораву тадбирҳо дида шуд. Тоҷикистон диёри кӯҳист, аз ин рӯ имкониятҳои гидроэнергетикааш зиёд аст.



**Аз соли 1992 то соли 1997 ...** **Соли 1994 ...**
**Соли 2000 ...** **Соли 2017 ...**

Тоҷикистон соли 2000 ба шартномаи таъсиси Ҳамкории иқтисодии Евроосиё ҳамроҳ шуд. Вай аъзои Ташкилоти ҳамкории Шанхай, Ташкилоти шартномавӣ оид ба амнияти коллективӣ мебошад. Дар ҳамкорӣ бо Россия, Хитой ва Эрон дар бобати ба амал баровардани якчанд лоиҳаҳои инвеститсионӣ корҳо сар шудааст.

**Республикаи Қирғизистон.** 31 августи соли 1991 Қирғизистон мустақилии худро эълон кард. Баъд аз он ҷараёнҳои демократӣ боз ҳам чуқур шуда рафтанд, интихоботи умумихалқии президентӣ гузаронида



Асқар Акаев

шуд, дар он Асқар Акаев ғолиб омад. Вай дар бобати татбиқи ислоҳоти демократӣ, дар пеши назари ташкилотҳои байналмилалӣ ба кишвари демократӣ табдил додани Қирғизистон бисёр корҳо кард. Аммо дар давоми 15 сол ҳокимиятро сарварӣ кардани А. Акаев аҳволи халқ ба дараҷаи кофӣ беҳтар нашуд. Дар ҷомеа норозигӣ ва бӯҳрони иҷтимоӣ авҷ гирифт.

"Инқилоби лолаҳо", ки соли 2005 А. Акаевро аз сари мансаб дур намуд, хеле зуд ва бе талафоти бузург анҷом ёфт. Курманбек Бакиеви ба сари ҳокимият омада ба сохтори истифодаи қувва такя намуда, барои мустаҳкам намудани ҳукмронии шахсӣ ва нобуд сохтани мухолифат ҳаракат кард. Аммо ин ҳаракат дер давом накард. К. Бакиев аз ҳокимият сарнагун карда шуд. Ӯ бо аъзоиёни оилааш аз кишвар гурехта рафт. Барои ҳимояи тартиб дар мамлакат бо раҳбарии Роза Атамбаева ҳукумати муваққатӣ ташкил карда шуд.




**16 декабри соли 1991 Қазоқистон мустақилии худро эълон кард.**

**9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон мустақилиашро эълон намуд.**

**31 августи соли 1991 Қирғизистон мустақилиашро эълон кард.**

Аммо аз заифии ҳокимият истифода бурда, қувваҳои миллатгаро ва экстремистӣ моҳи июни соли 2010 дар шаҳрҳои Ӯш ва Ҷалолободи Қирғизистон бар зидди ҷамоаҳои ӯзбеки ин ҷо фитна барангехтанд.



Алмазбек Атамбаев

Дар интихоботи соли 2011 раҳнамои партияи сотсиал-демократии Қирғизистон Алмазбек Атамбаев президент интихоб шуд.

Республикаи Қирғизистон дар солҳои истиқлол вазъияти хеле вазнини иқтисодиро аз сар гузаронд. Дар соли 1996 ҷараёни суботи иқтисодӣ оғоз ёфт. Дар ин замон дар роҳи гузариш ба иқтисоди бозор ислоҳот амалӣ шуд, ислоҳот самараи худро дод ва аз солҳои 2000 ба афзоиши иқтисодӣ овард. Корхонаҳои асосии саноатӣ хусусӣ карда, нисбат ба замин мулки хусусӣ ҷорӣ гардид. Истеҳсоли тилло ва симоб хеле афзуд. Қирғизистон дар

бобати истеҳсоли тилло дар миқёси ИДМ баъди Россия ва Ӯзбекистон ҷойи сеюмро ишғол кард. Ташрифи Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев моҳи сентябри соли 2017 ба Қирғизистон ва октябри ҳамон сол ташрифи А. Атамбаев ба Ӯзбекистон ба якбора беҳтар шудани муносибатҳои ду давлат оварда расонд.

Болоравии иқтисодиёт омили суботи ҷамъиятӣ гардид. Бино ба натиҷаҳои интихоботи президентии октябри соли 2017 намояндаи партияи сотсиал-демократии ҳукмрон Сооронбай Жеенбеков пирӯз омад. Ӯ декабри соли 2017 ба Ӯзбекистон ташрифи расмӣ ба амал овард ва ба якчанд шартномаҳо имзо гузошт.



**Технологияи сиёсӣ** – усулҳои маълуми фаъолияти сиёсӣ буда, аз онҳо барои гузаронидани таъсир ба шуури иҷтимоӣ ба мақсади муайяни сиёсӣ истифода мешавад.

**Корпоратсияи трансмиллӣ** – ширкатҳое (компанияҳо) мебошанд, ки дар якчанд кишварҳои дунё шуъбаҳои худро доранд, бо истеҳсоли маҳсулот машғуланд ва асоси фаъолияти бизнеси байналмилалиро ташкил медиҳанд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Иқтисодиёти Қазоқистон дар солҳои мустақилӣ асосан аз ҳисоби кадом соҳаҳо тараққӣ кард?
2. Баъди президенти Туркманистон интихоб шудани Г. Бердимуҳамедов дар сиёсати дохилии Туркманистон кадом дигаргуниҳо ба амал омаданд?
3. Ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон ба кадом оқибатҳо оварда расонд?
4. Чаро дар Қирғизистон замони президентии А. Акаев ба эътироз ва инқилоб оварда расонд?

## Кори мустақилона



Бо ёрии интернет дар мавзӯи “Туркистон – маъвои умумии мо” эссе нависед ва дар синф байни гурӯҳҳои хурд тақдимот гузаронед.

# МАВЗӮИ 9. ИНКИШОФИ ҶАРАЁНҲОИ ИНТЕГРАТСИОНӢ ДАР КИШВАРҲОИ ҒАРБ. МУНОСИБАТҲОИ ИТТИФОҚИ ЕВРОПА ВА ШМА



Ҷараёни интегратсионӣ дар Европа

**Ҷараёнҳои интегратсионӣ ва натиҷаҳои онҳо.** Ҳаракати озоди капитал (сармоя), мол, хизматрасонӣ ва қувваҳои корӣ, ки дар нимаи дуюми асри XX сар шуда буд, дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ дараҷаи тараққиёт ва зиндагиашонро наздик ба ҳам кард. Ба кишварҳои мутараққӣ рафтани қувваҳои кории мавсимӣ ё дар асоси шартнома барои ҳалли муаммои бекории кишварҳои суст-тараққикарда мусоидат намуд. Барномаи умумиевропоии тараққӣ додани минтақаҳои ақибмонда низ ба боло рафтани иқтисодиёт кӯмак расонд.



**Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ барои давлатҳои Европа бо кадом натиҷаҳо анҷом ёфт?**

Дар кишварҳои Евроатлантика, ки зери таъсири интегратсия ривоҷ намуданд, бо мурури замон модели сиёсати ягонаи иқтисодӣ ташаккул ёфт. Тафовути асосии онҳо фақат бо дараҷаи назорати давлат бар иқтисодиёт, усулҳои таъсиррасонӣ ба он вобаста буд.

Тараққиёти минбаъдаи интергатсияи Европа аз соли 1990 сар карда дар ду самт пеш рафт. Аввалан, қабул намудани аъзоҳои нав, соли 1996 шумораи онҳо ба 15 то расид. Дар мулоқоти Копенгаген (Дания) дар соли 2002 аъзоҳои нав – Венгрия, Кипр, Латвия, Литва, Малта, Полша, Словакия, Словения, Чехия, Эстония ба Иттифоқи Европа қабул карда шуд. Албатта, барои аъзоҳои нав даври гузариш дар назар дошта шуда, дар давоми ин давр онҳо санадҳои қонунӣ, низоми молиявӣ ва иқтисодиашон ба талабҳои ягонаи Европа бояд мувофиқат кунанд. Барои ҳалли мушкилиҳои дохилии онҳо аз буҷети Иттифоқи Европа субсидияҳо дода мешавад.

Сониян, барои боз ҳам инкишоф додани интегратсия дар кишварҳои Европа ва фаро гирифтани соҳаи муносибатҳои сиёсӣ чораҳо андешида шуд. Мақоми парламенти Европа афзуд, Ба парламенти Европа интихоботи

бевосита мегузаронидагӣ шуданд. Соли 1987 Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ба Иттифоқи Европа табдил дода шуд ва он “макони бесарҳади дохилӣ” шуда монд. Соли 1993 Созишномаҳои Маастрихт, ки шаҳрвандии ягонаи Европаро таъмин менамояд, эътибор пайдо кард. Шаҳрвандони кишварҳои аъзои ИЕ бе ягон виза ба мамлакати дилхоҳашон рафта, дар муддати хостагиашон зиндагӣ карда, дар интихоботи маҳаллӣ иштирок карда метавонанд. Ба ҳам наздик кардани қонунҳо ба ташаккулёбии низоми ягонаи ҳуқуқии Европа оварда расонд. Аз соли 2002 ҷорӣ карда шудани воҳиди ягонаи пул–евро (ғайр аз Британияи Кабир) давлатҳои Иттифоқи Европаро боз ҳам наздик намуд. Сиёсати мувофиқшудаи ягонаи хориҷӣ ва мудофиавӣ пеш бурда мешавад. Акнун ба Иттифоқи Европа ҳамчун сохтори ягонаи давлатии намуди конфедератсия баҳо додан мумкин. Интегратсияи минбаъдаи кишварҳои Евроатлантика дар асоси боз ҳам наздикшавии Европаи Ғарбӣ ва давлатҳои Америкаи Шимолӣ рӯй медиҳад.



**Соли 1987 ...** **Созишномаҳои Маастрихт ...**

Аммо вақтҳои охир аз ҳад зиёд шудани қарзи якчанд давлатҳои ИЕ муаммоҳои ҷиддиро оварда истодааст. Ҳукумати қувваҳои чапи Юнон бо сарварии А.Сипрас, ки бино ба натиҷаҳои интихоботи соли 2015 ба сари ҳокимият омад, ба кредиторҳо баргардонида дода натавонистани қарзи мамлакатро эълон намуд. Аксарияти аҳолии мамлакат ҳукуматро дастгирӣ кард. Ҳукумати Юнон аз як қисми қарз даст кашиданро талаб намуд. Гарчанде оид ба реструктуризатсияи қарзи Юнон дар Комиссияи Европа созиш ба вуҷуд омада бошад ҳам, музокираҳо бо банки марказии Европа ва Хазинаи байналмилалии валюта боз давом дорад.

Қарзҳои Италия ва Испания низ миқдори калонро ташкил медиҳад. Дар айни вақт нисбати тазйиқи сиёсии давлатҳои пешрафтаи ИЕ – Германия ва Франсия норозигӣ авҷ гирифта истодааст. Намунаи равшани ин норозигӣ референдуме, ки моҳи июни соли 2016 дар Британияи Кабир гузаронида шуд, мебошад, дар он аз нисфи зиёди аҳолии иштироккарда барои аз таркиби Иттифоқи Европа баромадан овоз доданд. Дар ҷамъомади раҳбарони ИЕ, ки моҳи сентябри соли 2016 дар шаҳри Братислава баргузор шуд, аввалин бор нахуствазири Британияи Кабир иштирок накард. Дар он канслери РФГ А.Меркел нутқ эрод карда, ИЕ бӯҳрони вазнин аз сар гузарониданашро эътироф намуд.

Боз як аломати ин инқироз дар вилояти мухтори Каталонияи Испания моҳи октябри соли 2017 гузаронида шудани референдум мебошад. Бино ба натиҷаҳои он Каталония мустақилии худро эълон намуд. Аммо ҳокимияти марказии Мадрид натиҷаҳои референдумро эътироф накард, аъзоёни ҳукумати Каталонияро ба ҳабс гирифт ва мухториятро бевосита аз Мадрид идора мекардагӣ шуд.

**Муносибатҳои ИЕ ва ШМА.** Баъди анҷоми "Ҷанги сард" ва бартараф шудани хавфи коммунизм дар муносибатҳои ШМА ва ИЕ ҳам дигаргуниҳо рӯй доданд. Соли 1990 байни ИЕ ва ШМА хартия (Баёния) Трансатлантика имзо шуд. Дар он маслиҳатҳо оид ба ҳамкории наздик ва масъалаҳои муҳим таъкид шуд.




**Дар мулоқоте, ки соли 2002 дар Копенгаген (Дания) баргузор шуд, ба Иттифоқи Европа аъзоёни нав – Венгрия, Кипр, Латвия, Литва, Малта, Полша, Словакия, Словения, Чехия, Эстония қабул гардиданд.**

**Соли 2002 дар Европа (ғайр аз Британияи Кабир) пули ягона – евро ҷорӣ карда шуд.**

**Дар интихоботи соли 2015 дар Юнон ба сари ҳокимият А. Сипрас омад.**

Ҷиҳати хоси муносибатҳои ИЕ ва ШМА аз он иборат аст, ки дар он шартномаҳои анъанавии дутарафа мавҷуд нест. Ин муносибатҳо дар асоси меъёрҳо ва қоидаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ба тартиб дароварда мешаванд.

Соли 2007 ИЕ ва ШМА ба Созишномаи оид ба амиқ намудани интегратсияи иқтисодии трансатлантикӣ имзо гузоштанд. Аммо тарафайн барои татбиқи амалии он саросема нашуданд. Дар давоми солҳои 2000 чандин созишнома ба имзо расид, ки онҳо барои ба тартиб даровардани ҷиҳатҳои хоси алоқаҳои тарафҳо нигаронида шудаанд.

ШМА ва ИЕ дар дунё бештар аз ҳама энергия истеъмол мекунанд ва ба атмосфера аз ҳама зиёдтар моддаҳои заҳрнок хориҷ менамоянд. Дар ибтидои солҳои 2000 ҳар ду ҷониб оид ба самарадории энергетика, бехатарӣ ва тағйироти иқлим баёнот, Конвенсияи Парижии СММ оид ба дигаршавии иқлимро имзо карданд. Аммо соли 2017 президенти ШМА Д.Трамп аз ин конвенсия баромадани мамлакаташ эълон кард. Дар муносибатҳои ШМА ва ИЕ ихтилоф низ мавҷуд аст. Ин ихтилофҳо хусусан дар бобати тафовути муносибат дар атрофи ҳалли, хусусан, муаммоҳои байналмилалӣ баръало ба назар мерасанд.

ШМА дар ҳаллу фасли моҷароҳои байналмилалӣ тарафдори истифодаи зӯрии қувва аст, ИЕ то охир истифода бурдани имкониятҳои дипломатиро пешниҳод менамояд. Сарфи назар аз ин, онҳо ба воситаи манфиатҳои сиёсӣ, ҳарбию стратегӣ ва иқтисодӣ ба ҳам узван алоқаманданд. ШМА ва ИТ намояндагони тамаддуни ягонаи Евроатлантика буда, он дар муносибатҳои байни онҳо омили асосӣ ба ҳисоб меравад.



**Капитал** – ҷамъи воситаҳои моддӣ, интеллектуалӣ ва молиявӣ, ки барои ба даст овардани сарвати иловагӣ истифода мешавад.

**Субсидия** – ёрии молиявӣ ё моддие, ки аз тарафи давлат ё дигар ягон муассиса ба дигар давлат, муассиса, шахсони алоҳида расонда мешавад.

**Реструктуризатсия** – аз сари нав дида баромадан ва дигар кардани шартҳои баргардонидани қарз ё пардохти кредит мебошад.



**соли 1990 ...** **соли 1987 ...**
**соли 2015 ...** **соли 2017 ...**

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Солҳои 1990 интегратсияи Европа дар кадом самтҳо давом кард?
2. Кадом омилҳо сабабгори аз ИЕ баромадани Британияи Кабир шуданд?
3. Муносибатҳои ИЕ ва ШМА дар асоси кадом санадҳо татбиқ мешаванд?
4. Байни ИЕ ва ШМА оид ба кадом масъалаҳо ихтилофҳо мавҷуданд?

## Кори мустақилона



Бо ёрии интернет бо мазмун ва моҳияти хартияи Трансатлантика шинос шавед.

# МАВЗӮИ 10. ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**Тараққиёти иқтисодӣ.** Дар ибтидои солҳои 1990 дар иқтисодиёти ШМА ретсессияи кӯтоҳмуддат ба назар мерасид. Пастравии суръати афзоиши ҳамаи соҳаҳои хоҷагиро фаро гирифт. Аммо аз баҳори соли 1992 сар карда суръати афзоиши маҳсулоти умумии дохилӣ якбора пеш рафт.



Билл Клинтон

Се соли аввали президентии Билл Клинтон барои пешравии иқтисодии ШМА бомуваффақият омад. Дар ин давр конюнктураи иқтисодӣ беҳтар шуда, сатҳи бекорӣ ва инфлятсия паст шуд.

Дар давоми муддати президентии дуюми Б. Клинтон маъмурияти он ба инкишофи соҳаи иҷтимоӣ эътибори калон дод. Қисми асосии хароҷоти федералӣ ба ривоҷи ресурсҳои инсонӣ сарф карда шуд. Ба давлати иҷтимоӣ табдилёбии ШМА сар шуд. Ин сиёсат номи "фалсафаи нави иқтисодӣ"-ро гирифт.



**"Кори Уотергейт" дар таърихи ШМА бо фаъолияти кадом президент вобаста аст?**

Дар ибтидои асри XXI иқтисодиёти ШМА ба манбаи асосии тараққиёти техникӣ табдил ёфт. Аз се як қисми тамоми харҷе, ки барои офаридани технологияҳои нав дар дунё сарф мешавад, аз ҳисоби ШМА буд. Нисфи макротехнологияҳоро, ки мақоми аввалро дар бобати истеҳсолоти дунё таъмин менамуданд, низ ба ШМА рост меомад. Ҳамчун давлати бузурги дунё ШМА мушкилиҳои даврро бомуваффақият ҳал карда, ба асри XXI бо иқтисодиёти нав ворид шуд. Аммо бӯҳроне, ки солҳои 2007–2008 дар сектори молиявии ШМА сар шуда буд, дар соли 2009 ба ретсессияи глобалӣ (калонмиқёси) дунё мубаддал гардид. Соли 2009 маҳсулоти умумии дохилии дар миқёси дунё истеҳсолшуда баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бори аввал ба нишондиҳандаи манфӣ фаромад. Ба дараҷаи бемисл афзудани бекорӣ дар давоми тамоми таърих ба авҷи бозори меҳнат оварда расонд ва соли 2009 дар дунё сафи бекорон наздики 200 миллионро ташкил намуд. Аз нигоҳи миқёс

ва оқибатҳо ин инқирозро ба Депрессияи бузурги солҳои 1930 баробар кардан мумкин. Иқтисодиёти ШМА дар соли 2014 ҳам пурра барқарор нашуд.




Штатҳои Муттаҳидаи Америка

**Тараққиёти сиёсӣ.** Солҳои 1980 – ибтидои солҳои 1990 даври тантанаи ғояи неоконсерватизм шуд. Дар давоми ин солҳо ШМА ҳам дар тараққиёти дохилӣ, ҳам дар арсаи байналмилалӣ ба муваффақиятҳои бузург ноил шуд. Сарфи назар аз онҳо, дар интихоботи президентии соли 1992 республикахоҳ Ҷ. Буш ғайричашмдошт ба демократхоҳи ҷавон Б. Клинтон бохт. Аммо демократҳо ҳам ғалабаи худро мустаҳкам карда натавонистанд. Дар интихоботи мобайни соли 1994 демократҳо ба мағлубияти дандоншикак рӯ ба рӯ омаданд. Аксари ҷойҳоро дар ҳарду палата, бисёре аз лавозимҳои губернаториро дар штатҳо республикахоҳон ишғол карданд. Барои боло бурдани обрӯ ва таъсири ҳизби (партияи) республикачиён шароити хеле муносиб пайдо шуд. Аммо муваффақиятҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии демократҳо дар интихоботи соли 1996 бори

дуюм ғалабаи Б. Клинтонро таъмин намуд. Маъмурияти Клинтон соҳаи иҷтимоиро ҳамчун самти устувори сиёсати худ эълон кард.



Барак Ҳусайн Обама

Дар интихоботи соли 2000 боз намояндаи республикачиён Ҷорҷ Буши хурдӣ президент интихоб шуд. Дар даври дуюми президентии ӯ ШМА инқирози иқтисодиро аз сар гузаронд. Дар натиҷаи он дар интихоботи соли 2008 номзади ягона аз партияи демократҳо Барак Обама президенти ШМА интихоб шуд.

Дар муддати дуюми президентии дуюми Б.Обама вазнин шудани вазъият дар Ироқ ва Сурия, пурзӯршавии хавфи террористӣ дар кишварҳои Европа ва ШМА барин чандин мушкилиҳо обрӯи президент ва маъмурияти онро паст намуд.





**Аз баҳори соли 1992 истеҳсоли маҳсулоти умумии дохилӣ боз афзуд.**

**Дар интихоботи соли 1992 республикахоҳ Ҷ.Буш ғайричашмдошт ба демократи ҷавон Б.Клинтон бохт.**



Доналд Трамп

Дар натиҷаи он дар интихоботи президентии соли 2016 номзади партияи демократӣ Ҳиллари Клинтон мағлуб шуд. Президенти навбатии ШМА номзади партияи республикахоҳон Доналд Трамп интихоб гардид.

Д.Трамп дар сиёсати дохилӣ бузургии Америкаро барқарор намудан, дар сиёсати хориҷӣ дахолат накардан ба кори дохилии дигар кишварҳоро эълон карда буд. Аммо гумонҳо оид ба дахолати хакерҳои россиягӣ дар интихоботи президентӣ ва мулоқотҳои ёвари президент бо сафири Россия обрӯи Д.Трампро поён фаровард. Ин ҳолат ба вай имкон надод, ки ваъдаҳои пешазинтихоботиро иҷро намояд.

**Сиёсати хориҷӣ.** Солҳои 1990 самтҳои асосии сиёсати хориҷии ШМА аҳамияти худро гум накарданд. ШМА, ки кишвари саноаташ хеле пешрафта аст, барои ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим нафақат ба воситаҳои ҳарбӣ соҳиб аст. Саноат, савдо, воситаҳои молиявӣ, илмию техникӣ, маданӣ ва дигар воситаҳо ҳам дар сиёсати ҷаҳонӣ аҳамияти калон касб менамоянд. ШМА дар арсаи байналмилалӣ аз ин ҳама воситаҳо самаранок истифода мебарад.



**Соли 2009 дар дунё сафи бекорон ...**
**Солҳои 1980 – ибтидои солҳои 1990 ...**

**Дар соли 1992 ...**
**Дар соли 1994 ...**

Дар даври аввали президентии Б.Обама мубориза бар зидди зӯроварӣ дар дунё, экстремизм ва терроризм, барқарор намудани ролу қудрати ШМА дар ҷаҳон самти устувори сиёсати хориҷии ШМА эълон шуд. Соли 2009 ба Б. Обама барои ҳаракатҳо холӣ намудани дунё аз силоҳи ядроӣ, инкишоф додани ҳамкории байни халқҳо мукофоти сулҳи Нобел супурда шуд. Аммо экстремизм ва терроризм ҳанӯз дар Афғонистон комилан барҳам нахӯрда, дар Шарқи Наздик манбаи нави шадидият ба вуҷуд омад. Баъд аз сарнагун карда шудани режими Саддом Ҳусайн дар Ироқ ҳукумати ШМА қувваҳои мухолифати мӯътадили зидди режими Башар Асад дар Сурияро дастгирӣ намуда, сабабгори пайдоиши гурӯҳи террористии ДИИШ шуд. Дар оқибати он ба обрӯи ШМА ҳамчун давлати бузурги дунё футур расид.

Ба маъмурияти Д.Трамп якчанд мушкилиҳои сиёсии хориҷӣ мерос монд. Онҳо пеш аз ҳама бо муборизаи зидди терроризми байналмилалӣ ва вазъияти Шарқи Наздик ва Афғонистон вобаста аст. Инчунин дар муносибатҳо бо Хитой ва Россия ихтилофот мавҷуд аст, ки аз Д.Трамп фаъолии дипломатиро талаб менамояд.

Моҳи ноябри соли 2017 Д.Трамп ба Хитой расман ташриф овард, дар ин асно оид ба нарм намудани муносибатҳои ду давлат, ҳамкориҳои савдоӣ ва инвеститсионӣ созишномаҳо ҳосил шуданд.



**Конюнктураи иқтисодӣ** – ҳолати иқтисодиёт, дараҷаи фаъолии он дар бобати ҳаракати пул, ставкаҳои фоиз, курси валюта, музди кор, инчунин динамикаи истеҳсолот ва истеъмол мебошад.

**Макротехнология** – маҷмӯаи ҳамаи чараёнҳои технологӣ (кашфиётҳои илмӣ, корҳои конструкторӣ, тайёр намудани истеҳсолот, фурӯхтан ва лоиҳаҳоро аз нигоҳи сервис дастгирӣ кардан) мебошад, ки мувофиқи параметрҳои муайяншуда оид ба истеҳсоли маҳсулоти маълум сурат мегирад.

**Позитсия** – ҳолат, муносибат ба воқеа ё ягон ҳодиса.

**Ретсессия** – пастравии нисбатан сусти бехавфи истеҳсолот дар иқтисодиёт ё сустшавии суръати афзоиши иқтисодӣ аст.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. “Сиёсати нави иқтисодӣ”-и Б. Клинтон дар ШМА ба инкишоф додани кадом соҳа нигаронида шуда буд?

2. Кадом муаммоҳо, ки дар муддати дуюми президентии Б.Обама ба вуҷуд омада буд, ба обрӯи президент таъсири манфӣ расонд?

3. ШМА барои ҳимоя намудани манфиатҳои ҳаётии худ дар дунё аз кадом воситаҳо истифода мебарад?

4. Дар замони президентии Б. Обама ШМА ба кадом муаммоҳои байналмилалӣ дучор омад?

## Кори мустақилона



Аз харита истифода бурда штатҳои ШМА-ро ёбед ва бо воқеаҳои таърихӣ вобаста намуда, эзоҳ диҳед.

# МАВЗӮИ 11. РЕСПУБЛИКАИ ФЕДЕРАТИВИИ ГЕРМАНИЯ ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**РФГ дар солҳои 1990.** Дар охири солҳои 1980 музокираҳо барои муттаҳид намудани ду қисми Германия бомуваффақият анҷом ёфт. 3-юми октябри соли 1990 ташкил шудани давлати ягонаи Германия эълон шуд. Декабри соли 1990 интихоботи ғайринавбатии парламент баргузор шуд.



**Давлати Германия кай ва аз чӣ сабаб ба ду қисм тақсим шуда буд?**

Соли 1990 барои Германия соли фавқулодда муҳим шуд. Якшавии Германия вазифаи бартараф намудани ақибмонии иқтисодии РДГ-ро қатъиян ба пеш гузошт. Ҷорӣ намудани механизми бозор дар РДГ асосан аз тарафи РФГ молиявӣ таъмин карда шуд. Дар интихоботи соли 1994 позитсияи (мавқеи) насрониҳои демократ бо коалитсияи либералҳо мустаҳкам гардид. Партияи сотсиал-демократии Германия (ПСДГ) партияи

намоёни мухолифат шуда монд. Партияи “Сабзҳо” низ ба қувваи бузург табдил ёфт.

Дар нимаи дуюми солҳои 1990 гарчанде суръати тараққиёти иқтисодӣ мисли пешина баланд набуд, РФГ яке аз давлатҳои пешқадами иқтисодии дунё бимонд. Дар кишвар сиёсати пурзӯри иҷтимоӣ татбиқ мешавад. Шаҳрвандон худро зери ҳимояи кофӣ ҳис карданд. Аммо он солҳо дараҷаи бекорӣ хеле баланд ва ин дар таърихи Германия нишондиҳандаи аз ҳама калон буд.

Дар чунин шароит дар интихоботи соли 1998 ПСДГ ғалаба кард. Ҳукумати Герҳард Шрёдер дар соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоӣ ислоҳоти чуқурро гузаронд: барои корхонаҳо шароити мусоид фароҳам оварда, бизнеси хурду миёна дастгирӣ крада шуд ва дар натиҷа кам кардани сафи бекорон мақсади асосии ислоҳот муқаррар гардид. Низоми молия аз нав дида баромада, ислоҳоти нафақа, хизмати тиббӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ оғоз ёфт.


Герҳард Шрёдер

**Германия дар асри XXI.** Дар ибтидои асри XXI Германия аз нигоҳи тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию техникӣ ба натиҷаҳои муайян ноил шуд. Вай дар Европа имконияти азими иқтисодӣ дошт, аз рӯйи ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилӣ дар дунё баъд аз ШМА ва Япония дар мақоми сеюм меистод.


Ангела Меркел

Дар интихоботи сентябри соли 2005 ягон партия бартарии мутлақ ба даст наовард. Дар ҷамъомади ноябрии бундестаг (парламент) А. Меркел канслери РФГ интихоб шуд. Вай дар РФГ аввалин зан, аз ҳама ҷавонтарин канслери федералӣ ба шумор меравад.

А. Меркел барномаи ислоҳ кардани низоми федеративӣ, муборизаи зидди бюрократия, инкишоф додани тадқиқотҳои илмӣ, сиёсати энергетикӣ, буҷет, молия ва оила, бозори меҳнат ва ислоҳи соҳаи сохтори ҳифзи саломатиро эълон намуд.



Соли 1990 ...
Дар соли 1998 ...

Соли 1994 ...
Партияи “Сабзҳо” ...

Аммо бӯҳрони солҳои 2007 – 2009 дар қатори дигар кишварҳо ба иқтисодиёти Германия низ зарари калон расонд. Фақат дар соли 2014 суръати афзоиши иқтисод ба нишондиҳандаи то инқирозӣ расид. Соли 2015 даҳсолагии ба сари ҳокимият омадани А.Меркел қайд карда шуд. “Даври Меркел” дар таърихи кишвар даври муҳим буда, Германия ба давлати пешрафтаи Иттифоқи Европа табдил ёфт. Дар ин давр А. Меркел ҳамчун яке аз сиёсатмадорони бонуфузи дунё шуда мондааст.




Республикаи Федеративии Германия

Германия пас аз иваз шудани ҳокимият дар Украина дар соли 2014 ва аз тарафи Россия ба худ ҳамроҳ кардани Қрим позитсияи (мавқеи) қатъии зидро ишғол кард ва дар қатори дигар кишварҳои Европа нисбати Россия санксияро эълон намуд. Муносибати А. Меркел бо раҳбарияти Россия торафт мураккаб шуда монд. Сарфи назар аз он, моҳи майи соли 2015 А. Меркел барои ба ёд овардани озодшавии Европа аз фашизм ба Москва омад. Охири соли 2015 обрӯи вай каме паст шуд. Ба ин муаммои омада истодани гурезаҳо аз Сурия ва дигар кишварҳо, ки дар он ҷойҳо ҷанг давом мекунад, сабаб шуда истодааст.

Ба ҷамъияти немисҳо мутобиқ шудани гурезаҳо бо душворӣ сурат гирифта истодааст. Барои аксарияти онҳо ин ҷараён ба бӯҳрони хеле бузурги психологӣ табдил ёфтааст. Масалан, соли 2016 Али Сонболии аслаш эронии 18-сола дар маркази савдои шаҳри Мюнхен “Ман немисам!” гӯён фарёд зада, ба одамон тир кушод. Дар оқибати он 9 нафар ҳалок шуда, даҳҳо нафар одамон захмӣ гаштанд. А. Сонболи худашро парронда кушт.

Ин ҷараёнҳо сабабгори паст рафтани обрӯи А.Меркел ва партияи насрониҳои демократ, ки вай раҳбарӣ мекунад, гардид. Ин хусусан дар интихоботи маҳаллӣ, ки дар заминҳои таркиби РФГ гузаронида шуд, аниқ намоён гардид.

Дар интихоботи парламентии моҳи сентябри соли 2017 коалитсия ба сарварии А.Меркел 33 фоиз овоз гирифт. Ин миқдори овоз барои ташкил додани ҳукумат кифоя нашуд. Музокираҳо барои ташкили коалитсия бо як қатор партияҳо (ҳизбҳо) моҳи ноябри ҳамон сол натиҷа надод.




**А.Меркел дар таърихи РФГ ҷавонтарин канслери федералӣ аст, ки ин лавозимро ишғол намуд.**

**Дар интихоботи парламентии соли 1998 ПСДГ ғолиб омад.**

Сарфи назар аз он, муваффақиятҳои иҷтимоию иқтисодии Германияи ҳозира бисёр бузург аст. Ин ҳама ҷавобгӯи зиндагии нав ба даъватҳои асри XXI дар бобати фароҳам овардани сифати ҳаёт мебошад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ҳукумати Герҳард Шрёдер дар соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт чӣ гуна ислоҳотҳои чуқур гузаронд?
2. "Даври Меркел" дар таърихи мамлакат чӣ гуна нақш дорад?
3. Дар бораи сиёсати хориҷии даври А.Меркел дар Германия чиҳо гуфта метавонед?
4. Дар Германияи имрӯза кадом мушкилиҳо мавҷуданд?

### Кори мустақилона



Аз харита истифода бурда, воҳидҳои маъмурии Германияро ёбед ва ба дафтаратон қайд кунед.

## МАВЗӮИ 12. БРИТАНИЯИ КАБИР ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017



Ҷон Мейҷор

**Британияи Кабир дар охири асри XX.** Сиёсати Ҷон Мейҷор, ки соли 1990 сарвазири Британияи Кабир интихоб шуд, ба давом додани сиёсати неоконсерватизми даври М.Тэтчер, дар айни вақт ба дуршавӣ аз ҳолати "тэтчеризм"-и авторитарӣ ва халосхӯрӣ аз дигар мероси вай нигаронида шуда буд. Аммо аксари ваъдаҳои пешазинтихоботии вай дар рӯйи коғаз монданд. Сарфи назар аз он, интихоботи парламентии баҳори соли 1992

баргузоршуда дурустии тактикаи Ҷ. Мейҷорро нишон дод. Партияи консерваторҳо дар интихобот ғолиб омад.

**Дар замони М. Тэтчер дар Британияи Кабир кадом корҳо амалӣ гардиданд?**

Дар нимаи аввали солҳои 1990 иқтисодиёти Британияи Кабир ретсессияи дарозмуддатро аз сар гузаронд. Дараҷаи инфлятсия хеле боло рафт. Кӯшишҳо барои ислоҳи низоми андоз муваффақият наовард, баръакс ба обрӯи партияи консерваторҳо таъсири манфӣ расонд. Оғоз ёфтани болоравии иқтисодӣ дар нимаи дуюми солҳои 1990 ҳам обрӯи партияи консерваторҳоро боло набурд. Ҷ.Мейҷор аз "тэтчеризм" дур шуда, роҳи сиёсати худро муайян карда натавонист.




Британияи Кабир

Дар чунин шароит Партияи лейбористҳо барои худ раҳбари нав ва барномаи нави мафкуравӣ интихоб карда, дар интихоботи парламентии моҳи майи соли 1997 ғалаба кард. Раҳбари партия Энтони Блери ҷавон сарвари ҳукумат шуд. Акнун онҳо худро лейбористҳои нав меномиданд.

Самти асосии фаъолияти асосии девони Э.Блерро ислоҳоти конститутсионӣ ташкил дод. Бино ба ақидаи Э.Блер ва ҳамсафони вай дар ҷарайёни ислоҳот бояд ба Шотландия ва Уэлс мухторият, ба минтақаҳои Англия бештар мустақилӣ диҳад, қонун оид ба интихоботро ислоҳ намудан, палатаи болоии парламент ва интихоботи онро дигар кардан ва боз чандин дигаргуниҳоро татбиқ намудан лозим. Аммо татбиқи ин ислоҳот хеле мураккаб ҷараён гирифт. Фақат соли 1999 омада муваффақиятҳои аввалин ба даст омад. Дар ассамблеяи миллии Шотландия ва Уэлс интихобот гузаронида шуд. Дар сиёсати хориҷӣ лейбористҳо роҳи анъанавиро давом доданд. Ҳукумати Э.Блер оид ба ҳамаи масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ҳамкори наздики ШМА буд.



Энтони Блер

**Британияи Кабир дар ибтидои асри XXI.** Дар ибтидои асри XXI Британияи Кабир мисли дигар давлатҳои Европаи Ғарбӣ дар бобати инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ба муваффақиятҳои калон ноил шуд. Дар мамлакат ҳолати фавқулодда мусоид ба вуҷуд омад. Нишондиҳандаҳои афзоиши иқтисодӣ баланд, дараҷаи бекорӣ ва инфлятсия дар байни даҳ соли охир хеле паст шуд.

Ҳукумати Э.Блер сиёсати зиёд кардани хароҷоти давлатиро барои эҳтиёҷи иҷтимоӣ давом дод, қисми зиёд ин маблағ барои ташкили ҷойҳои нави корӣ сарф мешуд. Ҳукумат сафи бекоронро хеле кам намуд. Аммо ҳукумат дар бобати таъминоти иҷтимоӣ маҷбур шуд, ки чандин қадамҳои қатъӣ гузорад. Хароҷот барои хизмати давлатии тандурустӣ, нафақа ва таълими умумӣ кам карда шуд.

Дар соҳаи сиёсати хориҷӣ иштироки Британияи Кабир дар коалитсияи зидди Ироқ дар соли 2003 дар ҷамъият боиси баҳсу мунозираҳо шуд. Британияи Кабир дар коалитсияи "антитеррор" иттифоқчии асосии ШМА шуд. Аммо аксарияти англисҳо зидди ин ҷанг буданд. Қаноти чапи лейбористҳо низ ба муқобили ин ҷанг баромаданд. Вазири корҳои хориҷӣ Робин Кук ҳамчун рамзи норозигӣ аз сиёсати Э.Блер ба истеъфо баромад. Сарфи назар аз он дар интихоботи соли 2005 бо фарқи хурд партияи лейбористҳо ғолиб омад. Дар натиҷаи он Э.Блер бори сеюм сарвазир интихоб шуд.




**Дар интихоботи парламентии соли 2005 бо фарқи начандон калон партияи лейбористҳо ғалаба кард.**

**Соли 2003 Британияи Кабир дар коалитсияи зидди Ироқ иштирок намуд.**

Соли 2005 дар Лондон чорто амали террористӣ содир гардид, дар оқибати ин амалҳо даҳҳо нафар ҳалок шуданд. Ташкилоти байналмилалии террористии "Ал-Қоида" масъулиятро ба зимма гирифт.

Соли 2006 баъди анҷом ёфтани ҷанги Исроилу Лубнон истеъфои сарвазири Британия Э.Блер, ки аз дунболи ШМА тарафи Исроилро гирифта буд, талаб шуд. Пеш аз муддат ба истеъфо рафтани Э.Блерро аксарияти британиҳо дастгирӣ карданд, онҳо эътирозашонро аз сиёсати америкапарастти сарвазир баён намуданд.

Моҳи июни соли 2007 Э.Блер ба истеъфо рафт. Дар интихоботи дохилиҳизбии (дохилипартиявии) лейбористҳо мансаби раҳнамои нав ва сарвазириро Гордон Браун ишғол кард. Г.Браун тарафдори глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳон буд. Дар савдои хориҷӣ ба сиёсати протексионизм зид баромад.

Дар марҳилаи аввали фаъолияташ Г. Браун якчанд ташаббус нишон дод ва ин ташаббусҳо аз тарафи мардум хуб пазируфта шуд. Дар шароити бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии соли 2008 оғозёфта барои ҳимояи низоми бонкӣ аз хонавайроншавӣ чораҳо дид, бизнесро дастгирӣ кард, ки ин ҳама обрӯяшро боло бурд. Сарфи назар аз инҳо дар интихоботи парламентии соли 2010 партияи консерваторҳо ғолиб омад, Раҳбари ин партия Девид Кэмерон лавзими сарвазири Британияи Кабирро ишғол кард.



**Сиёсати Ҷон Мейҷор ...**
**Фаъолияти Гордон Браун ...**
**Самти устувори сиёсати "Лейбористҳои нав" ...**

Дар натиҷаи чандин ҳаракатҳои ҳукумати Д. Кэмерон барои эҳтиёткунии хароҷоти давлатӣ норасоии буҷет нисбат ба МУМ кам шуд. Сарфи назар аз он, ин муаммо ҳаллу фасли худро тақозо менамуд. Мушкилиҳои иқтисодии ин замон ба томияту яклухтии давлат низ рахна зад. Сентябри соли 2014 Шотландия дар бобати баромадан аз таркиби Британияи Кабир референдуми умумихалқӣ гузаронд, дар

асной он 45 фоизи аҳолӣ барои мустақилӣ овоз доданд.



Дэвид Кэмерон

Дар интихоботи парламентии соли 2015 партияи консерваторҳо бори дигар пирӯз омад. Дар даври маъракаи пешазинтихоботӣ сарвазир Д.Кэмерон агар консерваторҳо ғолиб оянд, ваъда дод, ки масъалаи аз Иттифоқи Европа баромадани Британияи Кабирро ба миён мегузорад ва референдум ташкил хоҳад кард. Дар райъпурсии (референдуми) моҳи июни соли 2016 беш аз 50 фоизи аҳолии дар он иштироккарда барои аз Иттифоқи Европа баромадани мамлакат овоз дод. Пас аз он сарвазир Д.Кэмерон истеъфо дод. Лавозими сарвазири Британияи Кабирро Тереза Мэй ишғол намуд.



Тереза Мэй

Дар нимаи дуюми асри XX империяи мустамликавии Британияи Кабир ба охир расид. Аммо Британияи Кабир гарчанде мушкил аст, мавқеашро дар иқтисодиёт ва сиёсати ҷаҳонӣ нигоҳ дошта меояд. Аксарияти англисҳо, ки барои баромадан аз Иттифоқи Европа дар соли 2016 овоз дода буданд, онро бо арзёбии мустақилии кишвар эзоҳ медиҳанд. Дар ҳама ҳолат Британияи Кабир дар асри XXI ҳамчун яке аз аъзои муҳимтарини ҷомеаи ҷаҳонӣ мемонад.



**Протексионизм** – сиёсатест, ки ба воситаи маҳдудкуниҳои маълум дар бозори дохилӣ (гирифтани боҷ аз импорт ва экспорт, субсидияҳо ва дигар тадбирҳо) барои ҳимоя намудан аз рақобати хориҷиён равона карда шудааст.

**Тактика** – маҷмӯи усул ва воситаҳо, ки барои расидан ба ягон мақсади чашмдошт истифода мегарданд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Сабабҳои мағлубияти партияи консерваторҳо дар охири солҳои 1990 аз чиҳо иборат аст?
2. Самтҳои асосии фаъолияти девони Э.Блер аз чиҳо иборат аст?

3. Девони Д.Кэмерон аз чӣ сабаб ба истеъфо баромад?

4. Барои аз ИЕ баромадани Британияи Кабир кадом омилҳо асосӣ буданд?

### Кори мустақилона



Аз харита истифода бурда, ҳудудҳоеро, ки сарвазир Э. Блер ва ҳамсафони вай мустақилиашонро эътироф намудаанд, ёбед ва ба дафтаратон қайд кунед.

## МАВЗӮИ 13. ФРАНСИЯ ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**Франсия дар охири асри XX.** Дар охири солҳои 1980 ҳукумати Франсия сиёсати ба тарзи оммавӣ хусусӣ намудани корхонаҳо, бонкҳо ва ширкатҳои суғуртавиро эълон намуд. Аз тарафи коргарон харида гирифтани корхонаҳо яке аз роҳҳои хусусӣ кардан буд. Корхонаҳое, ки шумораи коргаронашон аз 500 то 1000 нафарро ташкил мекарданд, бо ҳамин роҳ харида шуданд. Барномаи тараққиёти иқтисодӣ барои солҳои 1989—1992 таъмин кардани барқарории муомилаи пул, паст шудани инфлятсия ва рақобатнокии иқтисодиро дар назар дошта буд.



**Дар Франсия Республикаи якум кай эълон шуда буд?**

Дар солҳои 1980–ибтидои 1990 Франсияро сотсиалистҳо идора мекарданд, он вақт дар ҳаёти байналмилалӣ воқеаҳои муҳим рӯй медиҳанд:"ҷанги сард" анҷом ёфт, Европаи Ғарбӣ як шуд, Иттифоқи Советӣ ва Югославия пароканда гардид. Президенти Франсия Франсуа Миттеран ва ҳукумати вай ба қаробат бо Германия ва муттаҳид намудани кишварҳои Европаи Ғарбиро вазифаси асосии худ медонист. Германия якҷоя бо Франсия иштирокчии фаъолтарини муттаҳидкунии Европаи Ғарбӣ шуданд. Моҳи январи соли 1990 да шаҳри Шенгени Люксембург ҳукумати Франсия созишномаи Шенгенро имзо кард. Мувофиқи он шаҳрвандони кишварҳои Иттифоқи Ҳамкории Европа бидуни виза ва назорати гумрукӣ ба кишварҳои якдигар бемалол равуо карда метавонистанд.




Республикаи Франсия

Дар солҳои ҳукмронии чапҳо тарафдорони онҳо ба муваффақиятҳои дилхоҳашон муваффақ нашуданд. Суръати болоравии иқтисодӣ хеле паст шуд. Соли 1993 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот кам гардид. Дараҷаи бекорӣ бисёр афзуд. Обрўи сотсиалистҳо рехт. Сарнагун шудани режимҳои коммунистӣ дар Европаи Марказӣ ва Шарқӣ, пошхўрии СССР ва Югославия, аз тарафи ҳукумати Россия расман сиёҳ карда шудани коммунизм на фақат ба обрўи коммунистҳо, балки ба ғояҳои сотсиалистҳо ва низоми арзишҳо таъсири манфӣ расонд.

Дар интихоботи соли 1993 ба Маҷлиси Миллӣ қувваҳои рост дар парламент аксарияти мутлақро соҳиб шуданд. Дар таърихи баъдиҷангии Франсия чапҳо бори аввал ба мағлубияти сахт дучор омаданд. Қувваҳои чап баъди ин мағлубият солҳои дароз ба худ наомаданд.

Дар интихоботи президентии соли 1995 Жак Ширак ғолиб шуд ва муборизаи зидди бекорӣ, бартараф намудани тафовути иҷтимоии байни бойҳо ва қашшоқҳоро вазифаи асосии худ эълон кард. Дар сиёсати хориҷӣ фаъолияти асосии ў ба баргардонидани роли давлати асосии

Франсия дар Иттифоқи Европа ва дар дунё “машъали озодӣ” будани вай равона карда шуд. Ҳукумати нав кам намудани камомади буҷет, нақшаи таъмини шуғли меҳнатро эълон намуд. Аз соли 1996 суръати истеҳсоли маҳсулоти умумии дохилӣ афзуд, ҳаҷми воридоти капитал ва истеъмоли шахсӣ зиёд шуд.




**Моҳи январи соли 1990 ҳукумати Франсия дар шаҳри Шенгени Люксембург созишномаи Шенгенро имзо кард.**

**Ҷамъияти постиндустриалӣ.** Дар солҳои 1990 дар Франсия ҷараёни ташаккули ҷамъияти постиндустриалӣ давом кард. Бошиддат инкишоф ёфтани инқилоби илмию техникӣ қиёфаи Франсияро дигар кард. Дар Париж ва дигар шаҳрҳои азим биноҳои осмонбӯс пайдо шуданд. Тамоми мамлакатро роҳҳои мошингард ва трассаҳои роҳи оҳан, ки дар он суръати поезд 250-300 км.-ро ташкил медод, фаро гирифт. Тоннели роҳи оҳан (Евротоннел), ки ба воситаи зери оби гулӯгоҳи Ла-Манш мегузарад, дар ҳамкорӣ бо Англия сохта шуд ва яке аз муваффақиятҳои бузургтарини муҳандисии асри XX ба шумор меравад, он моҳи майи соли 1994 ботантана кушода шуд.

Ба монанди дигар кишварҳои мутараққӣ дар Франсия низ электроника, информатика ва соҳаҳои саноати ба онҳо алоқаманд босуръат инкишоф ёфтанд. Соҳаҳои саноати металлургия, истихроҷи ангиштсанг, ки рамзи ҷамъияти индустриалӣ буданд, оҳиста-оҳиста таназзул ёфтанд.

**Франсия дар асри XXI.** Дар сарҳади асрҳои XX—XXI Франсия аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳо ба сафи давлатҳои аз ҳама мутараққии дунё дохил шуд. Аммо бӯҳрони молиявии солҳои 2007—2008 ба иқтисодиёти Франсия низ таъсири манфӣ расонд. Никола Саркози, ки дар интихоботи президентии соли 2007 ғолиб шуд, раҳбари партияи рости консервативии “Иттифоқ барои ҳаракати халқӣ” буд.


Франсуа Олланд

Раҳбари ПСФ (партияи сотсиалистҳои Франсия) Франсуа Олланд, ки дар интихоботи соли 2012 ғолиб омада, президент шуда буд, барои боло бурдани нуфузи Франсия дар Иттифоқи Европа, нигоҳ доштани мақоми он ҳамчун яке аз давлатҳои асосӣ дар сиёсати Европа ҳаракат кард. Вай бо ташаббуси ҷорӣ кардани андози иловагӣ ба бойҳо баромад. Ин

ташаббусро суди конститутсионӣ бекор кард. Баъд никоҳи шахсони якҷинсро ҳимоя ва онро қонунӣ гардонид. Ин боиси эътирози калисои католикӣ шуд.

Маҷрои муҳоҷирони аз кишварҳои Шарқ, аз минтақаҳои Сурия ва дигар мамлакатҳои ҷангзада дар Франсия ҳам вазъияти иҷтимоиро бошиддат намуд. Дар оқибати амали террористие, ки моҳи ноябри соли 2015 дар Париж содир шуд, беш аз сад нафар ҳалок, зиёда аз сесад нафар захмӣ шуданд. Ин амали террористиро гурӯҳи террористии ДИШИ ба зимма гирифт.

**Созишномаи Шенген...** **Соли 1993...**
**Дар соли 1996...** **Соли 2007...**


Эммануил Макрон

Сарфи назар аз он, ки ҳукумат чораҳои эҳтиётӣ андешид, амалҳои террористӣ такроран содир шуданд. Ф. Олланд дар таърихи Франсия ҳамчун президенти бенуфузтарин дохил шуд. Вай дар интихоботи президентии соли 2017 номзади худро нишон надод. Дар интихоботи моҳи апрел намояндаи ҳаракати "Ба пеш!" Эммануил Макрон пирӯз шуд. Дар айни вақт ин интихобот чун дар Германия дар Франсия низ аз барбод рафтани сиёсати мултикултурализм дарак медод. Дар шароити афзудани шумораи муҳоҷирон, пурзӯршавии хатари терроризм обрӯи Партияи фронти миллии рост афзуд. Намояндаи фронти миллӣ Марин Ле Пен бори аввал дар интихоботи президентӣ мақоми дуюмро ишғол карда, қариб 34 фоизи овозҳоро гирифт.

Сарфи назар аз муаммоҳои мамлакат Франсия дар ибтидои асри XXI ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳам аз нигоҳи сиёсӣ яке аз давлатҳои намоёни дунё шуда мондааст.

**Мултикултурализм** – сиёсатест, ки барои нигоҳ доштани гуногунии маданиятҳо дар як мамлакат ва дар тамоми дунё равона карда шудааст, ин дар айни вақт асоси назария ва мафкураи он сиёсат мебошад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар ибтидои солҳои 1990 кадом сабабҳо боиси мағлубияти қувваҳои чап дар Франсия гардиданд?
2. Ташаккулёбии ҷамъияти постиндустриалӣ дар Франсия дар чиҳо намоён шуд?
3. Дар ибтидои солҳои 2010 кадом сабабҳо вазъияти иҷтимоиро дар Франсия шадид намуданд?
4. Дар асри XXI дар назди Франсия кадом муаммоҳо пайдо шуданд?

## Кори мустақилона



Ба воситаи интернет ба Франсия сайёҳати виртуалӣ кунед ва дар асоси маводҳои омӯхтаатон оид ба мавзӯъ воқеияти таърихиро таҳлил намоед.

# МАВЗӮИ 14. ИТАЛИЯ ДАР СОЛҲОИ 1991–2017

**Италия дар солҳои 1990.** Дар Италия асосҳои ҷамъияти постиндустриалӣ дар солҳои 80-уми асри гузашта ташаккул ёфта буд. Чораёни калонмиқёси нав сохтани базаи техникии истеҳсолот ва технологияҳо – ҷорӣ кардани тартиби идоракунии компютерӣ дар истеҳсолот, истифода аз роботҳо дар амал татбиқ карда шуд. Муҳимтар аз ҳама ин чораён қабл аз ҳама корхонаҳои хурдро фаро гирифт.



**Шартномаи Рим оид ба ташкил додани ҳамкориҳои иқтисодии Европа кай имзо карда шуд?**

Дар сохтори иҷтимоии ҷамъият низ дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯй доданд. Шумораи одамони машғули кор дар соҳаи хизматрасонии тараққиёфта хеле афзуд.

Бесуботӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва зуд-зуд иваз шудани ҳукумат дар Италия ба анъанаи ба худ хос табдил ёфт. Инқирози чуқури институтҳои (арконҳои) давлатӣ дар Италия бо фаъолияти сохтори мафия низ вобаста буд. Коррупсияи мислаш надида дар мақомоти (идораҳои) болоии ҳокимият ҷиҳати ба худ хоси механизми сиёсии Италия шуда монд. Интихобот дар

ин ҷо тибқи низоми мутаносибӣ гузаронида мешавад. Дар референдуми соли 1993 аҳолии Италия барои даст кашидан аз ин низом овоз дод.

Дар солҳои 1980 – ибтидои 1990 дар ҷараёнҳои сиёсии дохилӣ таъсири партияҳои анъанавӣ кам шуд. Соли 1991 партияи коммунистии Италия пароканда шуд. Дар заминаи он Партияи либерал-демократӣ ва Партияи наҳзати коммунистӣ ташкил шуд.

Моҳи феврали соли 1992 дар мамлакат кампанияи (маъракаи) “Дастони ҳалол” сар шуд, зимни он дар табақаи болоии ҳокимият ва раҳбарияти партияҳои асосӣ ҳолатҳои коррупсия аниқ карда шуд. Вобаста бо ришвахӯрӣ (порагирӣ) моҷарои нави сиёсӣ авҷ гирифт. Тадбиркорони калон, раҳбарони Партияи насронии демократӣ (ПНД) ва Партияи сотсиалистии Италия, депутатҳо ва сенаторон, якчанд вазир ба маҳкама кашида шуданд. Президенти Италия Ф. Коссига ба истеъфо баромад. Ҷамъ 20 ҳазор нафар ба рӯйихати тафтишот дохил карда шуд. Аз феврали соли 1992 дар байн ду сол қариб се ҳазор нафар ба ришвахӯрӣ айбдор дониста, аз ҷумла собиқ сарвазирон, депутатҳои парламент, вазирон ба ҳабс гирифта шуданд. Ҷараёни суд алоқаи байни раҳбарони олии ҳокимият ва мафиаро фош намуд, тамоми ҷомеа ба ҳайрат афтод. Дар ҷараёни ҳаракати муқовимат сохтори ташаккулёфтаи партиявию сиёсӣ заиф шуд. Интихоботи парламентии соли 1992 паст рафтани нуфузи партияҳои асосӣ, аз ҷумла ПНД ва ПСИро дар байни ҷамъият нишон дод. Соли 1993 дар заминаи ПНД партияи халқии Италия ташкил ёфт. ПСИ пароканда шуд. Интихоботи парламентии моҳи марти соли 1994 таназзулёбии низоми аввали партиявиро нишон дод. Гурӯҳҳои нави, ҳанӯз машҳурнашудаи “Ба пеш, Италия!”, “Лигаи Шимол”, “Алянси миллӣ” – неофашистон ва иттиҳодияи миллатчиёни рост ба майдон баромаданд.


Силвио Берлускони

Ҳукуматро дар асоси коалитсияи “Лигаи Шимол” ва “Алянси миллӣ” С.Берлускони ташкил кард. Ҳукумат то охири соли 1994 сари маснад истода тавонисту халос. С.Берлускони муборизаи зидди коррупсияро эълонкарда худаш барои риоя накардани қоидаҳои андоз айбдор дониста шуд ва ба истеъфо баромад. Ҳукумати нави Италия аз сафи бепартиявиён ташкил шуд.

Аз соли 1996 ба сари ҳокимият коалитсияи марказихоҳони чап омад. Аммо оид ба масъалаҳои вобаста ба дигаркунии низоми таъминоти иҷтимоӣ дар коалитсия ихтилоф сар зад. Дар айни замон ба ҳабс гирифта шудани чандин сарварони гурӯҳҳои мафия аз ҷониб ҷамъият ҳамовозӣ пайдо намуд.




Республикаи Италия




**Моҳи феврали соли 1992 дар мамлакат кампанияи “Дастони ҳалол” сар шуд.**

**Дар референдуми соли 1993 аҳолии Италия барои даст кашидан аз низоми интихоботии мутаносиб (пропорсионал) овоз дод.**

Аммо ҳукумати сарвазир Романо Проди ихтилофи дохилиро бартараф карда натавонист ва бартарияти парламентиро аз даст дода, соли 1998 ба истеъфо баромад. Массимо Де. Алема лавозими сарвазириро ишғол намуд. М.Де.Алема кам кардани дараҷаи баланди бекориро, ки то ин вақт давом мекард, таклиф намуд.

Моҳи апрели соли 2000 дар интихоботи маҳаллӣ дар вилоятҳои шимолӣ қувваҳои ростхоҳ ғолиб омаданд. Ба афкори иҷтимоӣ кампанияи “Дастони ҳалол” таъсири калон расонд, калисои католикӣ низ ростҳоро дастгирӣ кард. М.Де.Алема ба истеъфо баромад.

**Италия дар асри XXI.** Италияи имрӯза мамлакати аз ҷиҳати индустриалӣ хеле пешрафта мебошад. Вай дар солҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар роҳи тараққиёти худ ба натиҷаҳои маълум муваффақ шуд. Инфлятсия хеле паст рафт, бекорӣ кам гашта, корхонаҳои нав пайдо шуданд. Сиёсати пухтаи оид ба ҷавонон бурда мешавад. Фақат дар соли 1998 12 ҳазор корхонаҳои бизнеси хурду миёна сохта шуда, қисми асосии онҳоро фирмаҳои ба ҷавонон тааллуқдор ташкил мекунанд. Дар айни вақт Италия дар бобати истеҳсоли маҳсулоти дорои технологияи боло аз давлатҳои мутараққӣ ақиб мондааст.

Дар давоми даҳ соли охир аҳволи МУД дар Италия бо бесуботии худ фарқ мекард. Ин фақат бо бӯҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои 2007 – 2009 вобаста набуда, ба сохтори ба худ хоси иқтисодиёти Италия ҳам алоқаманд аст. МУД кам бошад ҳам доиман пеш мерафт. Аммо қарзи давлат хеле зиёд буд, вай ҳоло нисбат ба МУД 130 фоизро ташкил медиҳад.



**Соли 1992 ... Соли 1993 ... Соли 1998 ...**
**Низоми мутаносиби интихоботӣ – ин ...**



Маттео Ренси

Аз моҳи феврали соли 2014 ҳукумати Италияро Маттео Ренси идора кард ва мақсади бар ивази кам кардани андозҳо зиёд намудани даромади италиягиҳоро эълон кард. Аз соли 2015 ислоҳоти соҳаи таълим оғоз ёфт. Аз соли 2016 лавозими сарвазириро Паоло Ҷентилони ишғол карда, ҳамон сиёсатро давом дода меояд.

Италияи ба асри XXI қадам ниҳода, барои паси сар намудани ақибмонии технологӣ нисбат ба кишварҳои тараққикарда, рақобатбардошт кардани иқтисодиёташ кӯшида истодааст. Ба инкишоф додани технологияҳои замонавии ахборот, соҳаҳои ноанъанавии иқтисодиёт – фаъолияти банк, индустрияи сайёҳӣ, варзиш ва ҳифзи саломатӣ эътибори алоҳида медиҳад.



**Низоми мутаносиби (пропорсионали) интихоботӣ** – зимни он мандатҳо дар байни партияҳо бо назардошти овози гирифтаи онҳо мутаносибан тақсим карда мешавад.

**Неофашизм** – ташкилотҳои радикалии рости давомдиҳандагони ғоявию сиёсии ташкилотҳои фашистии солҳои 1920-1940 мебошад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар солҳои 1980—1990 дар ҷамъияти Италия чӣ гуна дигаргуниҳои мусбӣ рӯй доданд?
2. Маъракаи "Дастони ҳалол" дар Италия ба кадом натиҷаҳо оварда расонд?
3. Дар ибтидои асри XXI дар роҳи тараққиёти иқтисодии Италия кадом муваффақиятҳо ба даст оварда шуданд?
4. Дар асри нав дар Италия кадом муаммоҳо боқӣ мондаанд?

### Кори мустақилона



Аз харита истифода бурда, бо кадом давлатҳо ҳамсарҳад будани Италияро дар дафтаратон қайд кунед.



Дар асоси таҳлили кампанияи "Дастони ҳалол" дар Италия лоиҳаи хурдро дар мавзӯи "Мо зидди коррупсия ҳастем" тайёр кунед ва барои тақдимоти он дар маҳфил тайёрӣ бинед.

## МАВЗӮИ 15. САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ, ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁ, АФРИКА ВА АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ

**Роҳи мураккаби модернизатсия.** Дар охири асри XX дар кишварҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ муаммоҳои модернизатсия (азнавсозӣ, такмил додан) чуқур шуданд. Дар ин бобат хотима ёфтани "ҷанги сард" ҳам нақши маълум бозид. Кишварҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ, ки аз СССР ҳамеша ёрӣ медиданд, баъд аз пош хӯрдани он ба вазъияти вазнин рӯ ба рӯ шуданд. Дар Ветнам, Лаос, Ангола, Мозамбик, Куба, Никарагуа барин давлатҳо, ки ба ёрии СССР такя мекарданд, сохт дигар шуд ё роҳи муқобили тараққиёт пеш гирифта шуд.



**Дар давре, ки "Соли Африка" ном гирифта буд, дар харитаи дунё чанд давлати мустақил пайдо шуд?**

Дар нимаи дуюми асри XX натиҷаҳои мусбии модернизатсияи амалишуда ҳам дар кишварҳои тараққикардаистода як қатор муаммоҳоро ба вуҷуд овард. Яке аз онҳо муаммоҳои демографӣ аст, ҳоло қисми асосии афзоиши аҳолии Кураи замин ба саҳми кишварҳои тараққикардаистода рост меояд. Бино ба маҳдудияти манбаҳои зиндагӣ босуръат зиёд шудани аҳолӣ мушкилиҳои зиёдро ба миён овард. Аз ҷумла, дар байни даромади қисми сарватманди аҳолӣ ва даромади қисми камбағали аҳолӣ фарқи калон пайдо шуд.

**Ҷиҳатҳои хоси кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ.** Мамлакатҳои бузурги Осиё, ки модернизатсияро дар назди худ мақсад гузошта буданд, аз ҷумлаи Ҳиндустон, Покистон, Индонезия, Филпппин, Таиланд ва дигарон, барои ёфтани роҳи мақбули тараққиёт ҳаракат карданд.

Ин роҳ дар татбиқи амалии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ эҳтёткорӣ, маҳдуд шудан бо бартараф намудани шаклҳои ақибмондатарини ҳаёти иҷтимоиро талаб мекард.

Ба шарти муҳим ҷалб кардани капитали (сармояи) хориҷӣ– таъминкунии суботи иҷтимоию сиёсӣ эътибори калон дода шуд. Қобили қайд аст, ки дар ин мамлакатҳои дараҷаи умумии зиндагӣ ниҳоят пастбуда фарқи байни даромади қисми бой ва камбағали аҳолӣ хеле баланд набуда, ба нишондиҳандаи давлатҳои мутараққӣ наздик буд. Ҳукумат ба авҷи баланди норозигии аҳолӣ роҳ надода, стратегияи пухта таҳияшудаи модернизатсияро татбиқ менамояд. Асоси онро ба секторҳои истиқболии иқтисодиёт равона кардани инвеститсияҳои давлат, сиёсати протексионизм, ба соҳаҳои маҳсулоташ харидоргир будани капитали хориҷӣ ташкил медиҳад. Дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мисли Европа шаҳрҳои азим (гигант), зонаҳои постиндустриалӣ, истеҳсоли технологияаш баланд, марказҳои илмие, ки чун дар кишварҳои пешқадам ба дараҷаи баланди муваффақиятҳои илмӣ муяссар гаштаанд, пайдо шуданд.

Аммо мушкилиҳои ҳалталаб зиёданд. Масалан, қариб нисфи аҳолии синну солаш калон бесавод аст. Дар ин мамлакатҳо, ки аҳолиашон хондану навиштанро намедонанд, масканҳои модернизатсия бо хоҷагиҳои натуралии деҳот паҳлӯи ҳам фаъолият мебаранд.

**Олами ислом.** Дар охири асри XX – ибтидои асри XXI кишварҳои исломӣ даври мураккаби модернизатсияро аз сар мегузаронанд. Инқилоби исломии Эрон дар соли 1979 ба тамоми олами ислом таъсири хеле калон расонд. Дар аксари кишварҳо гурӯҳҳои мутаассиб пайдо шуданд ва будаашон фаъол гаштанд, аксарияташон роҳи ягонаи расидан ба мақсадро дар террор диданд.

Дар ин ҷараён фундаментализми (бунёдгароӣ) исломӣ накши алоҳида мебозад. Аслан фундаментализм фақат хоси ислом нест. Масалан, солҳои

охир дар Ҳиндустон қувваҳое, ки арзишҳои аввалини ҳиндуизмро талаб мекунанд, фаъол гардидаанд. Аммо ҳоло бештар оид ба “фундаментализми исломӣ” сухан меравад. Ҳатто тахминҳо дар бораи он, ки вай дар асри XXI муаммои асосии муносибатҳои байналмилалӣ хоҳад монд, дуруст баромада истодаанд.

Фундаментализми исломӣ зуҳуроти гуногун дорад. Масалан, дар ибтидои солҳои 1990 дар кишварҳои араб ва Африка гурӯҳҳои террористӣ аз қабили “Бародарони мусулмон” фаъол шуданд. Онҳо аз тарафи баъзе давлатҳои араб таъминоти молиявӣ гирифтанд. Гурӯҳҳои экстремистии баъзе давлатҳои исломӣ бо роҳнамоии Усома бен Лоден “Фонди ҷиҳоди байналмилалӣ” ташкил карданд, ин фонд дар саросари дунё амалҳои террористиро рағбатнок менамояд.



Харитаи дунёи исломӣ: ■ – суннихо; ■ – шиаҳо



**Соли 1979 ...**
**Дар ибтидои солҳои 1990 ...**

Дар ибтидои асри XXI ШМА бо баҳонаи “барқарор намудани демократия” дар Ироқ ва Либия барин давлатҳои соҳибихтиёр ҳокимиятро бо зӯрии аслиҳа сарнагун кард. Дар оқибати он дар минтақа ташкилотҳои мутаассиби террористӣ пурзӯр шуда, барои ишғол кардани ҷойи холии ҳокимият мубориза оғоз намуданд. Ироқ, Либия, Сурия ба гирдоби ҷанг

кашида шуданд. Аз гўшаҳои гунонуги дунё террористон дар атрофи ташкилоти террористии ДИШИ ҷамъ шуда, зери байроқи ислом ҷанг мекунанд.

Фундаментализми исломӣ терроризми оддӣ нест, вай ҳодисаи фавқулодда пурқудрат ва хатарнок аст. Нисбат ба он хеле эҳтиёткор бояд буд. Ҳоло дар назди назариётчиёни ислом вазифаи хеле муҳим истодааст, онҳо бояд ба одамон фарқи дини ҳақиқиро аз онҳое, ки бо номи дин амали террористӣ мекунанд, фаҳмонанд, дини сулҳпараст будани исломро асоснок намуда талқин намоянд.

**Барои кишварҳои Америкаи Лотинӣ** дар асри XX се намуди умумии модернизатсия—инқилобӣ, неоконсервативӣ ва ислоҳотпарастӣ баръало хос буд. Аммо кишварҳои Америкаи Лотинӣ барои ба зинаи баланди тараққиёт баровардани соҳаи иҷтимоӣ аз ин усулҳои консервативӣ натиҷаҳои дилхоҳ надиданд. Ҷамъиятҳои Америкаи Лотинӣ дар як вақт барои ҳалли се муаммо: офаридани иқтисоди самарноку босубот; ҳаллу фасли муаммоҳои иҷтимоии аз гузашта мерос; бартарафсозии мутеъгӣ аз кишварҳои мутараққӣ, пеш аз ҳама аз ШМА роҳи умумиро дарёфт карда натавонистанд.

Дар Америкаи Лотинӣ дар ҷараёни бартарафсозии оқибатҳои манфии ислоҳотҳои неолибералӣ дар солҳои 1990 ҳукуматҳои моил ба чап бо роҳи интихобот ба сари қудрат омаданд. Ин ҳодиса тамоми таваҷҷўҳи ҷаҳониёнро ҷалб кард ва номи “гардиши чапҳо”-ро гирифт.

Дар охири асри XX – ибтидои асри XXI кишварҳои Америкаи Лотинӣ бори аввал дар таърих бидуни диктатура тараққӣ карданд, қариб дар ҳамаи мамлакатҳо бо роҳи интихобот режимҳои конститутсионӣ ба сари ҳокимият омаданд. Аммо бар оқибати бўҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008 ва бўҳрони энергетикии соли 2014 оғозшуда шароити вазнини дар Америкаи Лотинӣ ба амаломада ба ислоҳот мўҳтоҷ будани ин кишварҳоро нишон дод.



**Неоконсерватизм** – намуди маҷрои ғоявию сиёсии консервативӣ, ки ба нигоҳ доштани арзишҳои иҷтимоии анъанавӣ ва ба тараққӣ додан нигаронида шудааст.

**Ислоҳоти неолибералӣ** – тадбирҳо бо мақсади кам кардани дахолати давлат ба иқтисодиёт. Бино ба фикри намояндагони неолиберализм бозор худаш худашро ба тартиб медарорад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Кишварҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ дар ҷараёни модернизатсия ба кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ омаданд?
2. Ҷиҳатҳои хоси инкишофи кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ аз чиҳо иборатанд?
3. Дар ҷараёни модернизатсияи кишварҳои исломӣ фундаментализми исломӣ чӣ гуна рол мебозад?
4. Кишварҳои Америкаи Лотинӣ дар охирҳои асри XX роҳи ҳалли кадом муаммоҳоро ёфта натавонистанд?

## Кори мустақилона



Дар асоси ҷадвали консептуалӣ ҷиҳатҳои хоси самтҳои асосии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотиниро таҳлил намоед?

# МАВЗӮИ 16. РЕСПУБЛИКАИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ ДАР СОЛҲОИ 1991–2017

**Тараққиёти сиёсии Республикаи Халқии Хитой.** Пас аз пошхӯрии сохти сотсиализм ва СССР Республикаи Халқии Хитой (РХХ) ба сифати давлати аз ҳама бузурги сотсиалистӣ боқӣ монд. Дар ин ҷо Хитой роҳи ба худ хоси сохтмони сотсиализмро давом дод. Ҳокимиятро партияи ягона – Партияи коммунистии Хитой (ПКХ) ишғол карда меояд.



**Дар Хитой "Инқилоби бузурги миллӣ" бо кадом натиҷаҳо анҷомид?**

Баъди пахши намоиши сулҳхоҳона дар майдони Тянанмен дар соли 1989 қариб се сол дар сиёсати Хитой дигаргунии ҷиддӣ рӯй надод. Фақат соли 1992 Ден Сяопин зимни сафараш ба музофотҳои ҷанубии мамлакат якчанд баёнот дода, таъкид кард, ки сиёсати ислоҳоти иқтисодиро боздоштан мумкин нест. Муваффақиятҳои баъди ислоҳотҳо ба дастомада боварии одамонро ба роҳи дуруст интихобшуда мустаҳкам

кард. Ден Сяопин дар давоми сафараш боз як қарори муҳим қабул кард: ӯ мири шаҳри Шанхай Сзян Сземинро, ки намоишҳоро дар шаҳри худаш сулҳомезона боздошт, ворисн худ эълон кард.

Дар ин давр нисфи аппарати давлатӣ ихтисор шуд. Ба ҷойи амалдорони куҳансоли корашон бесамар ҷавонон омаданд. Саркотиби ПКХ ба истеъфо баромада, ба ҷояш нисбат ба вай ҷавон Ху Сзинтао интихоб шуд.

Соли 2012 ба сари қудрат Си Сзинпин омад, тахти раҳбарии вай ПКХ ва раҳбарони РХХ зери шиори татбиқи амалии "Орзуи Хитой" муттаҳид шуданд. Зери мафҳуми "Орзуи Хитой" барои "барқарор намудани миллати хитой" ду қадам фаҳмида мешуд: қадами аввал то садсолагии ПКХЪ (соли 2021) ба дараҷаи "фаровонии миёна" расидан, қадами дуюм то садсолагии РХХ (2049) аз қатори мамлакати мутараққии ҷаҳон ҷой гирифтан фаҳмида мешавад.



Ден Сяопин

**Ислоҳоти иқтисодӣ.** Баъди бешафқатона пахш намудани намоиши донишҷӯён дар соли 1989 дар майдони Тянанмен сарфи назар аз эълони санксияҳо бар зидди Хитой дар мамлакат ислоҳот давом кард. Барои бомуваффақият ҷомаи амал пӯшонидани онҳо аз як қатор тадбирҳои замони Мао Сзедун даст кашидан зарур буд. Аввалан, ба хоҷагиҳои ҷамоавӣ хотима гузошта шуд. Деҳқонон имконияти озодона ба бозор баровардани як қисми ҳосилро пайдо карданд, ташкили корхонаҳои маҳаллии хурд дар шаҳру деҳот рағбатнок карда шуд. "Бой шудан бисёр хуб", таъкид кард Ден Сяопин. Вай дар доираи дастгирии тадбиркорӣ чор вилояти соҳилии Хитойро зонаи махсуси иқтисодӣ эълон намуд. Дар ин зонаҳои иқтисодӣ барои сармоягузорони хориҷӣ шароит ташкил гардид.

Моҳи феврали соли 1997 "падари ислоҳотҳо"-и Хитой Ден Сяопин вафот кард. Сентябри ҳамон сол ПКХ "Барномаи модернизатсияи сектори давлатӣ"-ро қабул кард. Оид ба даст кашидан аз банкҳо ва корхонаҳои давлатии бар зарар коркунанда низ қарор қабул шуд.

Дар натиҷаи татбиқи бомуваффақияти ислоҳот дар тӯли бист соли охири асри XX МУД-и РХХ беш аз шаш маротиба афзуд. Раҳбарияти РХХ аз бист соли аввали асри XXI хеле босамар истифода карданро мақсад карда монд. Ба ин давр ҳамчун даври болоравии қудрати иқтисодӣ, ҳарбӣ, сиёсати хориҷӣ ва дар ҷаҳон барои ишғол намудани аз нигоҳи сифат забти ҷойи нав ҳамчун "марҳилаи имкониятҳои стратегӣ" баҳо дода мешавад.

Баъди аъзои Ташкилоти савдои ҷаҳон шудан дар соли 2001 Хитой аз имкониятҳои бозори ҷаҳон ва аз бартарияти “фабрикаи бузургтарини” мамлакат дар Кураи замин истифода бурда, суръатҳои баланди афзоиши иқтисодиро нигоҳ дошт ва ба мавқеи беҳтари иқтисодиаш дар ҷаҳон муваффақ гашт.

Дар съезди 19-уми умумихитойии ПКХ, ки октябри соли 2017 баргузор шуд, Си Сзинпин мақсади азалии коммунистони Хитой аз мубориза барои бахти халқи Хитой ва эҳё намудани миллати хитой иборат буданашро, дар миёнаҳои асри XXI Хитой ба давлати бузурги сотсиалистии замонавӣ табдил гардиданашро эълон намуд.

**Муаммоҳои иҷтимоӣ.** Сарфи назар аз баланд будани пешрафти мунтазами иқтисодӣ Хитой дар ибтидои асри XXI ба якчанд муаммоҳои ҷиддии иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ дучор омад: фарқи даромади байни бойҳо ва камбағалҳо хеле зиёд шуд.


Си Сзинпин

Зуд пир шудани аҳолӣ ва зарари калони истеҳсолот ба экология яке аз мушкилоти азими Хитой аст. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати “як оила – як фарзанд”, ки солҳои дароз дар Хитой ҷорӣ шуд, дар мамлакат шумораи ҷавонон нисбат ба куҳансолон кам шуда меравад. Дар ибтидои асри XXI зери таъсири индустрикунонӣ, урбанизатсия ва савдои байналмилалӣ саноати вазнини аз энергетика бештар истифодабаранда ба миқёси бузург пеш рафт. Дар оқибати он истихроҷи газҳои зарарнок дар шаҳрҳои Хитой боиси вазъияти вазнини экологӣ шуд. Дар деҳот ифлосшавии об муаммои асосӣ шуда мондааст. Ин ҳолат ғайр аз зарар ба саломатии аҳолӣ ба иқтисодиёти миллӣ низ таъсири манфии бештар расонда истодааст. Ҳукумати Хитой барои беҳбудии вазъияти экологӣ дарояндаи наздик тадбирҳо таҳия кардааст. Дар ин барнома фароҳам овардани муҳити софи экорлогӣ вазифаи асосии асри XXI дар назар дошта шудааст.

Боз як муаммои ҳалталаби Хитой терроризм ба ҳисоб меравад. Хусусан, дар кишвари мухтори Синзян-Уйғур хавфи терроризм хеле баланд аст. Фақат соли 2013 дар минтақа қариб 200 маротиба амали террористӣ рӯй дод.

Дар тафовут аз ислоҳоти охири асри XX мақсади асосии ислоҳот дар ибтидои асри нав дигаргунсозиҳои иқтисодӣ нашуда монд. Дар ибтидои асри XXI эътибор на ба боло бурдани иқтисодиёт, балки ба бартараф намудани муаммоҳо ҳангоми татбиқи ислоҳот нигаронида шуд. Ин муаммоҳо асосан дар тафовути байни шаҳр ва деҳот, фарқи

тараққиёт дар қисми ғарбии мамлакат аз қисми шарқии он вобаста аст. Дар марҳилаи ҳозираи ислоҳоти иқтисодӣ эътибори асосӣ ба инкишофи муносибатҳои бозор дода шудааст.




Республикаи Халқии Хитой

**Сиёсати хориҷӣ.** Хитой узви доимии Шӯрои амнияти СММ аст. Мамлакатҳои Ғарб сиёсати хориҷии Хитойро барои ҳимоя аз Республикаи Халқии Демократии Корея танқид карда меоянд. Ҳукумати РХХ сиёсати хориҷиашро барои болобарии нуфузи Хитой дар сиёсати ҷаҳонӣ пеш мебарад ва дар айни вақт дар бобати аксари масъалаҳои байналмилалӣ позитсияи нейтралро (бетарафиро) ишғол карда меоянд.



**Соли 2001 ...**
**“Падари ислоҳотҳо” – ин ...**
**Октябри соли 2017 ...**
**Соли 2013 ...**

ШМА ҳамкори асосии тиҷоратии Хитой шуда мондааст. Аммо дар муносибатҳои ду давлат якчанд муаммоҳо ҳам мавҷуд аст. Ин пеш аз

ҳама зиддиятест, ки бар оқибати сиёсати ШМА барои пурзӯр намудани таъсираш ба минтақаи Осиё-уқёнуси Ором пайдо шудааст. ШМА мехоҳад, ки Хитойро аз ин минтақа фишор оварда, дур кунад. Пекин бошад ба ин муқовимат нишон медиҳад. Ин боиси шадид шудани вазъият дар минтақа шуд. Мусобиқаи мусаллаҳшавии Хитой ва ШМА шадидиятро боз ҳам тезутанд карда истодааст.

Сарфи назар аз онҳо, байни тарафайн аз ибтидои асри XXI оид ба масъалаҳои иқтисодӣ созишномаи стратегӣ мавҷуд аст, дар мулоқотҳо муаммоҳои асосӣ мунтазам мавриди муҳокима қарор мегиранд. Масалан, ноябри соли 2017 президенти ШМА Д.Трамп ба Хитой расман ташриф овард, оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва мубодилоти тиҷоратӣ баробари беш аз 250 миллиард доллар созишномаҳо ба имзо расид.

Мақсади асосии сиёсати хориҷии РХХ барои афзун бахшидан ба таъсири вай ба кишварҳои Осиё ва Африка нигаронида шудааст. Барои ин Хитой имкониятҳои кофии иқтисодӣ, ҳарбӣ ва сиёсӣ дорад.



**Урбанизатсия** – ҷараёни таърихии афзоиши аҳолии шаҳрҳо, ҷамъ шудани ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ давлат дар онҳо аст.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар охири асри XX-ибтидои асри XXI ба кадом мақсад дар РХХ дигаргунсозиҳои сиёсӣ татбиқ карда шуданд?
2. Татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар Хитой ба кадом натиҷаҳо оварда расонд?
3. Дар ибтидои асри XXI муаммоҳо вобаста ба индустрикунонӣ ва урбанизатсия чӣ гуна пайдо шуданд?
4. Дар сиёсати хориҷии Хитой муносибатҳо бо ШМА чӣ гуна рол мебозад?

## Кори мустақилона



Аз харита истифода бурда, вилоятҳоеро, ки дар таърихи Хитой дар байни солҳои 1991—2017 нақши асосӣ доранд, ёфта, онро эзоҳ диҳед.

# МАВЗӮИ 17. ЯПОНИЯ ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**Тараққиёти Япония дар солҳои 1990.** Дар ин солҳо дар ҳаёти сиёсии Япония обрӯи партияи либералию демократӣ (ПЛД) баланд шуд. Тосики Кайфу, ки соли 1990 ба сари ҳокимият омад, ба баланд шудани обрӯи байналмилалии Япония муваффақ шуд. Соли 1990 ҳангоми аннексияи Қувайт аз тарафи Ироқ Япония ба контингенти ҳарбии байналмилалӣ, инчунин барои ёрии молиявӣ ба Миср, Ӯрдун ва Туркия якчанд миллиард доллар маблағ ҷудо кард.



**Япония дар бобати ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилӣ кай дар дунё баъд аз ШМА ба ҷойи дуюм баромад?**

Дар солҳои 1990 ҳиссаи сектори давлат дар иқтисодиёт кам шуда рафт. Зиёда аз ин, аз ҷониби давлат ба тартиб даровардани саноат суст шуд. Дар ин давр ба хориҷа баровардани капитал экспорти асосии Япония гардид. Миқдори сармояе (инвеститсия) , ки дар давлатҳои хориҷӣ гузошт, аз 1 трлн доллар гузашт. Япония дар бобати самаранокии меҳнат аз кишварҳои Европаи Ғарбӣ ҳам гузашта, ба ШМА расида гирифт. Дар солҳои 1990 90 фоизи видеоаппаратурае, ки дар тамоми дунё истеҳсол шудааст, аз се ду қисми роботҳои саноатӣ ба ҳиссаи Япония рост меояд. Аммо вобастагӣ бо бозори хориҷӣ ҳангоми "бӯҳрони Осиё" дар солҳои 1997 – 1998 барои Япония мушкилиҳои зиёд пеш овард. Сарфи назар аз он, дар даври бӯҳронҳо иқтисодиёти Япония мутобиқшавӣ ва бардошти худро нишон дод.

Дар бобати сиёсати дохилӣ солҳои 1990 ба ҳукумат бесуботӣ хос аст. Дар ин солҳо баъди иваз шудани чандин ҳукуматҳои коалитсионӣ дар Япония январи соли 1996 ПЛД бори дигар ҳукумати яккаҳизбӣ (яккапартиявӣ) ташкил намуд. Онро Рютаро Хасимото сарварӣ мекард. Вай оғоз намудани "шаш ислоҳот": 1) андоз, 2) дар соҳаи таълим; 3) таъминоти иҷтимоӣ; 4) паст кардани идоракунии давлат дар иқтисодиёт; 5) оид ба десентрализатсия намудани идоракунии маъмурӣ; 6) ҷудо кардани замин ба ширкатҳои саноатиро эълон намуд. Ғайр аз ин, Р.Хасимото дипломатияи дигарро намоиш дода, барои татбиқи



Кейдзо Обути

амалии консепсияи (назарияи) “евроосиёӣ”-ро дар сиёсати хориҷӣ кӯшиш намуд. Вай бо ҳаракатҳои қатъиаш барои рахназанӣ ба фаъолияти сектаи “Аум Синрикё”, ки чандин амали террористӣ дар Япония карда буд, машҳур шуд.




Япония

Дар охири асри XX Япония дар сиёсати дохилӣ раҳнамоии ПЛД-ро нигоҳ дошт. Соли 2000 баъди вафоти сарвазири Япония Кейдзо Обути ин лавозимро Ёсиро Мори ишғол кард.

**Япония дар асри XXI.** Япония дар ибтидои асри XXI чун мамлакати иқтисодиёташ баркарор ривоҷёбанда монд. Вай соле баробари то 400 млрд доллар маҳсулот экспорт мекунад. Япония дар бобати киштисозӣ, тракторсозӣ, истеҳсоли дастгоҳҳо барои коркарди металл дар саноат дар

микёси дунё ҷойи аввалро ишғол намудааст. Он оид ба истеҳсоли пӯлод, телевизор ва автомобил низ дар ҷаҳон пешқадам аст. Япония дар бобати ҳаҷми МУД дар ҷаҳон баъд аз ШМА ва Хитой ҷойи сеюмро ишғол кардааст.

Япония мамлакати иборат аз ҷазираҳои сершумор аст. Вай нисбат ба дигар кишварҳо бо қувваи табиат, тӯфони табиат, тайфунҳо, зилзила бештар вобаста аст. Японҳо дар маданияти истеҳсолот барои кам кардани ана ҳамин вобастагӣ кӯшида истодаанд. Аммо бар қувваи табиат илоҷи пурра боло омадан нест, фақат зарари онро кам кардан мумкин.

Моҳи марти соли 2011 дар оқибати зилзилаи ҷазираи Хонсю Япония зарари калон дид. Ҳазорон одамон ҳалок шуданд, 300 ҳазор нафар бехонумон гаштанд. Ба чандин стансияҳои барқии атомӣ зарар расид. Аз стансияи барқии атомии Фукусима-1 ба атроф моддаҳои радиоактивӣ хориҷ шуд. Ба кишвар зарари азими иқтисодӣ ворид шуд.


Синдзо Абэ

Дар сиёсати дохилӣ раҳнамоии ПЛД боқӣ монд. Соли 2001 вазифаи сарвазирии Японияро Ҷунитиро Коидзуми бар дӯш гирифт. Вай нисбатан ҷавон, пурғайрат буд, обрӯяш ҳам дар мамлакат баланд гардид. Ҷ.Коидзуми тарафдори аз сари нав дида баромадани моддаи конститутсияи Япония, ки мувофиқи он мамлакат наметавонист соҳиби қувваҳои мусаллаҳ бошад, буд. Аз соли 2012 пешвои ПЛД Синдзо Абэ ҳукуматро сарварӣ карда меояд.

Бояд гуфт, ки бӯҳронҳои сиёсӣ фақат хоси Япония нест. Ин гуна ҷараёнҳо дар дигар мамлакатҳое, ки ташаккулёбии тамаддуни постиндустриалии навро аз сар мегузаронанл, низ рӯй медиҳанд. Таркиби иҷтимоии аҳолӣ дигар мешавад, муаммоҳое, ки ҷамъиятро ба ташвиш меоранд, низ моҳияти ба худ хос мегиранд; аксари партияҳои кӯҳна дучори бӯҳрон гаштаанд, онҳо бо душвориҳо ба талаби замон мутобиқ мегарданд, навгониҳоро ҳар доим ҳам зуд ҳазм карда наметавонанд. Дар низоми сиёсии кишварҳои мутараққӣ низ бозсозии ҷиддӣ давом мекунад. Инкишофи демократияи намояндагӣ дар ояндаи наздик мутлақо мазмуни нав касб мекунад, инро вақт нишон медиҳад. Аммо японҳо аз ҳоло барои бомуваффақият ҳал намудани муаммоҳо ҳаракат мекунанд.

Дар сиёсати хориҷии Япония муносибатҳо бо ШМА нақши асосӣ дорад. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Япония дар минтақа ҳамкори наздиктарини тиҷоратӣ ва шарики стратегӣ шуда меояд. Муносибатҳои

Япония бо Хитой хеле мураккаб аст. Соли 2005 ҳукумати Ҷ.Коидзуми дар атрофи масъалаи ҷазираи Тайван тарафи ШМА-ро ошкоро гирифт, ин боиси шадид шудани муносибатҳо бо Хитой шуд. Оид ба масъалаи Кореяи Шимолӣ ҳам, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст ва соли 2017 боз ҳам тезутунд гардидааст, ихтилофи Япония ва Хитой мавҷуд аст.



**Десентрализатсия** – аз марказ ба дигар ташкилотҳо додани ваколат ва ӯҳдадориҳо оид ба қабули қарор мебошад.

**Секта** – муттаҳид шудани одамони дорои нуқтаи назари танг, хеле мутаассиб ва экстремистӣ, бароматан аз тамоили умумии динӣ аст.

**Контингенти ҳарбӣ** – лашкар ва маҷмӯи техникаи ҳарбӣ, ки барои иҷрои вазифаи муайяни низомӣ ташкил карда мешавад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Солҳои 1990 дар иқтисодиёти Япония кадом дигаргуниҳо рӯй доданд?
2. Рютаро Хасимото кадом ислоҳотро эълон кард?
3. Тараққиёти босуботи Япония дар асриXXI ба кадом омилҳо вобаста аст?
4. Дар сиёсати хориҷии Япония муносибатҳо бо ШМА ва Хитой ҷаро самти асосӣ ба шумор меравад?

## Кори мустақилона



Оид ба мавзӯи "Мӯъҷизаи иқтисодии Япония" эссе нависед.



Бо истифода аз Интернет ба Япония сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва сабабҳои асосии тараққиёти имрӯзаи Японияро дар дафтаратон бо сутунчаҳо нависед.

## МАВЗӮИ 18. КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ ДАР СОЛҲОИ 1990 – 2017

Ба мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ОҶШ) Ветнам, Камбодҷа, Лаос, Мянма, Таиланд, Малайзия, Бруней, Индонезия ва Филиппин, ки дараҷаи тараққиёташон ба якдигар наздик, дохил мешаванд. Дар ин кишварҳои беш аз ним миллиард аҳоли зиндагӣ мекунанд. Ветнам, Камбодҷа, Лаос, ки роҳи сотсиалистии тараққиётро пеш гирифта буданд, дар солҳои 1990 ба вазъияти вазнин рӯ ба рӯ омаданд. Онҳо ба сафи кишварҳои қашшоқтарини дунё дохил шуданд. Партияҳои ҳукмрони роҳи сотсиалистӣ дар сари ҳокимият бошанд ҳам, онҳо маҷбур шуданд дар кишварҳои худ ислоҳоти ҷиддиро гузаронанд.



**Дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ кадом давлатҳо дар асоси модели Япония роҳи тараққиётро интихоб кардаанд?**

**Ветнам, Камбодҷа, Лаос.** Съезди VII-уми Партияи коммунистии Ветнам, ки соли 1991 баргузор шуд, роҳи ислоҳотҳоро эълон кард. Съезд ба тадбиркории озод рухсат дод, деҳқонон ба муддати тӯлонӣ ҳуқуқи соҳиби замин шуданро гирифтанд.

Дар натиҷаи ислоҳоти бозор афзоиши босуботи иқтисодӣ таъмин шуд. Дар солҳои охири асри XX ин нишондиҳанда соле 9 фозиро ташкил дод. Капитали хориҷӣ бомуваффақият аз худ мешуд, афзоиши инвеститсияҳо ба назар расид. Дар охири асри XX – ибтидои асри XXI дар Ветнам бо иштироки фирмаҳои хориҷӣ чандин лоиҳа амалӣ шуд. Комёбиҳои иқтисодӣ сатҳи зиндагии аҳолиро боло бурд. Ин омили кафолати субот дар давлати аҳолиаш гуногунмиллат шуд.

Комёбиҳои иқтисодии Ветнам эҳсос мешавад. Ҳоло Ветнам дар бобати экспорти озуқаворӣ дар байни кишварҳои Осиё ҷойи якумро, аз рӯйи экспорти биринҷ дар дунё ҷойи дуюмро ишғол мекунад.

Дар Камбодҷа мувофиқи қарори конференсияи дар Париж моҳи октябри соли 1991 анҷомёфта ҳокимият ба Шӯрои олии миллӣ дода шуд. Дар Камбодҷа маъмурияти муваққатии СММ ташкил карда шуд ва он тайёриро ба интихоботи умумӣ бар зимма гирифт.

Соли 1999 Камбодҷа узви комилҳуқуқи ASEAN шуд. Дар ибтидои асри XXI Камбодҷа дучори аҳволи вазнини иқтисодӣ шуда, аз ҳисоби ёрии байналмилалӣ рӯз мегузаронд. Дар кишвар савдои “моли зинда” васеъ

авҷ гирифт, падару модарон бачаҳои худро ба пули ночиз мефурӯхтанд. Дар ибтидои асри XXI баъзе тағйироти мусбӣ рӯй дод. Хароҷот ба соҳаи ҳифзи саломатӣ ва таълим зиёд шуд, чораҳои паст кардани сатҳи қашшоқӣ дар кишвар амалӣ гардиданд.



Мамлакатҳои ОҶШ

Соли 1991 дар **Лаос** конститутсия қабул шуд. Фаъолияти парламент – Ассамблеяи миллӣ дар бобати эҷоди қонунҳо пурзӯр шуд, Лаос узви ASEAN гардид.

Дар ибтидои асри XXI фақат 10 фоизи иқтисодиёт ба давлат мансуб буд. Соли 1999 мамлакат бори аввал худашро бо биринҷ таъмин мекардагӣ шуд. Оҳиста-оҳиста ба Лаос капитали хориҷӣ баргашта омад, инфлятсия паст шуд, қурби валютаи миллӣ баланд мешавад. Мувофиқи конститутсия гарчанде дар мамлакат сохти якпартиявӣ ҳукмрон аст, унсурҳои демократия оҳиста-оҳиста роҳ меёбанд. Дар интихоботи парламентии соли 2016 барои як мандат ба ҳисоби миёна 1,5 нафар номзад мубориза бурд.

**Кишварҳои Осиёи Шарқӣ.** Дар солҳои 1980-1990 дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Шарқӣ суръати баланди тараққиёти иқтисодӣ ба назар мерасид. Ин пешрафт имкон дод, ки онҳо дар аввали солҳои 1990 ба сафи гурӯҳи давлатҳое, ки дар замони нав номи “кишварҳои нави индустриалӣ” гирифта буданд, дароянд.


Маҳатхир Муҳаммад

**Малайзия** ба туфайли тараққиёти пуравҷи иқтисодӣ коррупсия ва бӯҳрони дохилии сиёсиеро, ки бо фаъол шудани фундаменталистони исломӣ дар қисмати шимоли мамлакат вобаста буд, паси сар намуд. Дар интихоботи моҳи апрели соли 1995 баргузоршуда партияи мутаҳҳидаи миллии Малайя (ПМММ) бо роҳнамоии доктор Маҳатхир Муҳаммад ғалабаи боварибахшро ба даст овард ва ҳамин тариқ пеши роҳи ба сари ҳокимият омадани фундаменталистони исломӣ гирифта шуд.

Аз солҳои 1990 суръати болоравии иқтисодии Малайзия баланд аст, вай ба сафи кишварҳои мутараққии индустриалӣ даромаданист. Дар ибтидои асри XXI кишвар на фақат намудҳои муҳими ашёи хом, балки миқдори зиёди маҳсулоти саноатиро экспорт мекардагӣ шуд.

Дар Малайзия барномаи тараққӣ додани мамлакат то соли 2020 таҳия шудааст. Бинобар он, дар соли 2020 Малайзия бояд аз сафи кишварҳои мутараққии индустриалӣ ҷой гирад.

“Бӯҳрони Осиё” дар солҳои 1990 ба **Индонезия** таъсири калон расонд. Суръати пешравии иқтисодӣ суст шуд. Ин боиси норозигии оммавии аҳолӣ шуд. Президент Сухарто маҷбур шуд ба истеъфо барояд.


Ҷоко Видодо

Ҳамзамон кишварро мавҷи фундаментализми исломӣ фаро гирифт. Дар байни мусулмонҳо исёнгарӣ, нобудсозии насрониҳо, дар ҳудудҳои мухталифи кишвар баромадҳои ҷудоихоҳӣ (сепаратист) сар заданд.

Соли 2001 Мегавати Сукарнопутри президенти мамлакат интихоб шуд. Аҳолӣ ўро гарму ҷўшон истиқбол кард, қурби рупия ҳам боло баромад, бозори фонд фаъол гашт. Дар интихоботи навбатии соли 2014 Ҷоко Видодо презтденти Индонезия интихоб шуд.



Карен Ибаскои филиппинӣ – ғолиби озмуни зебоёни дунё "Мисс-2017"

Дар интихоботи соли 1992 дар **Филиппин** генерал Фидел Рамос президенти кишвар интихоб шуд. Вай барои торумор кардани ҷудоихоҳони мусулмони ҷануби мамлакат ҳаракат кард, лекин муваффақ нашуд.

Дар Филиппин чандин ташкилоти радикалӣ мавҷуданд. Дар ихтиёри онҳо даҳ ҳазор нафар ҷанговароне, ки дар Афғонистон ва Кавкази Шимолӣ таҷриба андўхтаанд, дар сафи ДИШИ дар Ироқу Сурия ҷангидаҳо ҳастанд.

Сарфи назар аз мушкилиҳои дохилӣ дар солҳои 1990 пешравии иқтисодӣ ба назар мерасид. Филиппин ба яке аз мамлакатҳои бузурги истеҳсолкунандаи электрон ва саноати кимёи дунё табдил ёфт.

Дар интихоботи моҳи майи соли 2016 Родриго Роа Дутерте ғолиб омада, президенти Филиппин шуд. Вай тарафдори аз нав ҷорӣ намудани ҷазои қатл дар мамлакат аст, ки соли 2006 бекор карда шуда буд. Моҳи июли соли 2016 дар кишвар кампанияи зидди шуғли ноқонунӣ бо маводи нашъаманд дар мамлакат оғоз ёфт, беш аз 2 ҳазор нафари бо савдои маводи нашъаманд гумонбар кушта шуданд. Бидуни суд кушта шудани он гумонбарҳо ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш меандозад.

"Давлатҳои нави индустриалӣ" дар минтақаи ОҶШ. Дар нимаи дуюми асри XX—ибтидои асри XXI Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Сингапур, Гонконг, ки ҷараёни модернизатсияро бомуваффақият амалӣ намуда буданд, суръати баланди тараққиётро таъмин карда, номи "Палангони Осиё", "давлатҳои нави индустриалӣ"-ро гирифтанд. Сатҳи зиндагии аҳолӣ дар онҳо беҳтар шуд.

Дар ин кишварҳо соҳаҳои саноати киштисозӣ, автомобилсозӣ, коркади нефт ва истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук ривоҷ карданд. Аз нигоҳи ҷорӣ кардани технологияҳои олии илмталаб, компютеркунонӣ ва истифодаи робот давлатҳои пешқадами дунё ба ҳисоб меравад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Ислоҳоти иқтисодие, ки соли 1991 дар Ветнам оғоз ёфт, ба кадом натиҷаҳо оварда расонд?
2. Дар асри XXI дар Камбодҷа ва Лаос кадом тағйиротҳо рӯй доданд?
3. Кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар кадом зинаи тараққиёт қарор доранд?
4. Дар "давлатҳои нави индустриалӣ" –и минтақаи ОҶШ кадом соҳаҳо тараққӣ кардаанд?

### Кори мустақилона



Ислоҳотеро, ки дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ амалӣ шуданд, бо ислоҳоте, ки дар Ӯзбекистон дар солҳои истиқлол татбиқ гардиданд, муқоиса намоед. Ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқкунандаи онҳоро дар диаграммаи Venn инъикос намоед.

## МАВЗӮИ 19. РЕСПУБЛИКАИ ҲИНДУСТОН ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**Ҳиндустон дар солҳои 1990.** Дар ин вақт аҳволи иқтисодии Ҳиндустон бад шуд: рӯҳафтодагии дар иқтисоди ҷаҳон рӯйдода Ҳиндустонро низ фаро гирифт. Болоравии иқтисодӣ қариб қатъ ёфт, инфлятсия пурзӯр шуд, бекорӣ авҷ гирифт. Дар мамлакат байни гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва динӣ зиддият, бӯҳрони умумӣ вусъат ёфт. Дар чунин ҳолат соли 1991 аз ҷониби террористи тамилӣ сарвазири Ҳиндустон Раҷив Ганди кушта шуд.



**Дар бораи фаъолияти Маҳатма Ганди чиҳо медонед?**

Ҳукумати Нарасимха Рао дар мамлакат марҳилаи нави ислоҳоти бозорро сар кард. Сектори давлатӣ ихтисор, корхонаҳои бузург хусусӣ карда шуданд. Даҳолати давлат ба иқтисодиёт боз ҳам кам гардид. Чандин тадбирҳои фавқулодда амалӣ карда шуд. Хусусан, рупия девалватсия



Нарасимха Рао

карда, ислоҳоти андоз гузаронида, захираи валютаи давлат пур гардонида шуд.

Дар солҳои 1990 Ҳиндустон ба комёбиҳои ҷиддӣ ноил шуд. Дар ин давр ҳаҷми МУД чандин баробар афзуд. Суръати баланди истеҳсолот таъмин карда шуд. Дар ин солҳо захираи тилло-валютаи Ҳиндустон зиёд шуда, ҳаҷми истеҳсоли нефт афзуд.

Хоҷагии қишлоқ ҳам бомуваффақият инкишоф ёфт, аз соли 1992 Ҳиндустон экспорти ғалларо сар кард. Мамлакат маҳсулоти зиёдро, аз ҷумла, маҳсулоти технологияаш баланд ҳам экспорт менамояд. Масалан, аз ҳисоби барномаҳои сифатноки технологияи олӣ соле чандин миллиард доллар фоида мегирад. Ҳиндустон дар бобати шумораи кадрҳои баландмалакаи оид ба истеҳсоли барномаҳои компютерӣ баъд аз ШМА дар дунё ҷойи дуюмро, аз рӯйи шумораи ходимони илмию техникӣ ҷойи сеюмро ишғол кард.



Атал Бихари Ваҷпай

**Ҳиндустони имрӯза.** Дар интихоботи парламентии моҳи марти соли 1998 (алянси Халқӣ – демократӣ) ғалаба кард, раҳбари он Атал Бихари Ваҷпай мансаби сарвазириро ишғол мекунад.

Сарфи назар аз душвориҳои табиӣ, аз ҷумла хушкӣ дар ғарби мамлакат ҳукумати А.Б.Ваҷпай чандин лоиҳаи худро дар амал татбиқ кард. Дар бобати заиф намудани сепаратистони мусулмони Кашмир тадбирҳо гузаронд.

Соли 2000 дар қисми шимолу ғарби мамлакат сето штати нав ташкил карда шуд. Ҳукумат ба тараққиёти ин минтақаи мамлакат эътибори калон дод, барои ин мақсад бори аввал вазорати махсус ташкил намуд.

Ҳукумати А.Б.Ваҷпай бо мақсади боз ҳам озод намудани овоз додан, таъмини ошкороии хароҷоти молиявии кампанияи пеш аз интихобот якчанд ислоҳоти интихобот гузаронд.




**Соли 1991 аз тарафи террористи тамилӣ сарвазири Ҳиндустон Раҷив Ганди кушта шуд.**

**Соли 2000 дар қисми шимолу ғарби мамлакат сето штати нав ташкил карда шуд.**




Республикаи Ҳиндустон

Девони А. Б. Ваҷпай дар соҳаи иқтисодӣ чораҳои кам кардани дахолати бевоситаи ҳукумат ба фаъолияти хоҷагӣ чораҳо андешид. Ӯ дар бисёр соҳаҳо монополияи давлатиро бекор кард, назоратро аз болои фаъолияти тадбиркорон ва фирмаҳо кам намуд, андозҳоро паст кард. Ҳукумат болоравии барқарори иқтисодӣ, рақобатбардории саноати Ҳиндустон, инкишофи соҳаҳои технологияҳои компютерӣ, нақлиёт ва алоқаро таъмин намуд. Аммо боз ҳам либерализатсияи иқтисодиёт ба афзудани бекорӣ, хусусан дар байни ҷавонон, ҷиддӣ гардидани муаммоҳои қашшоқӣ оварда расонд. Дар натиҷа, дар интихоботи моҳи майи соли 2004 Конгресси миллии Ҳинудстон (КМҲ) дар ҳамкорӣ бо чапҳо ғолиб баромад.

Ҳукуматро Манмохан Сингх идора намуд. Ҳукумати нави дар моҳи май оид ба дастгирӣ намудани истеҳсолгарон, кам кардани бекорӣ, беҳтаркунии таъмини озуқаворӣ ба қисми камдаромади аҳолӣ, ҳимояи манфиатҳои инсон гузаронидани ислоҳотҳоро ваъда дод.

Ҳиндустон дар асри XXI аз ҷумлаи давлатҳоест, ки даъвои давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтатарини дунёро дорад. Бино ба пешгӯиҳои (прогнози) Банки ҷаҳонӣ дар соли 2006 иқтисодиёти Ҳиндустон дар соли 2025 дар дунё баъди Хитой ва ШМА ба ҷои сеюм баромаданаш мумкин. Ҳиндустон аз ҳоло бо роҳи таъмин кардани болоравии иқтисодии барқарор, ривоҷ додани сектори дорои қиммати баланди иловагӣ, инчунин такмилдиҳии низоми таълим ва ҳифзи саломатӣ рафта истодааст. Соли 2014 Нарендра Моди ба лавозими сарвазирии Ҳиндустон омада, сиёсати ислоҳотро давом дод.



Нарендра Моди

Барои ташаккули сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҳиндустон роҳи тараққиёти демократии мамлакат аст, ки дар асри XXI ба болоравии иқтисодии он чун омили ҳалкунанда таъсири худро мерасонад. Дар мамлакат барои иштироки намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъият дар мақомоти раҳбарикунандаи ҳокимият имконият фароҳам аст.

Суръати баланди тараққиёти иҷтимоию иқтисодии Ҳиндустон имконияти беҳтар шудани шароити зисти қисми калони аҳолиро дод, ин бурди калони ҷомеаи ҳиндувон ва давлати онҳо аст.



**Соли 1991 ...** **Дар моҳи марти соли 1998 ...**
**Муаммои демографӣ ...**
**Муаммоҳои Ҳиндустони имрӯза ...**

Сарфи назар аз онҳо муаммоҳои калонмиқёси иҷтимоӣ боиси монеа шудан ба тараққиёти мунтазами мамлакат мешаванд. Муаммои демография яке аз он муаммоҳои асосист. Дар охири соли 2017 шумораи аҳолии Ҳиндустон аз 1 млрд 350 млн афзуд. Дар мамлакат 400 млн нафар қашшоқон ҳастанд, қариб аз се яккисми аҳолӣ бесаводанд. Инчунин, аҳолии Ҳиндустон бисёрмиллата, забонаш ҳам биёср, аҳолиаш хеле тез меафзояд, аз ин рӯ муаммоҳои этникӣ ҳамеша мавҷуд аст. Онҳо, масалан, аз муаммоҳои сикхҳо дар Панҷоб, бангалҳо дар Ассам, тамилҳо дар Ҳиндустони Ҷанубӣ, муаммои Кашмир ва монанди инҳо

иборатанд. Ғайр аз ин, муаммоҳои динӣ низ мавҷуданд. Масалан, ҳоло шумораи аҳолии мусулмон дар Ҳиндустон аз 160 млн зиёд аст. Дар муносибати онҳо бо ҳиндуён ихтилофҳо боқӣ мондаанд. Бартараф намудани қашшоқӣ, паст кардани дараҷаи бекорӣ, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ҳанӯз ҳам муаммои доғи давлат ва ҷомеа шуда мондааст.

Сарфи назар аз ин душвориҳо, Ҳиндустон бо роҳи тараққиёти демократӣ қатъӣ меравад. Он ҷавобгӯи талабҳои замони нав нисбат ба мамлакат шуда метавонад.

Дар сиёсати хориҷӣ мақсади асосии Ҳиндустон ба яке аз давлатҳои бузурги дунё табдил ёфтан аст. Бар асоси тараққӣ додани босуръати иқтисодиёт қудрати иқтисодӣ ва сиёсии давлатро пурзӯр кардан, бо силоҳи ядроӣ ва техникаи замонавӣ армияро пурзӯр намудан ҳам ба он мақсадҳо нигаронида шудааст. Ҳиндустон барои ба узвияти доимии Шӯрои амнияти СММ дохил шудан мунтазам ҳаракат менамояд.

Дарасри XXI низ сиёсати хориҷии Ҳиндустон дар самти анъанавӣ давом мекунадю Асоси ин сиёсатро дар шароити устувор будани арзишҳои демократӣ дар ҷамъият роҳи таъминкунии бехатарии хориҷии мамлакат ташкил медиҳад, ин сиёсат аз тарафи қисми калони ҷомеа ҷонибдорӣ пайдо карда меояд.



**Девалватсия** – паст намудани курси расмии валютаи миллӣ нисбат ба валюта байналмилалии қатъӣ мебошад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар натиҷаи ба амал баровардани ислоҳотҳои ҳукумати Нарасимха Рао дар солҳои 1990 дар Ҳиндустон кадом комёбиҳо ҳосил шуданд?
2. Ҳукумати А.Б.Ваҷпай кадом тадбирҳои муҳимро амалӣ намуд?
3. Ҳиндустон дар асри XXI барои расидан ба кадом муваффақиятҳо ҳаракат дорад?
4. Дар асри XXI дар назди ҷомеаи ҳинд кадом муаммоҳои ҳалталаб истодаанд?

## Кори мустақилона



Аз харита штатҳоеро, ки дар таърихи Ҳиндустон дар солҳои 1991-2017 ҷойи асосӣ доштанд, ёбед ва эзоҳ диҳед.

# МАВЗӮИ 20. РЕСПУБЛИКАИ ТУРКИЯ ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**Инкишофи сиёсии Туркия дар солҳои 1990 – ибтидои солҳои 2017.** Тағйироти сиёсие, ки дар охири солҳои 1980 ва ибтидои солҳои 1990 дар дунё рӯй доданд, ба Туркия низ таъсир расонданд. Соли 1989 ислоҳотпарасти машҳур Турғут Ӯзол президенти Республикаи Туркия интихоб шуд. Оид ба интихобот қонуни нав қабул шуд, барои партияҳои сиёсӣ як қатор сабукиҳо фароҳам гардид.

Аммо аз ин сабукиҳо дар навбати аввал партияҳои исломӣ самаранок истифода бурданд. Сарфи назар аз огоҳкунии раҳбарони армия, ки худро дар бобати бо роҳи тараққиёти дунёвӣ рафтани Республикаи Туркия аз замони М. К. Отатурк масъул меҳисобиданд, дар ҷомеа таъсири партияҳои исломпараст қувват мегирифт. Дар чунин шароит соли 1993 Т. Ӯзол вафот кард. Президенти Туркия Сулаймон Дэмирел интихоб шуд.



**Хизматҳои Мустафо Камол Отатурк дар таърихи Туркия аз чиҳо иборат аст?**

Охири соли 1995 интихоботи ғайринавбатии парламент баргузор шуд. Натиҷаҳои интихобот аз болоравии таъсири дини ислом дар ҷомеа далолат дод. Партияи исломипарасти "Рифоҳ" ("Фароғат") бо роҳбарии Неҷмиддин Эрбакан овози бештар гирифт.

Дар ин замон муаммои курдҳо боз пайдо шуд. Партияи коргарони курдҳо таҳти раҳбарии Абдулло Оҷалан, ки аз сиёсати ҳукумат норозӣ буд, бар зидди ҳукумат ҷанг эълон кард. Нисбат ба сиёсатмадорони машҳур амали террористӣ содир шуд. Пас аз ба ҳабс гирифтани А. Оҷалан Партияи коргарии курдҳо ба қатъ намудани ҳаракатҳои ҷанговарона, бо роҳи сулҳомез ҳал намудани муаммоҳо қарор кард.

Дар мамлакат мавқеи тарафдорони дини ислом пурзӯр шудан гирифт, онҳо дар мақомоти маҳаллии ҳокимият низ ҷойҳои бештарро ишғол карданд, зиёда аз он ҳукуматро ҳам идора менамуданд. Бино ба фикри бисёриҳо дар интихоботи навбатӣ тарафдорони дини ислом бояд ғалаба мекарданд. Раҳбарияти армия аз ин ҳол норозӣ шуда, президент С.Дэмирелро чанд бор огоҳ намуд.




**Соли 1993 баъди вафоти Т.Ӯзол Сулаймон Дэмирел президенти Туркия интихоб шуд.**

**Дар солҳои 2000 муносибати байни ҳарбиён ва исломпарастон барои Туркия муаммои асосӣ шуда монд.**

Дар интихоботи парламентии соли 2000 Партияи чапи демократӣ ғалаба намуд. Дар мамлакат нисбати тарафдорони дини ислом мавқеи қатъӣ нигоҳ дошта шуд. Прокуратураи Туркия ташкилоти "Нурчиён"-ро хилофи конститутсия донист. Фаъолияти ин ташкилот ва шӯъбаи туркии "Ҳизбуллоҳ" манъ карда шуд. Сардори штаби (аркони) армия бори дигар огоҳ намуд, ки агар исломчиён ба сари ҳокимият оянд, ҳарбиён барои ҳимояи конститутсия тайёр ҳастанд. Сарфи назар аз он, дар интихоботи парламентии соли 2002 Партияи Адолат ва тараққиёти (ПАТ) исломпарастон бо роҳбарии Р.Эрдӯғон ғалаба ба даст оварданд. Аз сабаби он, ки бино ба ҳукми суд Р.Эрдӯғон аз ҳуқуқи ишғол кардани лавозими сиёсӣ маҳрум шуда буд, мансаби сарвазирӣ насиби Абдуллоҳ Гул шуд.

Армия ҳушёриро нигоҳ дошт, низомиён вазъиятро бодиққат назорат мекарданд ва бино ба зарурият барои дахолат тайёр буданд. Соли 2003 Р.Эрдӯғон лавозими сарвазирии Туркияро ишғол кард.

**Тараққиёти иқтисодӣ.** Дар Туркия ислоҳоти иқтисодӣ дар солҳои 1990 низ давом кард. Суръати афзоиши солонаи МУД хеле баланд гашта, дар охири солҳои 1990 қисми асосии экспортро маҳсулоти саноатӣ ташкил медодагӣ шуд. Корхонаҳои хусусии маҳсулоти хушсифат истеҳсол мекардагӣ зиёд шуданд. Захираи валюта Туркия бисёр гардида, МУД ба сари аҳолӣ аз 3 ҳазор доллар афзуд. Туркия ба кишвари хеле мутараққие мубаддал шуд, ки ба бозори ҷаҳонӣ маҳсулоти рақобатбардор расонида метавонист. Дар охири асри XX маҳсулоти саноатии Туркия дар кишварҳои Европа бемалол ба рақобат медаромадагӣ шуд.

Коррупсияи ҳамаи соҳаҳоро фарогирифта яке аз муаммоҳои азими Туркия мебошад. Оид ба ин масъала ибтидои солҳои 2000 байни президент ва сарвазир ҷудоӣ пайдо шуд, бухрони молиявӣ ба вуҷуд омад: аз кишвар инвеститсия баромада рафт. Банки марказии Туркия маҷбуран

дахолат кард, ин боиси якбора кам шудани захираи валютаи хориҷӣ гашт. Дар оқибати он лираи туркӣ, ки озод дар муомила буд, беқурб шуд. Аммо бӯҳронҳо муваффақиятҳои иқтисодии солҳои охири Туркияро ба нестӣ наоварданд. Туркия имрӯз яке аз давлатҳои хеле босуръат тараққикунандаи дунё, аъзои клуби "G-20" аст.




Республикаи Туркия

**Туркия дар асри XXI.** Дар солҳои 2000 низ муносибатҳои ҳарбиён ва тарафдорони дини ислом муаммои асосии Туркия шуда монд. Соли 2007 нисбат ба фаъолияти ташкилоти пинҳонии миллатгароёни шадиди "Эргенекон" тафтиш ва ба ҳабс гирифтанҳо сар шуд. Суди Туркия се нафар генерали ба истеъфобаромадаро барои кӯшиши амали табаддулоти давлатӣ айбдор донист ва ба муддати 20 сол ҷазои ҳабс дод. Дар байни дар солҳои гуногун ҳабсшудагон нависандагон, журналистон, профессорон ва депутатҳои парламент ҳам ҳастанд. Аъзоёни он ташкилот дар дидани тайёрӣ барои сарнагун кардани ҳукумати Р.Эрдӯғон айбдор дониста шуданд.Бино ба фикри аъзоёни ташкилот ва баъзе журналистони ба онҳо хайрхоҳ ин чараёни суд иғвоест, ки аз тарафи худи ҳукумат барои мустаҳкам намудани мавқеъяаш дар мамлакат ташкил карда шудааст.

Аз ин давр сар карда, Туркия ба воқеаҳои Сурия фаъол дахолат карданӣ шуд. Дар авиабазаи Диёрбакири ҳамсарҳад бо Сурия самолётҳои қиркунандаи F-16 ҷойгир карда шуданд. НАТО ҳам дар дастгирӣ намудани Туркия тайёриашро баён намуд.

Дар интихоботи президентии соли 2014 Р.Эрдуғон президенти Республикаи Туркия интихоб карда шуд. Ин интихоботе, ки бори аввал президент аз тарафи мардум интихоб шуд. Пеш аз ин президент аз тарафи парламент интихоб карда мешуд. Баъд аз он, ки дар референдум аҳолӣ барои бевосита интихоб намудани президент овоз дод, соли 2012 аз ин хусус қонун қабул карда шуд.

Дар нимаи дуюми соли 2015 дар Сурия самолёти ҳарбии Су-24-и Россия, ки дар амалиётҳои антитеррористии зидди ДИШИ иштирок мекард, аз тарафи Туркия зада ғалтонда шуд. Ин воқеа муносибати байни кишварҳоро мураккаб намуд, Россия бар зидди Туркия санксияҳои иқтисодӣ эълон кард.



**Дар нимаи дуюми соли 2015 ...** **Соли 2014 ...**
**Даври Р. Эрдуғон ...**

Соли 2016 ҳарбиёни Туркия барои амалӣ намудани табаддулоти навбатии давлатӣ кӯшиш намуданд. Дар шаҳрҳои Анқара, Истанбул, Мармарис, Куня ва Малате якчанд қисмҳои ҳарбӣ объектҳои муҳими стратегиро зери тасарруф даровარданд. Ба қароргоҳи президент дар шаҳри Истанбул аз самолётҳо бомбаҳо партофта шуданд. Дар айни вақт исёнгарон аэропортҳои Истанбул ва пойтахти мамлакат шаҳри Анқараро зери назорати худ гирифтанд. Р.Эрдуғон аз канали телевизионие, ки ҳанӯз исёнгарон ишғол накарда буданд, ба халқаш муроҷиат намуд. Аҳолӣ барои ҳимояи президент ба намоиш баромад. Кӯшиш барои табаддулот аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ низ маҳкум карда шуд.

Исён пахш шуд. Беш аз 60 ҳазор нафар, асосан офитсерони армия ба ҳабс гирифта шуданд. Дар армия ва аппарати давлатии Туркия тозакунӣ сар шуд. Даҳҳо рӯзномаҳо, телеканалҳо, ки бо мухолифат дар алоқа буданд, баста шуданд. Апрели соли 2017 референдум гузаронида шуд, мувофиқи он дар Туркия идоракунии президентӣ ҷорӣ гардид.

Баъди кӯшишҳо барои табаддулоти ҳарбӣ ҳукумати Туркия барои ҳаракатҳояш бар зидди мухолифат аз тарафи ШМА ва ИЕ зери танқид гирифта шуд, Туркия акнун роҳи наздикшавӣ бо Россияро пеш гирифт. Президенти Туркия Р. Эрдуғон бо президенти Россия В.Путин чандин бор

мулоқот намуда, оид ба ташкили алоқаҳои савдо, иқтисодӣ ва гуманитарӣ, ки байни ду мамлакат канда шуда буд, ба созиш омаданд. Моҳи ноябри соли 2017 дар шаҳри Сочии Россия байни В. Путин, Р. Эрдӯғон ва президенти Эрон Ҳ. Рӯҳонӣ музокираҳо ба амал омаданд, дар он оид ба ҳамкории зидди терроризм, барпо намудани сулҳ дар Сурия қарор қабул карданд.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар охири солҳои 1990-солҳои 2000 ҷиҳатҳои ба худ хоси ҷараёнҳои сиёсии Туркия аз чиҳо иборат буданд.
2. Дар ҷараёнҳои сиёсии Туркия омили исломӣ чӣ гуна рол мебозад?
3. Дар тараққиёти иқтисодии Туркия кадом муаммоҳо мавҷуданд?
4. Воқеаҳои Шарқи Наздик ба сиёсати хориҷии Туркия чӣ гуна рол мебозанд?

### Кори мустақилона



Хронологияи (солномаи) алоқаҳои байни Республикаи Ӯзбекистон ва Туркияро дар солҳои мустақилӣ тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 21. РЕСПУБЛИКАИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР СОЛҲОИ 1991–2017

**Эрон дар охирҳои асри XX.** Дар нимаи дуюми асри XX дар ҷомеаи Эрон даври бесуботию беқарории иҷтимою иқтисодӣ ва сиёсӣ гардид. Аммо айнан дар ин замон барои мамлакат воқеаҳои муҳим рӯй доданд, ки ба маънои маълум роҳи имрӯзаи тараққиёти Эронро муайян карданд.



**Дар таърихи Эрон “Инқилоби сафед” бо кадом натиҷаҳо анҷом ёфт?**

Дар ин давр дар Республикаи исломии Эрон ҷараёнҳои муҳими сиёсӣ рӯй дода, бори нахуст дар таърихи ҷаҳон исломи инқилобӣ дар асри XX

ба воситаи ҳалкунандаи муаммоҳои дар назди тамаддуни исломӣ истода табдил ёфт. Дини ислом дар Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ ҳамчун қувваи бузурги иҷтимоию сиёсӣ ба майдон баромад ва бар зидди ҷорӣ намудани арзишҳои Ғарб фаъол аст.

Дар ибтидои солҳои 1990 иқтисодиёти Эрон барқарор шуда, МУД босуръат баланд мегардад. Радикализми исломӣ ҳам каме нарм шуд. Эрон ба арсаи варзиш ва маданияти ҷаҳон бозгашт. Соли 1999 филми "Бачаҳои осмонӣ"-и Эрон ба мукофоти "Оскар"-и ШМА тавсия шуд. Дар мамлакат ба мусиқии хориҷӣ, интернет-қаҳвахонаҳо рухсат дода шуд. Занон низ ба ҳаёти фаъоли иҷтимоӣ баргаштанд.

Эрон барои раҳоӣ аз якка мондан барои гузарониданиислоҳот маҷбур аст. Соли 1997 М. Ҳотамӣ, ки нуқтаи назари ислоҳотпарастӣ дошт президент интихоб шуд. Вай дар Эрон оғози ислоҳоти демократӣ ва аз бунёди ҷомеаи толерантӣ, инчунин тағйироти мусбӣ дар муносибат бо кишварҳои Ғарбро эълон кард. Аммо дар татбиқи ислоҳот М. Ҳотамӣ ба муқовимати қувваҳои мутаассиб дучор омад.

**Эрони муосир.** Баъди амали террористӣ дар 11-уми сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк ШМА Эронро "шарики терроризми ҷаҳонӣ" эълон кард. Эрон барои халос шудан аз ин тамға бисёр корҳоро амалӣ намуд. Раҳбарони "Ҳизбуллоҳ" аз Эрон берун карда шуданд. Маслиҳатчиёни динии эронӣ аз Судан, Либия ва Босния ба мамлакат ҷеғ зада шуданд. Аммо сарфи назар аз онҳо ШМА Эронро дар бобати пинҳонӣ офаридани силоҳи ядроӣ айбдор кард. Соли 2002 президенти ШМА Ҷ.Буш Эронро ба қатори мамлакатҳои "меҳвари бадӣ" ҳамроҳ карда, дар таъмини молиявии терроризм айбдор кард. ШМА барои изолятсияи (муҳосираи) байналмилалии Эрон ҳаракат намуд. Аммо ин ҳаракатро Франсия, Германия, Британия Кабир дастгирӣ накарданд ва ба муқобилияти Россия, ки ба Эрон техникаи ҳарбӣ расонда медод ва дар Эрон стансияи барқии атомӣ месохт, дучор омад.



Маҳмуди Аҳмадинаҷод

Соли 2005 ултраконсерватор Маҳмуди Аҳмадинажод президент интихоб шуд. Вай идомаи ислоҳотҳо дар Эрон ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ баргаштани мамлакатро суст кард. М. Аҳмадинажод ислоҳоти салафҳои худро боздошт.

Баъд аз вафоти Ҳумайнӣ дар Эрон режими теократӣ боз ҳам қудрат пайдо кард. Қонунҳои дар пояи ҳуқуқи исломӣ (шариат) қабулшуда дар бобати ҳуқуқҳои инсон як қатор муаммоҳоро ба вуҷуд овард. Масалан, дар ин замон Эрон дар бобати истифода аз ҷазои қатл дар ҷойи дуюм

(баъд аз Хитой) дар дунё меистад. Соли 2006 дар мамлакат беш аз дусад нафар, аз ҷумла ҳафт нафар бачаҳои ба балоғат нарасида қатл карда шуданд. М.Аҳмадинажод дар сиёсати хориҷӣ ба рафтори консервативӣ амал кард. Ӯ маъмурияти Ҷ.Бушро сахт танқид кард, тарафдори пурзӯр кардани ҳамкориҳои Эрон бо кишварҳои араб ва Россия буд.




Республикаи Исломии Эрон




**Соли 1997 тарафдори ислоҳотпарастӣ дар Эрон М.Ҳотамӣ президент интихоб шуд.**

**Соли 2002 президенти ШМА Ҷ.Буш Эронро ба қатори кишварҳои "меҳвари бадӣ" дохил намуда, дар таъмини молиявии терроризм айбдор намуд.**

Соли 2009 интихоботи навбатии президентӣ баргузор шуд. Дар интихобот ғайр аз президенти дар амалбуда боз се нафар номзад иштирок кард. Мубаризаи асосӣ байни президенти консерватор М. Аҳмадинажод ва ислоҳотпараст Мирҳусайн Мусавӣ давом кард. Аммо дар марҳилаи аввал М. Аҳмадинажод ғалаба кард.



Варзишгардухтарони Эронӣ

Мухолифат натиҷаҳои интихоботро эътироф накард. Дар Теҳрон ва дигар шаҳрҳо намоишҳо ва задухӯрд бо политсия шуда гузашт. Баъзе аъзоёни партияи мухолифат ба ҳабс гирифта шуданд.

Сарфи назар аз мушкилиҳо, дар асри XXI Эрон ба мамлакати қашшоқӣ, бесаводӣ ва дар ботлоқи ҷаҳолатмонда монанд нест. Эрони имрӯза – кишвари индустриалӣ ва аз ҷиҳати иқтисод азимтарини Шарқи Миёна аст. Вай соли 2009 аз космодроми Самнон бо ёрии ракетаи Сафир-2 ҳамроҳи маснӯъи “Умид”-ро (спутник) ба фазо бароварда, ба сафи давлатҳои азхудкунандаи кайҳон дохил шуд.

Дар Эрон таълим ва илм инкишоф ёфтааст, дараҷаи урбанизатсия ба 70 % наздик мешавад, низоми ҳифзи сиҳҳат ва таъминоти иҷтимоӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Эрон – кишвари ҷавонон, нисфи аҳолиро ҷавонони аз 30 сол хурд ташкил медиҳад. Бекорӣ ва дараҷаи баланди инфлятсия дар Эрони имрӯза аз қатори душвориҳои ҳалталабтаринанд.



**Толерантӣ** – ҷаҳонбинии дигар, тарзи зист, хулқу атвор, ахлоқ ва нисба ба урфу одатҳо босабр ва ботаҳаммул будан аст.

**Изолятсия** – аз ҷомеаи байналмилалӣ ҷудо кардан, танҳо гузоштан.

**Ултраконсерватор** – шахси мутаассибест, ки дорои нуқтаи назарҳои хеле шадиди консервативӣ аст.

Дар интихоботи президентии моҳи июни соли 2013 пирӯз омадани Ҳасан Рӯҳонӣ ифодаи таҳавуллоти амиқ дар Эрон аст. Барномаи силоҳи ядроии Эрон барои ба ҷомеаи ҷаҳон интерграция (наздик) шудани он халал мерасонд, ин муаммо баъди музокироти беш аз даҳсола моҳи июли соли 2015 бо имзои созишнома аз тарафи намояндагони Эрон



Ҳасан Рӯҳонӣ

ва боз шаш давлат (ШМА, Россия, Хитой, Британияи Кабир, Франсия, Германия) ҳал шуд. Акнун Эрон, ки 15 сол боз атомро ғанӣ мекард, ин амалро қатъ намуд, бар ивазаш давлатҳои Ғарб аз охири соли 2015 санксияҳояшонро нисбат ба он бекор карданӣ шуданд. Дар чунин шароит моҳи феврали соли 2016 дар Эрон интихоботи парламентӣ баргузор шуд. Дар он коалитсияи ислоҳотпарастон нисбат ба консерваторҳо бештар овоз гирифт. Ин барои тағйироти ҷиддӣ асоси хуб аст, аз обрӯи баланди президент Ҳасан Рӯҳонӣ далолат медиҳад.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Президент М.Ҳотамӣ барои гузаронидани ислоҳоти демократӣ ба кадом муқовиматҳо дучор омад?
2. Баъд аз 11-уми сентябри соли 2001 барои шадидтар шудани муносибатҳои байни Эрон ва ШМА чиҳо сабаб шуданд?
3. Сиёсати ултраконсерватории М.Аҳмадинажод дар ҷомеаи Эрон кадом муаммоҳоро ба вуҷуд овард?
4. Дар бораи муваффақият ва муаммоҳои Эрон ҳикоя намоед.

### Кори мустақилона



Истилоҳҳои асосиро оид ба мавзӯъ бо ёрии луғат тарҷима кунед ва ба дафтаратон нависед.

## МАВЗӮИ 22. ПОКИСТОН ВА АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**Покистон.** Дар солҳои 1990 дар Покистон ҷараёнҳои сиёсӣ ва моҷароҳои оид ба коррупсия дар зинаҳои баланди ҳокимият давом кард. Баъд аз ба истеъфо баромадани ҳукумати Беназир Бхутто дар интихоботи соли 1990 раҳбари Лигаи мусулмонӣ Навоз Шариф ҳокимиятро ба даст гирифт. Аммо соли 1993 президент Ғулом

Исҳоқхон ҳокимияти навро ҳам ба коррупсия ва хешу таборӣ айбдор карда, ба истеъфо баровард. Б.Бҳутто дар интихоботи ҳамонсола ғолиб омада, бори дигар сарвазир шуд. Лекин президент Сардор Фаррук Аҳмадхон Легарӣ соли 1996 Ассамблеяи миллиро пароканда кард ва ҳукумати Б.Бҳутторо боз ба истеъфо баровард. Дар интихоботи парламентӣ Партияи халқии Покистон (ПХП) мағлубияти сахт дид.



Беназир Бҳутто



**Дар таърихи Покистон соли 1977 кадом воқеа содир шуда буд?**



Парвиз Мушарраф

Тирамоҳи соли 1999 дар Покистон бори дигар табаддулоти ҳарбӣ ба амал омад, ба сари қудрат қумондони низомиён бо сарварии генерал Парвиз Мушарраф омад. Баъд аз амали террористӣ дар 11-уми сентябри соли 2001 Покистон дар мубориза зидди терроризм ба коалитсияи бо сарварии ШМА ҳамроҳ шуд. Аммо бино ба назари аксари покистониҳо ШМА на бар зидди терроризм, балки бар зидди мусулмонон мубориза карданист. Нисбат ба П.Мушарраф, ки роҳи наздикшавӣ бо ШМА-ро пеш гирифта буд, сӯйиқасдҳо ташкил шуд. Вай дар ин амал террористонро айбдор намуд ва ваъда дод, ки кишварро аз онҳо тоза мекунад. Дар солҳои 2003-2005 армияи Покистон бо ёрии ШМА дар ҳудуди Афғонистон оператсияҳои ҳарбӣ бурд. Фундаменталистони исломӣ П.Мушаррафро душман эълон намуданд, сарнагун кардани онро ваъда доданд. Бино ба фикри аксарият П.Мушарраф вазъияти мамлакатро субот карда натавонист ва онро маҷбур намуд, ки ба истеъфо барояд. Дар интихоботи соли 2008 ҳамраиси ПХП Осиф Алӣ Зардорӣ президент интихоб шуд. Пас аз интихоботи парламентии соли 2013 Муҳаммад Навоз Шариф лавозими сарвазириро ишғол кард.

Покистон кишвари аграрию индустриалии тараққикардаистода аст. Вай дар қатори давлатҳои БРИКС дар асри XXI аз сафи ёздаҳ мамлакати дунё, ки дорои имконияти бузурги иқтисодӣ доранд, ҷой гирифтааст.



Навоз Шариф

Ҳоло қисми калони аҳолӣ бо зироат машғул аст. Маҳсулоти бофандагӣ, чарм, чизҳои варзишӣ, моддаҳои кимёвӣ ва қолинҳо экспорт карда мешаванд.

Коркарди саноат, нефт, соҳаҳои саноати кӯҳӣ пеш меравper. Дар саммити Тошкандии ТҲШ дар соли 2016 ҳуҷҷат оид ба тартиби қабули Покистон ба ин ташкилот ва муддатҳои он қабул шуд.

**Афғонистон.** Пас аз пошхӯрии СССР аҳволи Афғонистон хеле вазнин шуд. Моҳи апрели соли 1992 отрядҳои муҷоҳидон вориди шаҳри Кобул шуданд.



**Кӣ ба давлати шӯравӣ (советӣ) муроҷиат карда, ба Афғонистон лашкари шӯравиро хоҳиш намуда буд?**

Дар Афғонистон ҳокимиятро гурӯҳе, ки Шӯрои ҷиҳод ном дошт, ба даст гирифт. Номи мамлакат Республикаи Исломии Афғонистон шуд, ҳамаи қонунҳо бекор карда, аҳкоми шариат ҷорӣ гардид. Аммо ихтилоф дар байни муҷоҳидон боиси ҷанги нав шуд, сафорат ва миссияҳои байналмилалӣ Афғонистонро тарк карданд. Соли 1994 ба моҷаро қувваи нави сиёсӣ – ҳаракати фундаменталистони исломӣ ҳаракати толибон ҳамроҳ шуд. Пешвои онҳо мулло Умар дар Афғонистон ҷанги дохилиро хотима дода, тартиботи исломиро ҷорӣ намуданро эълон намуд. Толибон сентябри соли 1996 Кобулро ишғол намуда, кишварро "Аморати исломии Афғонистон" эълон карданд.

Толибон дар мамлакат низоми қатъии исломиро ҷорӣ намуданӣ шуданд. Дар айни вақт дар ин ҷо чандин гурӯҳҳои террористӣ паноҳ ёфта буданд. Террористи байналмилалӣ Усома бен Лодин ҳам бо толибон ҳамкорӣ намуда, ба Афғонистон омад. Вай барои тайёркунии террористон шабакаи пойгоҳҳо (база) ва лагерҳои ҳарбӣ ташкил намуд. Режими толибон Бен Лодинро ба суди байналмилалӣ насупурд, аз ин боис Шӯрои Амнияти СММ бар зидди Афғонистон санксияҳои иқтисодӣ эълон кард.

Мулло Умар, ки аз эътирофи ҷомеаи байналмилалӣ умедашро канда буд, ба нобуд сохтани ҳамаи ёдгориҳои эътиқодии тоисломӣ ва таърихиро амр кард. Дуто ёдгории ноёби мансуб ба асри V—ҳайкалҳои бузурги Буддо, ки ҳаккокӣ шуда буданд, нобуд гардиданд. Фармоне

баровард, ки мувофиқи он аҳолии ғайримусулмон дар либос нишонаи зард часпонда мегаштанд. Ин ҳолат ғазаби ҷомеаи ҷаҳониро овард. ША СММ оид ба сахттар намудани санксияҳо бар зидди ҳукумати толибон қарор қабул кард.




Покистон ва Афғонистон

Барои амали террористии дар Ню-Йорк 11-уми сентябри соли 2001 содиршуда маъмурияти ШМА ҷавобгариро ба ташкилоти "Ал-Қоида" ва Усома бен Лодин гузошт ва ба пойгоҳҳои террорчиён бомбаҳо партофт. Пас аз ҳуҷумҳои бомуваффаияти зидди лашкари толибон ҳокимияти онҳо сарнагун гашт, дар мамлакат қувваҳои ҳарбии байналмилалӣ ҷойгир шуд.



**Соли 1994 ... Сентябри соли 1996- ...**
**Фаъолияти Муҳаммад Наҷибулло ...**
**Мансуб ба асри V ...**

Дар Луи Ҷиргаи умумиафғонии моҳи июни соли 2002 Ҳомид Карзай президенти Афғонистон интихоб шуд. Ба Афғонистон ба миқдори 5 млрд доллар ёрии байналмилалӣ ҷудо карда шуд. Аммо кирдорҳои террористӣ дар кишвар давом карданд.

Соли 2003 дар Афғонистон конститутсияи нав қабул карда шуд. Мамлакат номи "Республикаи исломии Афғонистон"-ро гирифт. Қонуни асосии нав дар кишвар идоракунии президентиро ҷорӣ намуд, ташкили парламенти дупалата, низоми мустақили суд дар назар дошта шуд, инчунин, ҳуқуқу озодиҳои демократии шаҳрвандон эълон гардид. Конститутсия ҳуқуқи миллатҳои камшуморро кафолат дод, дар назди қонун баробар будани ҳама, аз ҷумла, мардон ва занонро ва озодии эътиқодро ҷорӣ намуд.



Ҳомид Карзай

Конститутсия барои интихобот ба партияҳои (ҳизбҳои) сиёсӣ роҳ боз намуд. Дар интихоботи президентии соли 2004 Ҳомид Карзай президенти Афғонистон интихоб шуд.

Дар интихоботи парламентии моҳи сентябри соли 2005 ҳизбҳои тарафдори дини ислом ба қувваи калон соҳиб шуданд ва парламент умуман аз ҷонибдорони мухолифат шуд. Дар ин замон савдои моддаҳои нашъаманд яке аз муаммои асосии кишвар шуд. Бино ба маълумоти СММ, 87 фоизи моддаҳои нашъаманди дунё дар Афғонистон тайёр мешавад. Аз соли 2007 савдои наркотик суст шуд, аммо соли 2007 боз ҳам авҷ гирифт.



Ҷавонони солҳои 1970 ва имрӯзаи афғон




**Барои амали террористии дар Ню-Йорк 11-уми сентябри соли 2001 содиршуда маъмурияти ШМА ҷавобгариро ба гардани ташкилоти “Ал-Қоида” ва Усома бен Лодин гузошт.**

**Дар Луи Ҷиргаи умумиафғонии моҳи июни соли 2002 Ҳомид Карзай президенти Афғонистон интихоб шуд.**



Муҳаммад Ашраф Ғанӣ

Заиф будани ҳукумати Ҳ.Карзай дар масъалаи ҳалли мушкилоти мавҷуда ҷомеаи ҷаҳониро барои вусъат додани ёрӣ ва иштироки фаъолонаи байналмилалӣ ба Афғонистон тақозо намуд. Инчунин, вусъати низоми таълим, ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ ва мубориза зидди қашшоқӣ, модернизатсия намудани нақлиёт ва инфраструктураи энергетика ба нақша гирифта шуд.

Дар интихоботи президентии соли 2014 дар марҳилаи дуюм Муҳаммад Ашраф Ғанӣ президент, Абдулло Абдулло лавозими раиси ҳукумати Афғонистонро ишғол кард.

Аммо дар Афғонистон ҳанӯз сулҳи пойдор наомадааст. Дар солҳои 2016-2017 чандин амали террористӣ рӯй дод, дар оқибат даҳҳо нафар ҳалок, садҳо нафар захмӣ шуданд. Президенти собиқи Афғонистон Ҳомид Карзай изҳорот дода, сабаби бесуботии мамлакатро дар сиёсати ШМА нисбат ба минтақа эзоҳ дод ва ҳукумати ШМА-ро даъват кард, ки ба хатоҳояш иқрор шавад.



***Луйи ҷирга – шӯрои кӯҳансолони умумиафғонӣ, ки аз тарафи қабилаҳои афғон интихоб мешавад.***

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар Покистон кадом сиёсати П.Мушарраф боиси истеъфои ӯ шуд?
2. Дар Покистон кадом соҳаҳои иқтисодиёт нағз инкишоф намудааст?
3. Пас аз пошхӯрии СССР дар Афғонистон чӣ гуна вазъияти сиёсӣ рӯй дод?
4. Муаммоҳои асосии Афғонистони имрӯза аз чиҳо иборат аст?

## Кори мустақилона

Бо харитаи сиёсии Афғонистон шинос шавед ва вобастагии воқеияти таърихиро шарҳ диҳед.

Дар ҷараёни матни мавзӯъ калимаҳои ношиносро дар дафтаратон нависед ва бо ёрии луғат таҳлил кунед.

# МАВЗӮИ 23. СУРИЯ ВА ИРОҚ ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**Сурия.** Сурия соли 1943 мустақилии худашро эълон кардааст. Ҳоло вай дар давоми ин муддати кӯтоҳи таърихӣ бӯҳрони сахттарини сиёсиро аз сар гузаронида истодааст.

**Дар замони қадим дар Сурия ва Миср кадом давлатҳо мавҷуд буданд?**



Башар Асад

Соли 1970 Ҳафиз Асад ба воситаи табаддулоти ҳарбӣ ба сари қудрат омада, Сурияро то соли 2000 идора намуд. Дар ин солҳо мамлакат роҳи калони тараққиётро аз сар гузаронд. Захираҳои нефт ва газ ба кор андохта, саноат ва кишоварзӣ пеш рафтанд, шумораи аҳолӣ афзуд, дараҷаи зист беҳтар шуд. Аммо дар солҳои 1990 иқтисодиёт ба карахтӣ дучор шуд. Яке аз сабабҳои он ғайр аз таназзули сохти сотсиалисӣ бо хушксолии мудҳише, ки дар таърихи нави Сурия рӯй дод, низ вобаста мебошад.

Дар чунин шароит соли 2000 Ҳ.Асад вафот кард. Дар натиҷаи референдуми (райъпурсии) дар мамлакат гузашта писари Ҳ.Асад Башар Асад ба сари ҳокимият омад.

Б.Асад дар тафовут аз падараш дар сиёсати хориҷӣ роҳи “мулоим”-ро пеш гирифт. Бо Исроил оид ба масъалаи баландиҳои Ҷӯлан музокираҳоро

ба роҳ монд. Лашкари Сурияро, ки 30 сол боз дар Лубнон буд, баровард. Бо диктатори Ироқ Саддом Ҳусайн оштӣ намуд.

Дар сиёсати дохилӣ ба фаъолияти партияҳои сиёсӣ рухсат дод, зидди коррупсия чораҳои қатъӣ андешид. Дар айни вақт он амалдоронеро, ки даври ҳукмронии падарашро танқид мекарданд, ҷазо дод.

Б. Асад карахтии иқтисдиро ба воситаи либерилизатсияи соҳаи савдо ва молия паси сар карданӣ шуд. Аммо ин чора фақат иқтисодиёти шаҳрҳои бузурги Димишқ ва Ҳалабро ҷоннок намуд. Дар деҳот ва шаҳрҳои хурд сафи бекорон зиёд мешуданд. Ғайр аз ин, гурезаҳое, ки давлатҳои ҳамсоя омада буданд, ба муаммои калони Сурия табдил ёфтанд. Дар соли 2011 дар Сурия қариб ним миллион фаластиниҳо ва беш аз як миллион гурезаҳои ироқӣ буданд.




Сурия ва Ироқ




**Соли 1970 Ҳафиз Асад ба воситаи табаддулоти ҳарбӣ ба сари қудрат омада, Сурияро то соли 2000 идора намуд.**

**Соли 2000 дар Сурия Ҳ. Асад вафот кард, дар натиҷаи референдум Башар Асад ба сари ҳокимият омад.**



Оқибатҳои ҷанги мудҳиш дар Сурия

Ҷараёнҳои инқилобии бо номи “Баҳори араб”, ки дар кишварҳои арабӣ дар солҳои 2000 оғоз ёфтанд, Сурияро низ фаро гирифт. Соли 2011 исёне, ки баъд аз намози ҷумъа дар шаҳри Даръаи ҷануби мамлакат сар шуда буд, “Инқилоби ҷумъа” ном гирифт. Исёнгарон сарнагун кардани режими Б.Асад ва гузарониданиислоҳоти демократиро талаб карданд.

Ба моҷаро аз тарафи президенти дар амалбуда Б.Асад армияи арабии Сурия ва армияи озодибахши Сурия аз тарафи мухолифати “Мӯътадил-и” Сурия, отрядҳои курдҳо, инчунин ташкилотҳои гуногуни террористӣ – “Давлати исломии Ироқ ва Шом” (ДИИШ), “Ҷабҳат ан-Нусра” ва монанди инҳо иштирок менамоянд. Ҳамин тариқ, дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ (дохилӣ) сар шуда, гурӯҳҳои гуногуни террористии аз кишварҳои араб, аз тамоми дунё бар зидди лашкари ҳукумат меҷанганд.

Соли 2013 гурӯҳҳои террористӣ дар Ироқ ва қисман дар ҳудуди Сурия давлати ба номи “Давлати исломии Ироқ ва Шом”-ро ташкил карданд. Ин ҳол ШМА ва иттифоқчиёни вайро барои амалӣ намудани интервенсияи ҳарбӣ ҳидоят кард. Онҳо аз сентябри соли 2014 мавқеи террористҳоро дар Сурия бомбардимон мекунанд. Аз сентябри соли 2015 ҳамин гуна оператсияҳоро қувваҳои ҳарбии кайҳонии Россия низ мегузаронад. Дар моҷаро манфиатҳои чунин давлатҳо, аз қабили Туркия, Эрон, Арабистони Саъудӣ, Ӯрдун, Ироқ, Лубнон, Исроил намоён мешавад. Ҳамин тавр, ба ҳудуди задухӯрди калони қувваҳои мухталифи ҳарбии байналмилалӣ мубаддал гардид.

Дар оқибати ҷанг то моҳи сентябри соли 2017 мамлакатро беш аз 4 млн нафар одам тарк кард. Охири соли 2017 армияи Сурия бо ёрии қувваҳои ҳарбии кайҳонии Россия ва коалитсияи байналмилалӣ бо роҳбарии ШМА ҳудуди мамлакатро аз ҷанговарон қариб озод кард. Як қисми бузурги аҳолӣ ба хонаҳои худ бармегарданд. Моҳи декабр В.Путин оид ба баргардонидани қисми асосии қувваҳои ҳарбии кайҳонии Россия аз Сурия ба ҳудуди худ амр дод.

**Ироқ.** Ироқ соли 1932 мустақилии худро эълон кард. Соли 1968 ба сари ҳокимияти Ироқ партияи сотсиалистии наҳзати араб (БААС) омад. Ҳукуматро президент Ҳасан ал-Бакр идора намуд, аммо ҳокимият аслан ба дасти вазири мудофиа Саддом Ҳусайн гузашта буд. Ин ҷараёнҳо ба даври афзоиши беқиёси даромад аз нефт рост омад. Дараҷаи зисти аҳолӣ нисбатан беҳтар шуд.

Соли 1979 Саддом Ҳусайн расман президенти Ироқ интихоб шуд. Сентябри соли 1980 Ироқ бар зидди Эрон ҷанг сар кард. Ин ҷанг дар асри XX чун ҷанги задухўрди ҳудудии аз ҳама тўлонитарин ба ҳисоб меравад. Он боиси қурбониҳои зиёд шуд.



Саддом Ҳусайн

Соли 1990 Ироқ сабабгори боз як ҷанҷоли байналмилалӣ гардид. Вай ба Қувайт зада даромад, ҳудуди инро забт кард. Шўрои Амнияти СММ аз Ироқ талаб кард, ки лашкарашро дарҳол аз Қувайт берун барорад. Нисбат ба Ироқ санксия эълон шуд. Баъд аз чанд моҳи кўшишҳои дипломатӣ моҳи январи соли 1991 қувваҳои байналмилалӣ бо сарварии ШМА барои озод намудани Қувайт оператсияи "Бўрон дар саҳро"-ро сар кард. Армияи Ироқ пурра торумор шуд. Таҳлилгарон аз сарнагуншавии С. Ҳусайн башорат карда буданд, аммо вай ҳокимияташро нигоҳ дошт.

С. Ҳусайн ҳокимиятро мустаҳкам намуда, ба кўшишҳои СММ оид ба боздоштани барномаҳои ҳарбии Ироқ муқобилият нишон дод. Вай инспекторони СММ-ро бар ҷосусӣ ба манфиати ШМА айбдор кард ва ҳамаи инспекторони байналмилалиро аз кишвар хориҷ намуд. Сипас, солҳои 1999-2000 қувваҳои байналмилалӣ бо раҳбарии ШМА объектҳои ҳарбии Ироқро бомбардимон карданд. Соли 2003 лашкари ШМА ва Британияи Кабир ба Бағдод зада даромаданд. Ҳукумати С.Ҳусайн афтид. Америкоиён ва иттифоқчиёни вай тамоми мамлакатро зери назорати худ даровroutанд. Онҳо ду писар ва набераи ҷавони С. Ҳусайнро куштанд. Декабри соли 2003 худи С.Ҳусайн низ дастгир ва ба дор овехта куштанд.

Диктатор кушта шуд. Аммо чуноне, ки ваъда шуда буд, дар Ироқ демократия ва сулҳ барқарор нагардид. ШМА ва иттифоқчиёни вай вазъиятро дар Ироқ ба дасти худ гирифта натавонистанд. Ҳаракатҳои террористӣ авҷ гирифт. Одамони бисёри бегуноҳ қурбон шуданд.

Бино ба конститутсияи соли 2005 қабулшуда Ироқ дар асоси созиши парламентии се этноси халқи ин кишварро ташкилдиҳанда – арабҳои суннӣ, арабҳои шиа ва курдҳо республикаи федеративӣ эълон шуд.

Сунниҳое, ки дар замони С.Ҳусайн дар қудрат буданд, акнун ба мухолифат гузаштанд. Аммо дар интихоботи парламентии соли 2010 ғайричашмдошт сунниҳои дар мухолифатбуда ғолиб омаданд. Аммо дар ҷойҳо ҳокимияти воқеӣ дар дасти гурўҳҳои гуногуни мусаллаҳ монд. Онҳо дар ҳудуди тасарруфшуда қонунҳои шариатро ҷорӣ карда, ҳазорон одамони бегуноҳро бо усулҳои асримиёнагӣ қатл намуданд. Миллионҳо одамон гуреза шуданд.



**Солҳои 1990 ...**
**Соли 2013 ...**
**Январи соли 1991 ...**
**Оператсияи “Бӯрон дар саҳро” ...**

Ҳукумати ШМА, аз ҷумла, президент Б.Обама иқрор шуд, ки сиёсати ШМА нисбат ба Ироқ хато буд. Аксари мутахассисон бар ин ақидаанд, ки сиёсати айнан ШМА дар Шарқи Наздик вазъиятро шадид карда, ба пайдоиши ташкилотҳои террористӣ аз қабили ДИИШ сабаб шуд. Д.Трамп, ки декабри соли 2017 президенти ШМА интихоб шуд, ваъда дод, ки сиёсаташро нисбати Шарқи Наздик аз нав дида мебарояд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Барои пайдоиши бӯҳрони сиёсӣ ва оғози ҷанги дохилӣ дар Сурия кадом омилҳо сабабгор шуданд?
2. Дар ҷангҳои Сурия манфиати кадом давлатҳо инъикос шудааст?
3. Кадом рафтори Саддом Ҳусайн ба бомбардимон кардани Ироқ аз тарафи қувваҳои байналмилалӣ оварда расонд?
4. Сарнагун кардани С. Ҳусайн чаро ба Ироқ сулҳу амонӣ наовард?

## Кори мустақилона



Аз харита истифода бурда, муаммоҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию сиёсии давлатҳои Сурия ва Ироқро дар солҳои 1919 – 2017 ва роҳҳои ҳалли онҳоро дар дафтаратон ба шакли ҷадвал нависед.



Дар асоси таҳлили қиёсии истилоҳи “Давлати исломии Ироқ ва Шом”, “Халифати умумиҷаҳонӣ” дар шакли нақша хуруҷҳои ахборотии имрӯзаро ба дафтаратон нависед.

# МАВЗЎИ 24. ДАВЛАТИ ИСРОИЛ ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017 ВА МУАММОИ ФАЛАСТИН

**Инкишофи иҷтимоию иқтисодии Исроил.** Соли 1947 Шўрои Амнияти СММ оид ба Фаластин резолютсия (қарор) қабул кард. Бинобар он аз 1-уми августи соли 1948 дар Фаластин ташкил кардани ду давлат – давлати яҳудиён – Исроил ва давлати арабҳо – Фаластин тавсия шуд.



**Дар таърихи дунёи қадим дар ҳудуди Фаластин подшоҳии Исроил кай ташкил ёфта буд?**

Исроил давлати миллии яҳудиён ба шумор меравад. Вай аввал ҳамчун маскани миллии яҳудиён, сарпаноҳи онҳо ташкил ёфт ва ҳамин тавр мондааст. Бинобар қонун оид ба бозгашт ба ватан ҳар як яҳудӣ бо оилааш, яъне ҳамсараш, фарзандонаш, набераҳояш барои зисти доимӣ ба Исроил омадан ҳуқуқ дорад. Баъд дар асоси қонун оид ба шаҳрвандӣ тартиби бевосита ба шаҳрванди Исроил табдил ёфтани ҳар як яҳудии омада ҷорӣ гардид. Ин қонунҳо аз ҳисоби репатриатсия ба афзоиши босуръати аҳолии Исроил сабаб шуд.

Исроил дар тўли чанд даҳсолаи тараққиёти худ ба кишвари маҷмўи ҳарбию саноатиаш хелеривоҷёфта табдил ёфт. Пешравии маҷмўи ҳарбию саноатӣ ба тараққии босуръати коркарди металл, мошинсозӣ, электротехника, электроника ва коркарди алмос барин соҳаҳо сабаб шуд.

Аз солҳои 1990 Исроил ба сафи давлатҳои иқтисодиёташ мутараққӣ дохил шуд. Бино ба фикри мутахассисон, дар ин мамлакат болоравии ҳақиқии иқтисодӣ сар шуд. Хоҷагии Исроил аз нигоҳи сохтораш ба иқтисодёти ШМА ва мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ наздик шуд ва ба модели постиндустриалӣ мутобиқ гардид.

Шароити мусоиди дохилӣ ва хориҷӣ барои расидан ба ин комёбиҳо ёрӣ расонданд. Дар солҳои 1990 аз собиқ СССР ба Исроил омадани 600 ҳазор нафар инкишофи босуръати сохтмон, баъзе соҳаҳои саноатро таъмин намуд. Иммигрантҳои нави дорои дараҷаи баланди маълумот ва фаъолии иқтисодӣ қиёфаи Исроилро дигар карданд.

Дар айни замон ба туфайли бисёр омилҳо иқтисодиёти кишвар ба манбаъҳои зўри молиявии хориҷӣ (ШМА соле ба миқдори 3 млрд доллар ёрии беминнат мерасонад) вобаста аст ва барои вай дараҷаи баланди милитаризатсия хос мебошад.




Исроил



Ёсир Арофат

**Ҳалли муаммои Фаластин дар охирҳои асри XX.** Нақшаи ташкил намудани давлати Исроил ва Фаластинро аҳолии араб қарори беадолат ҳисобид ва қабул накард. Аз ҳамон вақт сар карда халқи фаластин барои ташкили давлати худ мубориза мебарад. Ин муборизаро давлатҳои араб ва собиқ иттифоқ дастгирӣ карданд. Барои раҳнамоӣ намудан ба муборизаи арабҳои Фаластин Ташкилоти

озодибахши Фаластин ( ин ташкилот ба арабӣ бо номи ФАТҲ машҳур аст) созмон ёфт, ба онҳо солҳои зиёд Ёсир Арофат сарварӣ намуд.

Аммо фақат дар солҳои 1990 барои ҳал намудани муаммои Фаластин имконият пайдо шуд. Моҳи октябри соли 1991 дар Мадрид конференсияи байналмилалӣ оид ба Шарқи Наздик баргузор шуд ва дар он намояндагони Фаластин низ иштирок карданд. Баъд бино ба таклифи ҳукумати Норвегия дар шаҳри Осло байни Исроил ва ФАТҲ музокирот ба амал омад. Дар натиҷаи музокирот соли 1993 Исроил ва ФАТҲ якдигарро эътироф намуданд.

**Муваффақиятҳои аввалин дар роҳи ташкили давлати Фаластин.** Соли 1993 дар Вашингтон намояндагони Исроил ва ФАТҲ оид ба таъсиси мухторияти Фаластин ба созишнома имзо гузоштанд. Ташкили мухторият марҳила ба марҳила бояд дар муддати 5 сол амалӣ мешуд.



**Аз солҳои 1990 ...**
**Соли 1993 ...**
**Моҳи октябри соли 1991 дар Мадрид ...**
**ФАТҲ – ин ...**



Исҳақ Рабин

Бо мақсади амалӣ намудани марҳилаи аввал созишнома оид зери тасарруфи ФАТҲ дода шудани сектори Ғазо ва соҳили ғарби дарёи Урдун ба имзо расонда шуд. Ин созишнома боиси норозигии ташкилотҳои Фаластин гардида дар ФАТҲ ҷудоӣ сар зад. Ё. Арофат аз тарафи экстремистҳо ҳамчун "хоин" ба марг ҳукм карда шуд. Ташкилотҳои радикалии исломӣ – "Хамас", "Ҷиҳод" ва "Ҳизбуллоҳ" (ин ташкилотҳо дар Ӯзбекистон манъ шудаанд) фаъол гардиданд. Онҳо бо роҳҳои гуногун барои халал расондан ба созиш ҳаракат карданд. Сарфи назар аз он, ҷараёни созиш давом кард.




**Соли 1947 Шӯрои Амнияти СММ оид ба Фаластин резолютсия (қарор) қабул кард.**

**Дар солҳои 1990 аз собиқ Иттифоқ ба Исроил кӯчида омадани 600 ҳазор нафар инкишофи босуръати сохтмон, баъзе соҳаҳои саноатро таъмин намуд.**

Соли 1995 байни ФАТҲ ва Исроил созишномаи муваққатӣ ба имзо расид. Ин дар роҳи ташкили мухторияти (автономияи) Фаластин марҳилаи навбатӣ шуд, бисёр шаҳру деҳоти соҳили ғарбии дарёи Ӯрдун ба ихтиёри ФАТҲ гузашт. Дар мухторияти Фаластин интихобот баргузор гардид ва барои назорати ҳудудҳои зери тасарруфи ФАТҲ қувваҳои политсия ташкил карда шуд.

Ин созишнома дар ҷамъияти Исроил низ ҷудоиро ба вуҷуд овард. Моҳи ноябри соли 1995 сарвазири Исроил Исҳак Рабин аз тарафи яҳудии мутаассиб кушта шуд. Ин аз эътирози як қисми ҷамъияти Исроил барои хайрхоҳӣ ба фаластиниҳо далолат медод. Ҳамон сол дар интихобот блоки "Лакуд" ғалаба кард. Беямин Нетаняху мансаби сарвазириро ишғол намуд.

Моҳи январи соли 1996 бо роҳнамоии Ё. Арофат шӯрои қонунгузории Фаластин интихоб шуд. Гарчанде мушкил буд, ҷараёни ташкили давлати Фаластин давом мекард.



**Ноябри соли 1995 ...** **Январи соли 1996 ...**
**Ташкилотҳои радикалӣ ...**
**Шӯрои қонунгузории Фаластин – ин ...**

Соли 2006 Ё.Арофати ба рамзи хоси Фаластин мубаддалшуда вафот кард. Маҳмуд Аббос раиси мухторияти Фаластин ва пешвои ФАТҲ интихоб шуд. Соли 2012 Фаластин дар мақоми давлати нозир ҳуқуқи иштирок дар фаъолияти СММ гирифт. Ин ҷараён ва суханронии М.Аббос дар Ассамблеяи умумии СММ боиси норозигии намояндагони Исроил шуд. Сарфи назар аз он, соли 2017 Фаластинро қариб 140 давлат эътироф кард.



**Репатриатсия** – маънои бозгашт ба ватанро дорад. Ин истилоҳ одатан нисбати асирони ҳарбӣ, шахсони кӯчида, гурезаҳо, эмигрантҳо истифода мешавад. Ба ватани таърихиашон – Фаластин баргаштани яҳудиён низ репатриатсия номида мешавад.

**Иммиграция** – муваққатан ё барои зисти доимӣ кӯчидани аҳолӣ аз як мамлакат ба дигараш аст.

**Милитаризатсия** – фаъолияти мақомоти (органҳои) давлат дар соҳаи иқтисодиёт ва сиёсат, иҷтимоиёт аст, ки ба боло бурдани қудрати ҳарбии давлат равона карда шудааст.

### Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Давлати Исроил дар муддати кӯтоҳи таърихи худ аз ҳисоби кадом омилҳо ба мамлакати мутараққӣ табдил ёфт?
2. Сабабҳои асосии муаммои Фаластин дар чист ва онҳо чӣ гуна ҳал мешаванд?
3. Монеаҳои асосӣ дар роҳи ташкил кардани давлати Фаластин аз чиҳо иборат аст?
4. Таъсири ҳолати сиёсии байналмилалӣ ба муносибатҳои Исроилу Фаластин дар чиҳо намоён мешавад?

### Кори мустақилона



Аз харита истифода бурда, ҳудудҳои ба Исроил ва Фаластин мансубро ҷудо карда дар дафтаратон нависед ва ба тақсимоти ҳудудӣ муносибататонро баён кунед.

## МАВЗӮИ 25. КИШВАРҲОИ АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ ДАР СОЛҲОИ 1991–2017

**Кишварҳои Америкаи Лотинӣ дар охири асри XX.** Дар охири асри XX дар минтақаи Америкаи Лотинӣ 34 то давлати мустақил ва чандин ҳудудҳои мутеъ мавҷуд буд. Сарфи назар аз болоравии вусъатноки иқтисодӣ дар нимаи дуюми асри XX кишварҳои Америкаи Лотинӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ минтақаи гӯшанишин шуда мондааст. Дар охири аср модели неолиберали тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа ба мавқеи аввал баромад. Аслан ин модел дар замони Пиночет дар **Чили** бомуваффақият ба амал бароварда шуда буд. Имрӯз ҳам Чили мамлакати босубот тараққикунанда буда, дар минтақа хеле пешрафта аст. Аммо, умуман, ислоҳоти неолибералӣ барои мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ натиҷаҳои зиддиятнок дод. Агар марҳилаи аввали ин ислоҳотҳо ба болоравии иқтисодӣ оварда, ба модернизатсия кӯмак расонда бошад, баъдтар монеаҳо ба вуҷуд овард, дар баъзе ҳолатҳо ислоҳотҳо ба ретрессия, карахтии чуқури иқтисодӣ оварда монд.

**Дар асри XX барои Америкаи Лотинӣ кадом вариантҳои модернизатсияи умумишуда мавҷуд буд?**

**Мексика**, ки аввалин шуда ба роҳи ислоҳоти неолиберал дохил шуда буд, моҳи декабри соли 1994 ба бӯҳрони молиявию иқтисодӣ рӯ ба рӯ омад. Дар мамлакат вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ вазнин шуд. Дар чунин шароит аз Мексика ба ШМА ба таври оммавӣ кӯчидани капитал сар шуд. Қурби валютаи миллӣ – песо хеле паст фаромад, адар амал низоми молиявии миллӣ аз маҷро баромад. 20 ҳазор корхона касод шуд, МУД-и мамлакат якбора кам шуда рафт.

Инқирози Мексика яке аз ҳалқаҳои аввалини занҷири бӯҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ буд, ки мамлакатҳои Америкаи Лотиниро ба ларза овард. Дар оқибати ислоҳотҳои неолибералӣ ба омили берунӣ мутеъ шуда мондани давлатҳои минтақа ба иқтисодиёти Бразилия ва Аргентина барин давлатҳои бузург ҳам зарбаи сахт зад.

Хусусан, иқтисодиёти **Аргентина**, ки "намоиши комёбиҳои ислоҳоти неолибералӣ дар солҳои 1990 ба шумор мерафт, зарари калон дид. Соли 2001 дар Аргентина эълон шудани дефолт ҳолати аз ҳама калони банкроти бузург дар таърихи ҷаҳон шуд, пас аз он дар кишварҳои Америкаи Лотинӣ ба таҷрибаҳои неолибералӣ нуқта гузошт ва дар минтақа даври нави тараққиёти сиёсӣ ва иқтисмодӣ сар шуд.

Зери таъсири ин чораёнҳо эътироз аз сиёсати иқтисодӣ, ҳолатҳои нобоварӣ ба партияҳои анъанавӣ ва раҳбарони онҳо пурзӯр гашт, барои ҳаракати муқовимат, аз ҷумла, ба фаъол гардидани ташкилотиҳои радикалӣ (исёнгарон, ташкилотҳои террористӣ, наркомафия) шароит фароҳам оварданд.

Дар солҳои 90-уми асри XX дар **Колумбия** ҳаракати радикалии мусаллаҳи чапҳо авҷ гирифт, дастаҳои ҳарбии онҳо 40 фоизи ҳудуди кишварро зери назорат гирифта буданд. Соли 1992 дар **Перу** низ ташкилоти исёнгар ва террористии "Роҳи мунаввар" фаъол шуд. Соли 1994 дар Мексика шӯриши оммавии ҳиндувон сар шуд. Баромадҳои оммавии аҳолӣ бар зидди оқибатҳои иҷтимоии сиёсати ҳукумат дар Аргентина, Мексика, Эквадор ва дигар кишварҳо шуда гузаштанд.

**Бӯҳрони Мексика ...** **Соли 1992 ...**
**Соли 1994 ...** **Соли 2001 ...**




Давлатҳои Америкаи Лотинӣ

Дар муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ муборизаи халқҳои ҳинду барои ҳуқуқҳояшон, ҳифзи маданияти ба худ хосашон, барои ҳуқуқи мухторият ва замин нақши алоҳида дорад. Дар охири асри XX ҳиндувон 25—

30 фоизи аҳолии Боливия, Гватемала, Перу, Мексика, Эквадор барин кишварҳоро ташкил медоданд.

Дар ибтидои солҳои 1990 500-солагии аз тарафи Х.Колумб кашф шудани Америка васеъ ҷашн гирифта шуд. Аммо ин воқеа аз тарафи аҳолии минтақа як хел мусбӣ қабул карда нашуд. Ғайр аз муаммоҳои соф маданӣ дар натиҷаи ислоҳотҳои неолибералӣ ҳолатҳои кашида гирифтани заминҳои ҷамоаҳои ҳиндуён боиси авҷи норозигӣ гардиданд. Дар оқибати сиёсати ноодилонаи ҳукуматҳо нисбат ба аҳолии ҳинду бароmадҳои беназми ҳиндуён дар баъзе кишварҳои минтақа рӯй доданд. Ин ҳаракат дар Еквадор, Перу, Бразилия ва ҷануби Мексика хусусан ранги оммавӣ пайдо намуд.

**Кишварҳои Америкаи Лотинӣ дар ибтидои асри XXI.** Дар аввали асри нав кишварҳои Америкаи Лотинӣ дар таърихи худ бори аввал роҳи тараққиёти бидуни диктатураро пеш гирифтанд. Қариб дар ҳамаи кишварҳо ба сари ҳокимият режимҳои конститутсиявӣ бо роҳи интихобот омаданд. Дар аксари мутлақи кишварҳои минтақа низоми сиёсии ба онҳо хоси доҳипарастию популизм ва идоракунии президентӣ ҷорӣ карда шуд.



**“Намоиши комёбиҳои ислоҳоти неолибералӣ” ...**
**Соли 1992 ...**
**Дар ибтидои солҳои 1990 ...**

Аз охири асри XX боварии аҳолӣ ба партияҳои анъанавӣ намонд ва оқибати он дар ибтидои асри XXI дар кишварҳое, аз қабили Бразилия, Перу, Венесуэла, Эквадор ба сари ҳокимият номзадҳои наву мустақил омаданд.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҷиҳати характерноки ҳаёти сиёсии ин мамлакатҳо аз он иборат, ки партияҳои коммунистӣ мавқеи худро аз даст доданд. Ин, албатта, бо ҷараёнҳои глобалии дунё вобаста буд.

Дар Кубае, ки баъд аз инқилоби соли 1959 режими сиёсаии коммунистӣ ташаккул ёфта буд, низ ин гуна ҷараёнҳо сар заданд. Куба баъди барбод рафтани сохти сотсиализм аз гирифтани ёрии моддию техникӣ ва молиявӣ маҳрум шуд, ин бошад, пеш аз ҳама ба аҳволи аҳолӣ таъсири манфии худро расонд. Аммо сарфи назар ба ин душвориҳо дар ибтидои асри XXI ҳам Куба ҳамчун давлати иҷтимоӣ боқӣ мондааст.

Дар ибтидои асри XXI дар кишварҳои Америкаи Лотинӣ ҷараёнҳои интегратсионӣ пурзӯр шуд. Самти асосии ин ҷараёнҳо ташкили зонаҳои

савдои озоди минтақавӣ гардид. Дар оянда барпо намудани зонаҳои савдои озоди байни Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ дар назар дошта шудааст.

Аммо сарфи назар аз нақшаҳои бузург ва имкониятҳои азим ин мамлакатҳо, ҳатто Бразилия ва Мексика барин гигантҳо ба таъсири ҳассоси ҷараёнҳои ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ соҳиб нестанд. Гарчанде аз соли 2008 сето давлати бузурги минтақа—Бразилия, Мексика ва Аргентина ба клуби "Бистгонаи бузург" (G-20) аъзо ҳастанд, дар сиёсати ҷаҳонӣ ҳанӯз роли калон надоранд. Сарфи назар аз онҳо, ин кишварҳо имкониятҳои калони истиқболӣ доранд. Масалан, Мексика соли 1994 ба зонаи савдои озоди Америкаи Шимолӣ дохил шуд ва ҳаҷми инвеститсияи хориҷие, ки ба Мексика дар солҳои 1994—2010 дохил шуд, чор баробар афзуд. 75 фоизи он ба ҳиссаи ШМА рост меояд. Агар дар гузаштаи наздик асоси экспорти Мексикаро нефт ташкил карда бошад, ҳоло 80 фоизи экспорти онро маҳсулоти саноатӣ ташкил медиҳад.




**Дар ибтидои асри XXI дар Бразилия, Перу, Венесуэла, Эквадор ба сари ҳокимият номзадҳои наву мустақил омаданд.**

**Ҳаҷми инвеститсияи хориҷие, ки ба Мексика дар солҳои 1994—2010 дохил шуд, чор баробар афзуд.**

Бразилия имрӯз яке аз ҳудудҳои иқтисодии бузурги дунё буда, бо Хитой, Ҳиндустон, Республикаи Африкаи Ҷанубӣ ва Россия аъзои ташкилоти БРИКС мебошад. Бразилия ният дорад, ки дар асри XXI давлати пешрафтаи эътирофшудаи Америкаи Лотинӣ шуда, аз таъсири доимии ШМА раҳоӣ ёфта ва ба яке аз аъзоёни доимии ША СММ шавад.

Бояд гуфт, ки мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ он муаммоҳое, ки дар наздашон дар асри XX буд, пурра ҳал карда натавонистанд, аммо барои дарёфти ин роҳҳо ҳаракат доранд. Дар асри XXI чӣ гуна ёфт шудани роҳи ҳалли ин муаммоҳоро ҳаёт нишон медиҳад.



**Популизм** – позитсияи сиёсие, ки на ба эҳтиёҷоти шаҳрвандони интихобӣ, балки ба эҳтиёҷоти оммаи халқ нигаронида шудааст ё шакли нутқ аст.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Роҳи неолибералии тараққиёт барои кишварҳои Америкаи Лотинӣ чӣ гуна аҳамият касб намуд ва кадом муаммоҳоро бар сар овард?

2. Дар муносибатҳои байни кишварҳои Америкаи Лотинӣ ва ШМА дар асри XX кадом моделҳо ташаккул ёфтанд?

3. Дар кишварҳои Америкаи Лотинӣ аз охири асри XX кадом чараёнҳо барои паст рафтани боварии аҳолӣ ба партияҳои анъанавӣ сабаб шуданд?

4. Давлатҳои бузурги Америкаи Лотинӣ дар асри XXI дар назди худ кадом мақсадҳоро гузоштаанд?

## Кори мустақилона



Дар асоси интернет ба кишварҳои Америкаи Лотинӣ сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва дар заминаи материали омӯхташуда дар ин мавзӯъ воқеияти таърихиро таҳлил кунед.

# МАВЗӮИ 26. КИШВАРҲОИ АФРИКА ДАР СОЛҲОИ 1991 – 2017

**Африкаи Шимолӣ.** Ба кишварҳои Африкаи Шимолӣ Миср, Судон, Либия, Чазоир, Тунис, Марокаш, Мавритания ва Саҳрои Кабири ғарбӣ дохил мешаванд.



5-Panafrika kongressi qachon bo'lib o'tdi?

**Миср** аз нигоҳи тамаддун бештар ба баҳри Миёназамини Шарқӣ мансуб аст, лекин дар ҳаёти кишварҳои араби Африка роли калон мебозад. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI Миср дар бобати тараққиёти иқтисодӣ, соҳаи кишоварзӣ, маданият ба комёбиҳои бузург ноил шуд., индустрияи мутараққии сайёҳиро барпо кард, захираи валютаи кишвар доимо меафзояд. Ин муваффақиятҳо ба Миср барои ишғол намудани роли пешбарандагӣ дар олами араб ва мусулмон имконият фароҳам овард.

Аммо ба солҳои 2000-ум омада дар Миср ҳам фундаментализми исломӣ фаъол шуд. Зери тазйиқи онҳо президенти Миср Ҳусни Муборак ба истеъфо баромад. Дар интихоботи президентии баъди он баргузоршуда номзади ташкилоти радикалии исломии "Бародарони мусулмон" Муҳаммад Мурси ғалаба кард. М. Мурси қарор имзо намуд, ки президенти мамлакат ҳуқуқ дорад, ки "барои ҳимояи инқилоб" ҳама гуна декретро имзо кунад ва он дар суд рад намегардад. Мухолифат ӯро барои ҳаракаташ дар ғасби ҳокимият, ҷорӣ кардани диктатура айбдор намуд. Дар армия норозигӣ сар шуд. Дар натиҷаи он соли 2013 М. Мурси аз тарафи ҳарбиён сарнагун ва ба ҳабс гирифта шуд. Ба сари ҳокимият вазири мудофиа генерал Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ омад. Ӯ дар интихоботи соли 2014 президенти Миср интихоб шуд.

Аммо дар Миср хавфи терроризм хеле баланд аст. 24 ноябри соли 2017 намояндагони ташкилоти террористии "Вилояти Синай", ки мансуб ба ДИШИ аст, дар нимҷазираи Синай ҳангоми намози ҷумъа масҷидро тарконида, бар зидди намозхонҳо аз автомат оташ кушоданд. Дар натиҷаи он 235 нафар, аз ҷумла бачаҳо низ ҳалок шуданд зиёда аз 100 кас захм бардоштанд.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI Судон яке аз мамлакатҳои ақибмондаи минтақа аст. Қисми асосии аҳолии мамлакат бо хоҷагии қишлоқ машғул аст. Саноат хеле суст пеш меравад, 5 фоизи аҳолӣ бо ин соҳа банд аст.

Сарҳади кишвар дар замони мустамликавӣ сунъӣ ҷудо карда шудааст, ки то ҳол ба моҷароҳои этникию конфессионалӣ сабаб мешавад.

Дар **Либия** дар солҳои ҳукмронии бисёрсолаи М. Каддафӣ даромади зиёд аз нефт меомад, ки барои гузаронидани ислоҳотҳо имконият фароҳам овард. Либиягиҳо ба аҳолии хубтаъминшудаи Африка мубаддал гашт.



**Кишварҳои Африкаи Шимолӣ – инҳо ...**
**Соли 2011 ...**
**Соли 2013 М. Мурси ...**

Аммо ҳукумати М. Каддафӣ дар сиёсати хориҷӣ ба ташкилотҳои инқилобӣ ва террористӣ, хусусан, ба онҳое, ки зери байрақи дини ислом ҳаракат мекарданд, ёрӣ расонид. Номи М. Каддафӣ дар алоқамандӣ бо як қатор амалҳои террористӣ ба забон гирифта шуд ва ин боиси норозигии ҷомеаи ҷаҳонӣ гашт.

Соли 2011 дар Либия низ исёнҳои зидди ҳукуматӣ сар шуданд. Исёнгарон ҳукумати муваққатӣ ташкил карда, барои ёрӣ ба НАТО муроҷиат намуданд. Қувваҳои НАТО Либияро бомбардимон карданд. М.Каддофӣ кушта шуд, задухӯрди байни гурӯҳҳои мухталиф қатъ нагардид. Соли 2016 дар мамлакат ҷанги дохилӣ сар шуд. Дар ин ҷанг гурӯҳҳои гуногуни ташкилотҳои исломӣ иштирок карданд. Либия ба вартаи ҳалокати иқтисодӣ омад. Миллионҳо нафар мамлакатро тарк карда, ба гурезагон табдил ёфтанд.




Давлатҳои Африка

Дар кишварҳои минтақа аз ҷумлаи Ҷазоир, Тунис, Марокаш ва Мавритания ҳам инқилобҳо ва табаддулот хеле мураккаб ҷараён гирифтанд, ин ҳодисаҳо бештар асоси динӣ пайдо карданд, маълум шуд, ки ин ҷомеаҳо мӯҳтоҷ ба модернизатсия мебошанд.

Африкаи Тропикӣ ва Ҷанубӣ. Дар солҳои 1990 дар кишварҳои Африкаи Тропикӣ ва Ҷанубӣ низ дигаргуниҳои муҳим ва бисёр мураккааб рӯй доданд. Онҳо бо тенденсияҳои тараққиёти худи ин мамлакатҳои Африка ва бо хотима ёфтани "ҷанги сард", ки аҳамияти умумиҷаҳонӣ дошт, вобаста буданд. Байни ду блокҳои ба ҳам мухолиф мубориза барои гузаронидани таъсир поён ёфт.

Дар кишварҳои Африка тенденсияҳои демократия, кӯшишот барои барпо намудани ҷамъияти шаҳрвандӣ пайдо шуданд. Аксари мамлакатҳои дорои низоми якпартиявӣ ба низоми бисёрҳизбӣ гузаштанд. Партияҳои ҳукмрони дар барномаашон аҳкоми марксизм-ленинизм инъикосёфта аз даъвоҳои барномавиашон даст кашиданд, ҳукумати ба марксизм содиқи Менгисту Хайле Мариам дар Эфиопия соли 1991 сарнагун шуд.

Аммо ин ҷараёнҳо вазъияти сиёсии ин минтақаро пуртезутунд намуд. Соли 1989 дар Либерия ҷанги дохилии байни қавмҳои гуногун боиси қурбониҳои зиёд ва ба таври оммавӣ ба давлатҳои ҳамсоя гурехтани 1 млн нафар аҳолӣ гардид. Мамлакат ба аҳволи вазнин дучор омад. Фақат дохил намудани қувваҳои ҳарбии байналмилалӣ аҳволро каме ба тартиб даровард.

Табаддулотҳо ва моҷароҳои мусаллаҳона дар Сийеро-Леона низ ба ҷанги дохилӣ оварда расонд. Фақат дахолати СММ вазъияти тезутундро каме нарм кард, аммо иқтисоди мамлакат хеле хароб шуд.

Дар **Руанда ва Бурунди** низ моҷароҳои хунрезона шуда гузаштанд. Дар миёнаҳои солҳои 1990 мубориза байни халқҳои тутси ва хуту тезутунд шуда, ба геносид оварда расонд. Дар натиҷа дар Руанда қариб як миллион нафар аҳолӣ ҳалок шуд, дар Бурунди наздики як миллион нафар ба гуреза гардиданд.

Соли 1997 дар Республикаи Демократии Конго режими диктатории Мобуту сарнагун шуд. Аммо ҳукумати нав бӯҳрони иҷтимоию иқтисодие, ки дар давоми солҳои тӯлонӣ ғун шуда буданд, паси сар карда, зиддиятҳои этникиро мулоим намуда натавонист. СММ Республикаи Демократии Конгоро кишвари қашшоқтарини дунё эълон намуд.

Ба инқирози Конго якчанд давлат: Республикаи Африкаи Ҷанубӣ, Ангола, Намибия, Уганда, Руанда, Зимбабве ҳам то ин ё он дараҷа ҳисса гузоштанд. Ҳамаи онҳо гарчанде дар бораи ҳалли сулҳомези моҷаро баёнот медоданд, гурӯҳи дигар ҳокимияти марказиро, дигарашон исёнгаронро дастгирӣ мекарданд.

Ҳоло дар ин мамлакат дар баробари қашшоқӣ ва коррупсия нобаробарии гендерӣ яке аз муаммоҳои калонтарини кишвар шуда мондааст. Зӯроварӣ ба занон ҳолати оддӣ шуда, мудҳишаш он аст, ки қисми калони аҳолӣ инро ҳолати оддӣ медонанд. Дар кишварҳои Африка ғуломдории замонавӣ ҳам муаммои дигар шуда мондааст. Хусусан, ҳолати ғуломии бачаҳо ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш андохтааст. Ҳоло миллионҳо нафар бачаҳо дар кишварҳои Африка ҳолати ғуломиро аз сар мегузаронанд.



Харитаи нобаробарии гендерӣ: ранги сабз—дараҷаи пасти нобаробарии гендерӣ; ранги сурх—дараҷаи баланди нобаробарии гендерӣ.




**Соли 2011 дар Либия исёнҳои зидди ҳукуматӣ сар шуд.**

**Соли 2014 дар интихоботи дар Миср баргузоршуда Фаттоҳ Ас-Сиси президенти мамлакат интихоб шуд.**

Ин гуна кулфатҳо ҳолати кисми калони Африкаи Тропикӣ ва Ҷанубиро ифода менамояд. Инқирози ичтимоию иқтисодӣ беш аз пеш пурзӯр мешавад. Дараҷаи баланди афзоиши аҳолӣ муаммои бекориро боз ҳам тезутунд кард. Кам шудани талаботи бозори ҷаҳонӣ ба ашёи хоми Африкаи Тропикӣ ва Ҷанубӣ ба иқтисоди мамлакатҳои минтақа зарари калон расонд. Дар аксари мамлакатҳои Африка даромади солона

ба ҳар сари аҳолӣ аз солҳои 1960 ҳам паст фаромада рафт. Фақат дар ибтидои асри XXI дигаргуниҳои мусбӣ сар шуданд. Аммо дар асри XXI аниқ аст, ки дар назди африкоиҳо муаммоҳои калон меистад. Муаммои демографӣ яке аз муаммоҳои бузургтарин аст. Сарфи назар аз қашшоқӣ, бемориҳои мудҳиш дар ибтидои асри XXI афзоиши солонаи аҳолӣ дар кишварҳои Африка хеле баланд аст. Бино ба маълумоти СММ аҳолии Африка соли 2050 ба 3 млрд нафар мерасад. Ин дар асри нав аз мавҷуд будани муаммоҳои хеле калон дар назди Африка далолат медиҳад.



**Моҷарои этно-конфессионалӣ** – яке аз шаклҳои моҷарои этникӣ буда, зимни он зиддияти этникӣ ба зиддияти динӣ омехта мешавад.

**Нобаробарии** – гендерӣ нишонаи муҳими сохти иҷтимоӣ буда, бинобар ин имкониятҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, дар айни ҳолат имкониятҳои мардон ва занон дар ҷамъият аз якдигар бисёр фарқи калон пайдо мекунанд.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Дар асри XXI дар Миср фундаментализми исломӣ дар ҳаёти сиёсӣ чӣ гуна рол бозид?
2. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI инқилоб ва табаддулотҳои кишварҳои *Либия* ва дигар мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ ба кадом оқибатҳо оварда расонд?
3. Дар кишварҳои Африка хотима ёфтани “ҷанги сард” кадом чараёнҳоро ба вуҷуд овард?
4. Дар асри XXI дар назди кишварҳои Африка кадом муаммоҳои бузург истодаанд?

## Кори мустақилона



Масъалаи муаммоҳо ва муваффақиятҳои тараққиёти давлатҳои Африкаро дар асоси нақшаи Т таҳлил кунед, ба дафтаратон нависед.

# БОБИ III. МУАММОҲОИ ТАМАДДУНИ ҶАҲОНӢ ДАР ИБТИДОИ ҲАЗОРСОЛАИ НАВ

## МАВЗӮИ 27. МУАММОҲОИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯ, ХАВФУ ХАТАРҲОИ ҲАРБӢ, ЭКСТРЕМИСТӢ ВА ЭКОЛОГӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XX – ИБТИДОИ АСРИ XXI

**Муаммоҳои глобализатсия.** Зери истилоҳи глобализатсия (globus-кураи замин) ҷараёнҳои умумиҷаҳонии интегратсия шудан ва унификатсияшавии иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ фаҳмида мешавад. Глобализатсия ҷараёни объективӣ ва низомдор буда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад.

Дар натиҷаи глобализатсияи иқтисодиёт пешрафту бӯҳронҳои иқтисодӣ характери глобалии умумиҷаҳонӣ гирифта истодаанд. Низоми ахбороти замон имконият дод, ки капитали молиявӣ хеле зуд ҳаракат намояд ва бозори молиявӣ бетаваққуф фаъолият намояд.



Глобализатсия оё ғарбишавӣ аст?

Ҷараёни глобализатсия дар соҳаи маданӣ ба натиҷаҳои зиддиятнок ҳам оварда расонид. Аз як тараф дар ҷараёни глобализатсияи маданӣ интернет, ҳамкории байналмилалӣ, кинофилмҳо, китобҳо ва дигар маҳсулоти меҳнати эҷодӣ роли калон мебозад. Аз дигар тараф ҳодисаҳои мадании байналмилалӣ, ки сифати чандон баланд надоранд, шакли оммавӣ пайдо намуда, ба инкишофи маданиятҳои миллӣ хавф меоранд. Масалан, ҳоло ҷараёне, ки "маданияти оммавӣ" ном гирифтааст, ҳамин гуна ҳодисаест, ки ба ҳолатҳои манфӣ оварда расонданаш мумкин.



**Соли 1927 нахустин филми овозии дар Ню-Йорк намоиш додашуда чӣ ном дошт?**

Глобализатсия ҷарёни мураккаб аст, ки онро як хел баҳо додан мумкин нест. Дар ин ҷараён ҳар як халқ ҳаракат менамояд, ки мақоми худро, худшиносиашро нигоҳ дорад. Ғарбишавии тамаддуни анъанавӣ дар Осиё ва Африка хеле мураккаб сурат гирифтааст. Ба назар чунин мерасад, ки дар ин ҷамъиятҳо меъёрҳои низоми арзишҳои Ғарбро бар зидди асосҳои маънавию ахлоқии ҷамъиятҳои анъанавӣ ҷорӣ намудан дар асрҳои наздик ҳодисаи илоҷнадошта аст. Баръакс, боло рафтани роли баъзе кишварҳо, аз қабили Хитой ва Ҳиндустон дар соҳаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва сиёсат ба арсаи дунё баромадани арзишҳои маънавию ахлоқиашро ба амал овард. Ин бошад ба ҷамъияти Ғарб имконияти аз бӯҳрони маънавии чуқуршуда баромаданро доданаш мумкин.



**“Маданияти оммавӣ” – ин ...**
**Глобализатсия – ин ...**
**Ғарбишавии тамаддуни анъанавӣ ...**

**Хавфу хатарҳои ҳарбӣ.** Дар солҳои 50-уми асри XX як гурӯҳи олимони машҳури дунё ҷаҳониёнро огоҳ намуданд, ки истифодаи оммавии силоҳи ядроӣ ба пурра нобуд шудани тамаддун оварда мерасонад. Дар асл ҳам силоҳи ядроӣ нисбат ба ҳамаи офатҳои табиӣ қудрати бештари вайронкуниро дорад. Ба туфайли пайдо шудани ин силоҳ дар дунё бори аввал хатари худро ба дасти худ нобуд кардани инсоният ба вуҷуд омад. Ҳоло барои ба ҳалокати муқаррарӣ овардани тамаддун истифодаи 1 фоизи ҷамъи силоҳи ядроӣ кифоягӣ мекардааст. Дар айни вақт хавфу хатари ҳарбӣ барои инсоният дар асри XXI низ бартараф нашудааст. То даме, ки зиддиятҳо ва нобовариҳо байни ду давлати бузургтарини дорои силоҳи ядроӣ – ШМА ва Россия боқӣ мемонад, хавфи ҷанги ядроӣ ҳам бартараф намешавад, инсоният аз хавфи ин ҷанг эмин намемонад. Инчунин, мутассил зиёд шудани шумораи давлатҳои дорои силоҳи ядроӣ ё давлатҳое, ки имконияти зуд истеҳсол кардани вайро доранд, ба сари инсоният хатари азим шуда мемонад.

Ба туфайли муваффақиятҳои кимё ва муҳандисии ген имкониятҳои такомули силоҳҳои кимёвӣ ва бактериологӣ низ инсониятро ба ташвиш овардааст. Нисбатан арзон будани истеҳсоли ин гуна аслиҳа, мураккабшавии назорати онҳо, имконияти нобудсозии одамони бештар, хавфи дар манбаъҳои задухӯрдҳои хурд пайдо шудани ин силоҳҳоро ба вуҷуд овардааст.

**Экстремизм ва терроризм.** Вақтҳои охир дар байни аксари муаммоҳои ҷомеаи замонавӣ ду муаммое, ки бо якдигар хеле зич вобастаанд, – экстрермизм ва терроризм нақши алоҳида доранд. Экстремизм ва терроризм ба аризишҳои иҷтимоии инсоният зарари калон расонда, ҳисси ҳимояшавии инсонро дар ҷамъият поймол менамоянд.

Экстремизм назария ва амалиётест, ки бо усулҳои манъшуда расидан ба мақсадҳои иҷтимоию сиёсӣ, динӣ ва миллиро дорад. Зери мафҳуми усулҳои манъшуда истифода аз қувва, бо роҳи зӯрӣ таҷовуз кардан ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дониста мешавад, ки онҳо дар қонун манъ шудаанд.



Қиёфаи даҳшатноки терроризм

Экстремист ҷиноятчии “ғоявист”, ки онҳоеро, хусусан, ҷавононеро, ки ба ҳақ будани ғояҳои сиёсӣ, динӣ ё дигар ғояҳои хатарноки истимоӣ бовар доранд, ба афкорашон ҳамон ғояҳоро ҷой карданӣ мешавад. Ҳоло чунин гурӯҳҳои экстремистӣ ҳастанд, ки ғояҳои мутаассибонаи худашонро исбот намуда, онҳоро ба асоси ҷамъият табдил доданӣ ҳастанд, дар фаъолияти худ аз усулҳои мудҳиши ғайриинсонӣ истифода мебаранд.

Шакли аз ҳама хавфноктарини экстремизм терроризм аст. Терроризм мафкура ва амалиётест, ки ба воситаи тарсонидани аҳолӣ ё ҳаракатҳои дигари зидди қонунии вобаста бо роҳи зӯрӣ ба чараёни қабули қарорҳо аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ таъсир расонданӣ мешаванд. Яъне террористон бо ваҳшонияти беҳад, масалан, ба воситаи тарконидани ҷойи ҷамъшудаи аҳолӣ, содир намудани қатли оммавӣ барои гирифтани ҳокимият ҳаракат менамоянд. Онҳо ҳоло хусусан аз ниқоби динӣ васеъ истифода мебаранд. Масалан, ташкилотҳои террористие ба монанди "Ал-Қоида", ДИШИ дини исломро ниқоб карда, имрӯз дар дунё ба хавфи аз ҳама калони экстремистӣ ва террористӣ табдил ёфтанд. Инсонҳои ин хатарро дарк накарда ё то охир нафаҳмида, хусусан, ҷавонон ба доми ин террористон афтида истодаанд. Дар бобати паҳннамоии ғояҳои экстремистӣ Интернет ва дигар воситаҳои замонавии ахборот ҳам роли муайяни манфӣ бозида истодаанд.

Ҳолати нооромии Шарқи Наздик, аз он ҷо даҳҳо ҳазор гурезаҳо роҳи Европаро пеш гирифтанашон хавфи терроризмро дар сартосари дунё тезутунд кард. Аз ҳама хавфнокаш тарсу ваҳм ва ҳисси хавотирӣ, ки ба одамони ин замон бегона аст, тамоми дунёро фаро гирифта истодааст.

**Муаммои захираҳои табиӣ ва ифлосшавии биосфера.** Боз як хавфе, ки ба ҳаёти Кураи замин таҳдид менамояд, бо фаъолияти истеҳсолии инсон вобаста аст. Таъсири манфии фаъолияти истеҳсолии инсон ба биосфераи Замин беш аз пеш зиёд шуда истодааст. Солҳои охир қабати озон, ки сайёраамонро аз нурҳои радиоактивии офтоб ҳимоя менамояд, вайрон шуда истодааст. Дар натиҷаи он хавфи ба бемории саратон гирифтор шудани одамон, касалиҳои ҳайвонот ва наботот афзудааст. Ба миқдори зиёд хориҷ шудани газу дуд ба атмосфера ба дигаршавии глобалии иқлим оварда расонд. Ҳарорати миёнаи солонаи сайёра сол то сол гарм шуда истодааст. Дар оянда дар натиҷаи об шудани яххои қутб, қабатҳои пиряххои Гренландия ва Антарктида, боло баромадани сатҳи уқёнуси дунё садҳо шаҳрҳои соҳилҳо, заминҳои серҳосил зери об монданашон мумкин.

Яке аз муаммоҳое, ки дар Ӯзбекистон ҳалли таъхирнопазирро талаб мекунад, муаммои баҳри Арал аст. Дар тӯли чил соли охир ҳавзаи баҳри Арал чандин маротиба кам шуд, бо маъдан пӯшида шудани он даҳҳо бор зиёд гашт, барои зисти организми зинда шароит намонд. Ҳоло бештар аз 90 фоизи бахр хушк шудааст. Ин ҳолати нохуш ба саломатии аҳолии соҳили Арал, хусусан, бачаҳо, генофонди миллат, софии табиати атроф зарари ҷиддӣ расонда истодааст. Ҳоло қисми зиёди

аҳолии Кураи замин дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд ва онҳо нисбат ба пешина бештар зери таъсири ахборот монда истодаанд. Дар оқибати он бемориҳои асаб-психологик, саратон ва қалб зиёд шудааст. Дигаргуниҳо дар тарзи зисти дар тӯли садсолаҳо ташаккулёфта, хусусан, бар оқибати тағйирот кам шудани ҳаракат ҳам ба саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонад.



Газҳои заҳрнок—муаммои глобалии инсоният

Албатта, дар боло зикршудаҳо, ҳамаи муаммоҳои ҳалталаби инсониятро фаро намегиранд. Баъзе аз онҳо, масалан, бӯҳрони маънавии инсоният, фасоди ахлоқӣ барин муаммоҳо хеле мураккаб буда, ҳал намудани онҳо барои ҳимояи инсоният ва таъминкунии инкишофи он дар оянда фавқулодда муҳим мебошанд. Монанди онҳо барқарор намудани мувозинати ҷамъият ва табиат, ба ҳам мутобиқ сохтани ҷараёнҳои экологӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ, бартарафсозии бӯҳрони иҷтимоӣ ва дар натиҷа ҳифзи тамаддуни башарият дар назди инсоният вазифаи оламшумули мураккаб аст. Ҳалли ин муаммоҳо аз инсоният пеш аз ҳама ҳамкорӣ ва ҳамбастагиро тақозо менамояд.



**Унификатсия** – ба як низом ва ба як шакл овардан.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Чараёнҳои глобализатсия дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ дар чиҳо намоён аст?
2. Ба бад шудани муҳити атроф ва саломатии инсон кадом омилҳо сабаб шуда истодаанд?
3. Хавфи ғояҳои экстремистӣ дар кадом ҳолатҳо (зуҳурот) намоён мегардад?
4. Хавфи экстремистии гурӯҳҳои динии мутаассиб ҳоло дар чист?
5. Чаро терроризм намуди хатарноктарини экстремизм аст?
6. Кам шудани захираҳои табиӣ ва ифлос шудани атмосфера дар назди инсоният кадом муаммоҳоро гузоштааст?

## Кори мустақилона



Дар мавзӯи “Экстремизм ва терроризм—заволи тараққиёт” тақдимот тайёр кунед ва дар шакли видеоролик дар машғулоти маҳфил намоиш диҳед.



Бо ёрии интернет масъалаи муаммоҳои захираҳои ресурсҳои табиии дунё ва ифлосшавии биосфераро таҳлил кунед.

Ҳалли муаммоҳои мазкурро дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар дафтаратон нависед.

## МАВЗӮИ 28. ТАРАҚҚИЁТИ БОСУБОТ ВА МУАММОҲОИ ЭТНО–ИҶТИМОӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XX–ИБТИДОИ АСРИ XXI

**Муаммоҳои инкишофи босуботу бехавф.** Инкишоф ё тараққиёти босубот ҷараёни дигаргуниҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, дар он истифода аз захираҳои табиӣ, сафарбаркунии инвеститсияҳо, муқаррар намудани самтҳои инкишофи илмию техникӣ, инкишофи шахс ва тағйироти институтсионалӣ ба ҳам мутобиқ карда, барои қонеъ намудани эҳтиёҷот ва кӯшишҳои инсон имкониятҳои имрӯз ва истиқболии он пурзӯр гардонда мешавад. Мақсад аз онҳо таъмин намудани тарзи зисти сифатноки инсонҳо мебошад.



**Созмони Милали Муттаҳид ба кадом мақсад ташкил карда шуд?**

Тараққиёти бехавфи суботи инсоният аз бисёр ҷиҳат ба ҳамкории байналмилалӣ вобаста аст. Кам намудани сарфи энергия ва захираҳои саноат ва ба сохти постиндустриалии ба технологияҳои олӣ асосёфта гузаронидани он бори бар зиммадошта тамаддуни ҳозираро сабуктар мекунад. Масалан, дар давоми 50 соли охир бинобар натиҷаи комёбиҳои илмӣ кам намудани сарфи сӯзишворӣ дар дунё исбот кард, ки аз табиат дар асоси технологияҳои баланд сарвати зиёд нагирифта, муҳити атрофро ифлос накарда, имконпазирии истеҳсоли маҳсулот ҳаст.

Дар баробари андешидани чораву тадбирҳо аз тарафи давлатҳои алоҳида оид ба ҳимояи табиат дар ин соҳа ҳамкории байналмилалӣ инкишоф меёбад. Дар конференсияи соли 1992 дар шаҳри Рио-де-Жанейро баргузоршуда оид ба ҳимояи муҳити атроф ва тараққиёти босуботи ҳаракат дар асри XXI, аз ҷумла барномаи тартиб додани консепсияи инкишофи босуботу бехавф барои тамоми инсоният қабул карда шуд. Мамлакатҳои бузурги дунё ӯҳдадории кам намудани истихроҷи моддаҳои ба қабати озон зараркунанда ва баъдтар қатъ кардани онро бар зимма гирифтанд. Давлатҳои аз технологияҳои ядроӣ истифодабаранда дар бобати бехатарии стансияҳои барқии атомӣ ба стандартҳои байналмилалӣ риоя мекунанд.

Сарфи назар аз инҳо барои ҳалли муаммои гузашта ба модели тараққиёти босуботиу бехавф дар миқёси глобалӣ, умумиҷаҳонӣ ҳоло

шароит фароҳам оварда нашудааст. Аммо инсоният дар ин самт инкишоф меёбад, ҳамкорӣ давом мекунад. Ин боварии инсониятро ба фардо мустаҳкам менамояд.




Ифлосшавии муҳити атроф ба муаммои асоситарини глобалии замонамон табдил ёфтааст

**Муборизаи зидди нажодпарастӣ ва поймолкунии нажодӣ.** Тадбирҳо ба нарм намудани ихтилофи нажодии ҷамъият равонашуда қабул намудани қонунҳоро оид ба баробарҳуқуқии этникҳои камшумор, аз ҷумла, барои мустаҳкам сохтани ҳуқуқҳои соҳаи иҷтимоиро дар бар мегирад. Ин гуна қонунҳо аввал дар СССР, ШМА ва мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ қабул карда шуданд. Хусусан, дар Европа барои мустаҳкам намудани қонунҳои зидди поймолкунии нажодӣ тадбирҳо андешида шуданд.



**Поймолкунии нажодӣ – ин ...**
**Стансияҳои барқии атомӣ – ...**
**Консепсияи тараққиёти босуботу бехавф – ин ...**



Халқҳои дунё зидди нажодпарастӣ ҳастанд

Ташкилотҳои ғайридавлатии ҷамъияти шаҳрвандӣ ба муаммоҳои иҷтимоӣ ва мақоми сиёсии миллатҳои камшумор эътибори алоҳида медиҳанд. Масалан, дар иттифоқҳои касаба шӯъбаҳое ташкил шуданд, ки манфиатҳои намояндагони миллатҳои камшуморро ифода мекунанд. Партияҳои намоёни сиёсӣ шӯъбаҳои мазкурро ташкил намудаанд. Ба парламент, ба мақомоти маҳаллии ҳокимият номзади намояндагони миллатҳои камшумор нишон дода шуд. Соли 1987 дар Британияи Кабир бори аввал чаҳор нафар аз ҷумлаи этники камшумор ба палатаи ҷамоатӣ интихоб шуд. Баъд Дэвид Динкинси сиёҳпӯст мири шаҳри Ню-Йорк, афроамерикоӣ Барак Ҳусайн Обама президенти ШМА, Содиқ Амонхони аслаш аз балуҷҳо мири шаҳри Лондон интихоб шуд.

Аммо соли 2015 дар чандин шаҳрҳои ШМА аз тарафи политсиячиён ва нажодпарастон америкоиёни сиёҳпӯст кушта шуданд, ин ҳолат Б. Обамаро маҷбур намуд эътироф кунад, ки дар ШМА ҳанӯз муаммои нажодӣ ҳалталаб мондааст.

**Муаммоҳои этно-иҷтимоӣ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI.** Дар охири асри XX давлатҳое, ки захираҳои калони моддӣ надоштанд, низ ба муаммоҳои этно-иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омаданд. Аслан, дар асри XXI моҷароҳои этно-иҷтимоӣ нисбат ба муборизаҳои синфии асри гузашта ҳам манбаи муаммоҳои ҷиддитар буданашро нишон дод.



Ҳамбастагии байни миллатҳо – роҳи самарбахши ҷилавгирии моҷароҳои этникӣ

Дар дунё аз нисфи ками 164 давлати аҳолиаш беш аз 1 миллион нафар буда якмиллата, яъне давлатест, ки аҳолии асосиаш мансуб ба як миллат мебошад. Давлатҳои дигар аҳолиашон гуногунмиллат аст.

Таркиби бисёрмиллатии аҳолӣ дар ин давлат пайдо шудани моҷароҳои этно-иҷтимоиро муқаррар карда наметонад. Дар мамлакатҳои аҳолиашон гуногунмиллат, масалан, дар Ўзбекистон анъанаи зиндагони тифоқонаи миллатҳои гуногун ташаккул ёфтааст. Аммо дар баъзе ҳудудҳои дунё тезутунд шудани моҷароҳои этникӣ рўй дода истодаанд. Аз нисфи зиёди моҷароҳои низомие, ки дар охири солҳои 1980 рўй доданд, дар заминаи моҷароҳои байниэтносӣ, дар дохили як давлат ба амал омадаанд. Дар он вақт майдони асосии он моҷароҳо дар кишварҳои Осиё ва Африка ҷойгир буданд.

Аммо пас аз пароканда шудани СССР дар ҳудуди собиқи он даҳҳо манбаъҳои тезутундии байниэтносӣ ба вуҷуд омад. Дар солҳои 1920 ҳангоми гузаронидани тақсимоти миллию ҳудудӣ дар байни республикаҳои шўравӣ (советӣ) омилҳои этникӣ ба инобат гирифта нашуда буд, дар оқибати он аксари аҳолӣ берун аз ҳудуди республикаҳои миллии худ монд. Ин муаммо дар республикаҳои назди Кавказ ва Осиёи Миёна баъди пошхўрии СССР баръало эҳсос гардид. Ин омил барои дар ин ҳудудҳо сар задани бисёр моҷароҳои байниэтносӣ сабаб шуд.




**Соли 1992 дар шаҳри Рио-де-Жанейро оид ба ҳимояи муҳити атроф ва тараққиёти босубот конференсия баргузор шуд.**

**Дэвид Динкинси сиёҳпўст мири шаҳри Ню-Йорк, афроамерикоӣ Барак Ҳусайн Обама президенти ШМА, Содиқ Амонхони аслаш аз балуҷҳо мири шаҳри Лондон интихоб шуд.**

Дар замони шўравӣ бинобар он, ки потенсиали саноатии ҳамаи республикаҳо як хел тараққӣ накарда буданд, баъди пошхўрии СССР ба манбаи муаммоҳои этно-иҷтимоӣ табдил ёфтанд. Хусусан, аз солҳои 2000 сар карда ба Федератсияи Россия ба таври оммавӣ омадани муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин ҷо ҳолати этно-иҷтимоиро тезутунд намуд.

Хулоса, муаммоҳои этно-иҷтимоӣ, ки маҳсули зиддиятҳои калони сиёсию ҳарбии асри XX буданд, дар охири аср дар натиҷаи рўй додани бўҳронҳои сиёс- дар Европа, пароканда шудани СССР ва лагери сотсиалистӣ боз ҳам авҷ гирифтанд. Дар асри XXI поймолкуниҳо, пастзаданиҳои нажодию динии инсонҳо гарчанде кам шуданд, муаммоҳое, ки бо нобаробарии иҷтимоӣ, ҷараёнҳои мигратсия вобастаанд, ҳамон боқӣ мондаанд.



**Дигаргуниҳои институтсионалӣ** – қисми таркибии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ буда, дар инкишоф ва тағйироти институтҳои иҷтимоӣ намоён мешаванд.

**Потенсиал** – ҳамаи имкониятҳо, ҷамъи воситаҳои мавҷуда дар ягон соҳа, ба маънои васеъ воситаҳои “захиравӣ” мебошад.

**Нажодпарастӣ** – назарияи ғайриилмӣ, реаксионӣ (иртиҷоӣ) дар бораи нобаробар будани нажодҳо, ҳукмронӣ кардани нажодҳои “олӣ” болои нажодҳои “паст” мебошад.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. Зери мафҳуми муаммоҳои этно-иҷтимоӣ чиро мефаҳмед?
2. Ҷараёнҳои мигратсионӣ ба муносибатҳои этно-иҷтимоӣ чӣ гуна таъсир мерасонанд?
3. Зери истилоҳи нажодпарастӣ ва поймолкунии нажодӣ чиро мефаҳмед?

4. Таъсири ҷараёнҳои миграционӣ ба муносибатҳои этно-иҷтимоӣ дар чиҳо намоён мешавад?

5. Пайдо шудани моҷароҳои байни этносҳо дар собиқ республикаҳои советӣ баъди пошхӯрии СССР кадом сабабҳо доштанд?

### Кори мустақилона



Дар асоси таҳлили қиёсии мафҳумҳои "Мубориза бар зидди поймолкуниҳои нажодӣ" ва "Муаммоҳои этно-иҷтимоӣ" шаклҳои онро дар дафтаратон нависед.

## МАВЗӮИ 29. ТАРАҚҚИЁТИ ИЛМИЮ ТЕХНИКӢ. ИЛМ, АДАБИЁТ, САНЪАТ ДАР ОХИРИ АСРИ XX – ИБТИДОИ АСРИ XXI

ИИТ ва натиҷаҳои он. Инқилоби илмию техникии нимаи дуюми асри XX натиҷаи қонунии инкишофи илму техника дар давоми сад соли охир шуд. Нишонаҳои асосии ин инқилоб ба таври оммавӣ истеҳсол кардани маҳсулоти аз масолеҳи табиӣ ва сунъӣ (синтетикӣ), истифодаи васеъ аз мошинҳо, офарида шудани линияҳои конвейерии истеҳсолот, заводу фабрикаҳо ва роботҳои саноат ба ҳисоб меравaнд. ИИТ мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳонро аз марҳилаи индустриалии тамаддун ба даври постиндустриалӣ баровард.



**Салафи (пешгузаштаи) интернет Arpanet кай кашф шудааст?**

Босуръат инкишоф ёфтани ахборот ва технологияҳои нав, дар 30 соли охири асри XX инқилоби технологии нави рӯйдода, компутеркунонии умумӣ ва ҷамъиятро бо ахборот фаро гирифтан, интеллектнокшавии истеҳсолот барин ҷараёнҳо дар кишварҳои мутараққӣ ҷамъиятро мутлақо ба ҳолати нав баровардaнд. Инро олимон "ҷамъияти ахборотӣ" номидаанд. Бино ба фикри олимон, "ҷамъияти ахборотӣ" зинаи хеле баланди баъди ҷамъияти индустриалӣ мебошад. Ҳоло дар кишварҳои мутараққии

индустриалӣ шумораи аҳолии бо меҳнати интеллектуалӣ банд ба нисфи қувваи корӣ наздик шудааст. Дар ШМА ва Япония ин нишондиҳанда боз ҳам баланд аст. Агар дар Африка аз се ду қисми аҳолӣ бо хоҷагии қишлоқ банд бошад, дар ШМА ин нишондиҳанда 3 фоизро ташкил мекунад. Дар ШМА 80 фоизи аҳолӣ дар соҳаи технологияҳои ахборот меҳнат мекунад.



Илм ва технологияҳо

**Фанҳои табиатшиносӣ ва тиббиёт.** Инкишофи биология, биокимё ва тиббиёт дар нимаи дуюми асри XX ба якбора дигар шудани ҳаёти инсон, ба гузариш ба марҳилаи сифатан нави ҷамъияти индустриалӣ оварда расонд. Дар асри XX сиёҳгул (қорачечак), гриппи испанӣ, вабо, вараҷа, сил, табларза барин бемориҳо сабабгори марги наздики 1 миллиард нафар одам шуд. Дар охири аср бемории нави сирояткунанда СПИД пайдо шуд. Сарфи назар аз ин, айнан дар асри XX акнун дар таърих бори аввал бемориҳои сирояткунанда сабаби марги одамон намешудагӣ гардиданд. Дар натиҷаи комёбиҳои инқилобии фанни биология, хоҷагии қишлоқ ва тиббиёт аҳолии Кураи замин аз якуним миллиард нафар дар

охири аср ба шаш миллиард нафар расид. Бар зидди бисёр бемориҳо ваксинаҳо ихтироъ шуданд. Комёбиҳои техникаи тиббӣ ба беҳбудии ҳаёти инсон ва ба дароз шудани умри он оварданд.

**Тағйирот дар низоми арзишҳо (қадриятҳо).** Такмил ёфтани воситаҳои ахбори оммавӣ онҳоро ба воситаи қудратманди таъсиррасонӣ ба шуур, рафтор ва кайфияти инсонҳо табдил дод. Дар нимаи дуюми асри XX ба воситаи радифи сунъӣ намоиш додани барномаҳои телевизионӣ оғоз ёфт, барои байналмилалӣ шудани ҳаёти маънавии инсоният ба воситаи офаридани шабакаи глобалии компутер шароит ба вуҷуд омад. Ба ин муносибат дар одамон савол пайдо шуд: айнан кадом арзишҳо, ғояҳо, тамсилот, тасаввурот акнун характери умумӣ (универсалӣ) касб менамоянд, барои ҳама қобили қабул мешаванд? Бояд гуфт, ки ҳоло бозори ҷаҳонии ба худ хоси ғояҳо, арзишҳои маданӣ пайдо шуд. Дар он давлатҳои пурзӯр барои таъмини таъсири сиёсӣ ва фарҳангии худашон мубориза бурда истодаанд.

Дар ҳама ҷо паҳн шудани барномаҳои радио ва телевизион, баланд шудани дараҷаи саводи аҳолӣ дар аксар мамлакатҳо эҳтиёҷро ба маҳсулоти бадеии зуд фоида меовардагӣ, барои истеъмолгари оммавӣ пешбинишуда зиёд кард.

Маданияти оммавӣ нафақат барои дилхушӣ, балки бо мақсади мафкуравии муайян ба пайдо шудани саноати томи истеҳсолкунандаи маҳсулоти аудио ва видеои дилхушкунандаи оммавӣ оварда расонд. Корпоратсияҳои бузургтарини дунё дар онҳо имкониятҳои пурқудрати бевосита ё билвосита реклама намудани маҳсулоти худро диданд. Машҳур будани "ситорагон"-и кино, эстрада ва варзиш барои тақлид ба тарзи зист, либоспӯшӣ, нуқтаи назари ҳаётӣ ва сиёсии онҳо аз тарафи аксарият, хусусан ҷавонон ба намуна табдил ёфт.



**Дар нимаи дуюми асри XX ...**
**ИИТ – ин ...**
**"Ҷамъияти ахборотӣ" – ...**
**Бемории нави сирояткунанда ...**

Вақтҳои охир тамаддуни Ғарб, ки ба объекти тақлиди бисёр халқҳо табдил ёфтааст, дар баробари мафҳумҳои инноватсияҳои техникӣ ва технологӣ, демократия ва ҳуқуқҳои инсон ҷиҳатҳои нав ба нави толерантии маданиро намоён карда истодааст. Дар як қатор кишварҳои Ғарб қонунӣ намудани ташкили оила байни одамони якҷинса, гарчанде ба урфу одат

ва дин зид ҳастанд, кӯшишҳо барои ба дигар ҷойҳо оммавӣ намудани ин одатҳо аз тарафи аксарият ба сифати бӯҳрони маънавии ҷамъияти Ғарб дар шароити имрӯза баҳо дода мешаванд. Аз ин сабаб дар худи Ғарб ҳам маданияти оммавӣ аз ҷониби аксар файласуфон, ҷамъиятшиносон ва маданиятшиносон ҳамчун ҳодисаи хеле ташвишовар боиси муҳокима шудааст. Аз сабаби он ки он одамро ба қабули сабуки ахборот даъват мекунад, ҳамчун манбаи фасоди интеллектуалӣ арзёбӣ мешавад. Бино ба фикри олимон, маданияти оммавӣ ба ҳаракати инсон дар роҳи расидан ба мақсад ва ба рӯйи об баровардани он муқобилият мекунад. Модели тақлидбозии хулқу атвор психологияи тайёриро ба сусткашӣ, зуд мутобиқ шудан, яъне дунёро, ҳастиро чӣ гунае ҳаст, ҳамон тавр қабул кардан ташаккул медиҳад.

**Адабиёт.** Дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ҷараёнҳои адабӣ зуд тағйир ёфтанд, дар ҳар як даҳ сол дар адабиёт ҷараёни нав пайдо мешавад, мактабҳои нав ба вуҷуд меоянд. Адабиёти ин давр ҷараёни ҷустуҷӯи интеллекуталиро давом медиҳад ва он ба сӯйи дарки эҳтиёҷот ва усулҳои инкишофи ҷамъияти замонавӣ мекӯшад.

Дар ибтидои асри нав яке аз асарҳое, ки ба бисёр забонҳо тарҷума шуда, боиси баҳси калон гардид, романи адиби афғонистонӣ Холид Ҳусайни бо номи "Одаме, ки аз дунболи шамол медавад" мебошад. Воқеаҳои роман дар Кобул, ҳангоме, ки ҳаракати "Толибон" ба авҷ баромада буд, рӯй медиҳанд. Асар аз таърихи дӯстии Амир ва Ҳасан нақл мекунад. Дар асар аз хусуси асосҳои маънавии дӯстии одамон ва ӯҳдадориҳои онҳо сухан меравад. Асар баъд аз воқеаҳои сентябри соли 2001 чоп шуд, аз ин рӯ таваҷҷӯҳи зиёд пайдо намуд.

Боз як асаре, ки дар асри XXI ба китобхони ӯзбек расид, асари машҳури адиби бразилиягӣ Пауло Коелё – романи "Алкимёгар" аст. Асар оид ба ҷавонӣ, орзу ва кӯшиш барои расидан ба он аст. "Ба Сарнавишти худ расидан – чунин аст вазифаи ҳақиқии инсон", – менависад П. Коелё.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI яке аз асарҳои машҳуртарине, ки ба эътибори аҳли ҷаҳон сазовор шудааст, романҳои "Гарри Поттер"-и нависандаи англис Ҷоан Роулинг аст. Олимон ба аҳамияти тарбиявии ин асар баҳои баланд додаанд. Вай ба саргузашти навраси ихтирогар Гарри Поттер, ки ба марг ҳам ғолиб меояд, бахшида шудааст. Асар дар бораи он, ки дунё аз ҳарвақта ҳам ба зоти шарифи ба инсонҳо некхоҳ, саховатпеша мӯҳтоҷ аст, роҳи нек ҳоло ҳам роҳи пуртазод ва вазнин буданаш аст. Инсонҳои софдил ба мисли Гарри Потер мушкилиҳоро паси сар намуда, қудрати инсонро нишон медиҳанд. Нависанда дар баробари

содиқ будан ба анъанаҳо ба офаридани олами бадеии хеле боэътимоди худ муваффақ шудааст.

Сарфи назар аз ин асарҳо, ҳоло ҷиҳатҳои тиҷоратӣ ва рекламавии адабиётро ҳам таъкид намудан лозим.

Ҷамъияти муосир бояд дарк намояд, ки адабиёт қисми муҳими интеллектуалии инкишофи он аст, ҷамъият бидуни адабиёт вуҷуд дошта наметавонад ва инкишоф ҳам намеёбад. Дар баробари пахши хабарҳои муҳими рӯз аз тараќи телевидение, радио ва шабакаҳои Интернет тақдим намудани китобҳои нав нашршуда, реклама намудани онҳо одати рӯзмарраи ҷамъият бояд бошад. Аслан ин қисми муҳими маданияти ҷамъияти муосир аст, инро набояд фаромӯш намуд.

**Санъат.** Санъати замонавӣ дар асоси анъанаҳои дар нимаи дуюми асри XX ташаккулёфта ташкил ёфт. Санъати ин давр пуртазод аст, баъзан ба он ҷустуҷӯи муқобили модернизм, ҳаракат барои офаридани забони нави санъат хос аст. Он дар образҳои нав, дар ҷараёни ҷустуҷӯи услуби нави ифода, воситаи номоддӣ ва материалҳо инъикос мегардад.

Технологияҳои нави замони ахборот, аз ҳам зиёд будани иттилоот (информатсия) ба зиддияти байни инсон ва машина оварда расонд. Ҳамчун роҳи ҳалли ин зиддият ба телекоммуникатсия асосҳои эстетикиро даровардан, онро аз функсияҳои расонидани ахборот озод кардан, хусусан, мазмуни намоишҳои телевизиониро бо миститсизми шарқона, решаҳои ирратсионалӣ мукаммал намудан пешниҳод карда мешавад. Интеллектро “кор нафармуда”, бевосита ба олами ботинии инсон муроиҷат кардан – ин тамоил дар графикаи компутер, офаридани видеороликҳо бирин навъҳои нави санъат, қисман санъати кинои замонавӣ мавриди истифода мегарданд.




**Дар нимаи дуюми асри XX, хусусан дар охири аср бемориҳои дилу раг ва саратон сабабгори асосии марги одамон шуданд.**

**Дар натиҷаи комёбиҳои инқилоб дар илми биология, хоҷагии қишлоқ ва тиббиёт аҳолии кураи замин аз яку ним миллиард нафар дар охири аср ба шаш миллиард нафар расид.**

Натиҷаи муҳимтарини пайдоиши шабакаи глобалии телекоммуникатсия, маданияти оммавӣ дар болороавии роли иҷтимоию сиёсии санъати бадеӣ намоён мешавад. Акнун санъат фақат аз инъикоси ҳаёт иборат нашуда,

ба омили ташаккулдиҳандаи воқеияти иҷтимоӣ ҳам табдил ёфт. Аз ин сабаб, чандин рассомон санъат дар "ҷамъияти постдемократӣ" ба аслиҳаи дасти ҳокимият табдил хоҳад ёфт, гуфта дар хавотиранд.



**Ваксина** – воситае, ки барои эм намудан бар зидди бемориҳои сирояткунанда истифода мешавад.

**Миститсизм** – шакли ҷаҳонбинии динию идеалистии моил ба мистика.

**Ирратсионализм** – дар омӯзишу дарки ҳастӣ имконияти шурро рад кардан, ё консепсияи фалсафие, ки имконияти шуурро маҳдуд меҳисобад.

**Маданияти оммавӣ** – маданияти маишӣ, дилхушкунанда ва ахборот, ки қариб ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъияти имрӯза даромада омадааст.

## Савол ва супоришҳо барои мустаҳкамкунӣ

1. ИИТ дар кишварҳои мутараққӣ дар кадом тағйироти сифатии ҷамъият ба назар мерасад?
2. Шумо ба хусусияти байналмилалӣ касб намудани низоми арзишҳо чӣ гуна нигоҳ мекунед? Зери он барои маданиятҳои миллӣ кадом хавф пинҳон аст?
3. Маданияти оммавӣ ба низоми арзишҳои ҷамъият чӣ гуна таъсир мерасонад?
4. Воситаҳои замонавии ахборот дар соҳаи адабиёт ва санъат кадом равияҳо ва муаммоҳои навро ба вуҷуд оварда истодаанд?
5. Аз намунаҳои адабиёти муосир, ки дар китоб оварда шудаанд, кадомашро медонед? Дар бораи онҳо нақл кунед.

## Кори мустақилона



Бо ёрии интернет дар мавзӯъи "Илм, адабиёт, санъат дар охири асри XX – ибтидои асри XXI" видеоролик тайёр кунед ва барои тақдимоташ тайёрӣ бинед.

## МУНДАРИЧА

Муқаддима ....... 3

## БОБИ I. КИШВАРҲОИ ДУНЁ ДАР ОХИРИ АСРИ XX—ИБТИДОИ АСРИ XXI

Мавзӯи 1. Муносибатҳои байналмилалӣ дар охири асри XX—ибтидои асри XXI ....... 4
Мавзӯи 2. Инқилобҳои демократӣ дар кишварҳои Европаи Шарқӣ ва пошхӯрии лагери сотсиалистӣ ....... 9
Мавзӯи 3. Пош хӯрдани давлати советӣ ва эълон шудани мустақилӣ дар собиқ республикаҳои советӣ ....... 15

## БОБИ II. КИШВАРҲОИ ДУНЁ ДАР СОЛҲОИ 1991—2017

Мавзӯи 4. Федератсияи Россия дар солҳои 1991 – 2017 ....... 19
Мавзӯи 5. Республикаҳои Украина, Беларус ва Молдова дар солҳои 1991 – 2017 ....... 23
Мавзӯи 6. Давлатҳои соҳили Балтика дар солҳои 1991 – 2017 ....... 29
Мавзӯи 7. Давлатҳои назди Кавказ дар солҳои 1991 – 2017 ....... 33
Мавзӯи 8. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 1991 – 2017 ....... 38
Мавзӯи 9. Инкишофи ҷараёнҳои интегратсионӣ дар кишварҳои Ғарб. Муносибатҳои Иттифоқи Европа ва ШМА ....... 44
Мавзӯи 10. Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар солҳои 1991 – 2017 ....... 48
Мавзӯи 11. Республикаи Федеративии Германия дар солҳои 1991 – 2017 ....... 52
Мавзӯи 12. Британияи Кабир дар солҳои 1991 – 2017 ....... 55
Мавзӯи 13. Франсия дар солҳои 1991 – 2017 ....... 60
Мавзӯи 14. Италия дар солҳои 1991 – 2017 ....... 64
Мавзӯи 15. Самтҳои асосии инкишофи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ ....... 68
Мавзӯи 16. Республикаи Халқии Хитой дар солҳои 1991 – 2017 ....... 72
Мавзӯи 17. Япония дар солҳои 1991 – 2017 ....... 77
Мавзӯи 18. Кишварҳои Осиёи ҷанубу шарқӣ дар солҳои 1990 – 2017 ....... 81

Мавзӯи 19. Республикаи Ҳиндустон дар солҳои 1991 – 2017 ............................ 85
Мавзӯи 20. Республикаи Туркия дар солҳои 1991 – 2017 ................................ 90
Мавзӯи 21. Республикаи Исломии Эрон дар солҳои 1991 – 2017 ................ 94
Мавзӯи 22. Покистон ва Афғонистон дар солҳои 1991 – 2017 ...................... 98
Мавзӯи 23. Сурия ва Ироқ дар солҳои 1991 – 2017 ....................................... 104
Мавзӯи 24. Давлати Исроил дар солҳои 1991 – 2017 ва муаммои Фаластин ........................................................................... 109
Мавзӯи 25. Кишварҳои Америкаи Лотинӣ дар солҳои 1991 – 2017 ........... 113
Мавзӯи 26. Кишварҳои Африка дар солҳои 1991 – 2017 ................................ 118

## БОБИ III. МУАММОҲОИ ТАМАДДУНИ ҶАҲОНӢ ДАР ИБТИДОИ ҲАЗОРСОЛАИ НАВ

Мавзӯи 27. Муаммоҳои глобализатсия, хавфу хатарҳои ҳарбӣ, экстремистӣ ва экологӣ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ........................................................... 124
Мавзӯи 28. Тараққиёти босубот ва муаммоҳои этно – иҷтимоӣ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ..................................... 130
Мавзӯи 29. Тараққиёти илмию техникӣ. Илм, адабиёт, санъат дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ..................................... 135

**Shuhrat Ergashev, Begzod Xodjayev,
Jamshid Abdullayev**

# JAHON TARIXI

**(1991–2017-yillar)**

O'rta ta'lim muassasalarining 11-sinfi ta'limi muassasalarining o'quvchilari uchun darslik

Birinchi nashr

*(tojik tilida)*

«TURON-IQBOL»
Toshkent, 100182. H. Boyqaro ko'chasi, 51-uy.
Toshkent – 2018

| | |
|---|---|
| Тарҷумон | Ш. Салимов |
| Муҳаррир | А. Шукуров |
| Муҳаррири бадеӣ | Э. Абдикаирова |
| Муҳаррири техникӣ | А. Юлдошева |
| Мусаҳҳеҳ | Ш. Бобоҷонов |
| Саҳифабанди компютерӣ | А. Муҳаммадиев |

Литсензияи нашриёт AI №223, 16.11.2012.
Ба чоп 29 июн соли 2018 рухсат дода шуд. Андозааш 70×90 $^{1}/_{16}$.
Чопи офсет. Гарнитураи «Palatino Linotype». Ҷузъи чопӣ 10,53.
Ҷузъи ҳисоби нашрӣ 9,95. Адади нашр 7 797.
Фармоиши № 18-280.

Дар матбааи Хонаи эҷодии табъу нашри «Ӯзбекистон» – и Агентии матбуот ва ахбори Ӯзбекистон чоп шудааст.
100011. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

*Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсии ба иҷора додашуда*

| Р/т | Исму шарифи хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

***Баъди ба иҷора дода шуда, дар охири соли хониш бозгардонида гирифта шудани китоб, ҷадвали дар боло овардашуда аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи мезонҳои баҳодиҳии зерин пур карда мешавад:***

| **Нав** | Ҳолати бори аввал ба истифодабарӣ дода шудани китоби дарсӣ |
|---|---|
| **Хуб** | Муқовааш яклухт, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Тамоми варақҳояш ҳаст, надаридааст, дар онҳо навишта ва раҳҳо нест. |
| **Қаноатбахш** | Муқовааш қат шудааст, андак хатҳо кашида шудааст, аз қисми асосии китоб ҷудо шудааст, аз тарафи истифодабаранда ба таври ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои кандашуда аз нав таъмир шудааст, ба баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст. |
| **Ғайриқаноатбахш** | Ба муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё тамоман нест, аз тарафи истифодабаранда ба таври ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо даридааст, варақҳояш намерасад, хат кашида шудааст.Китобро таъмир карда намешавад. |